# СЕБАРГА

Хуҷанд-2010

Text from http://farzonakhojaeva.wordpress.com/

PDF from http://zarowadk.ru/



# Дар чиллахонаи дил

Дуруд, эй қосиди фардо, шабат хуш боду рӯзат хуш,

Навиншоиву ноифшо, шабат хуш боду рӯзат хуш.

Видоъ, эй рафтаи ширин, шабат хуш буду рӯзат хуш,

Дуруд ояндаи зебо, шабат хуш боду рӯзат хуш.

Чӣ мерақсӣ даруни хонақоҳи сина рӯзу шаб,

Дил, эй дил, солики танҳо, шабат хуш боду рӯзат хуш.

Агарчӣ зери дасти туст, натвонӣ чашид охир

Аз ин қанду аз он ҳалво, шабат хуш боду рӯзат хуш.

Чӣ гулгардон, чӣ атрафшон, чӣ ҷоноҷон муҳаббат рафт,

Ба ёдаш низ салламно, шабат хуш боду рӯзат хуш.

Ало, инсон, дари баста, ба рӯи худ, барои худ,

Ту кай во мешавӣ, кай во, шабат хуш боду рӯзат хуш.

Муҳаббатномаҳои ман ба унвони Банӣ Одам

Дар он боло бишуд имзо, шабат хуш боду рӯзат хуш.

Себарга

Саре аз айну шину қоф баргир,
Ки сад исму мусаммо дорӣ имрӯз.
Мавлоно

Чун себаргаву сунбул
Бо се ҷузъу бо як кул
(Бе паролу бе самбул)
Меравад ҳама мавҷуд
Ҷониби Фариди худ.

Эй себаргаи аҳмар,
Сар баровар аз ховар.
Нағма зан, дили чангӣ,
Нағмаҳои афрангӣ.

Дил- себаргаи асрор
Мекунад фақат такрор:
Мақтаи суханҳо ишқ,
Ишқ, ишқ, танҳо ишқ.

******************************

Барги аввал айн,

Барги дуввум шин.

Барги саввум қоф.

Каъбаи сурхи ту медонад

Ин се ҳарферо, ки мекардам тавоф.

Ин себарга армуғони ман ба ҷашни зодрӯзи туст,

Эй азизи асри сиву чил,

Лутф кун, эй навтарин Инсони олам,

рӯ нагардон

Аз се барги дил.

Ғафлат

Рӯзе, ки нашъаҳои ҷавонӣ бадал шавад

Бар раъшаҳои пирӣ.

Тақвим аз миёнаи майдон кашон – кашон

Моро барад ба гӯшаи узлат,

Бар пушти пардаҳои фаромӯшӣ,

Бар сояи ҳақирӣ,

Шояд ҳамон замон

Мо маънии саодати «ҳоло» — ро

Эҳсос мекунем.

Ҳоло ҳанӯз на,

Ҳоло бад – ин даводави бемантиқ,

Ҳоло бад – ин тааҳҳуди беҳосил,

Ҳоло бад – ин талошу ҳаёҳӯи беҳадаф

Мо хешро нафас ба нафас гӯр мекунем,

Мо ҳеҷро қадам ба қадам сур мекунем.

Дар сари мост паркушоянда

Фикри дарёфтани мартабаву ҷоизаҳо.

То замони ғуруби лолаи дил,

То худоҳофизии ҳарфҳову манзараву суратҳо

дар бисоти ҳофизаҳо.

Ту намедонӣ, эй дили ношукр,

Ки субҳ ҷоизааст.

Баҳор ҷоизааст.

Бирлиони шабнам,

Ангубини маҳтоб,

Атсаи нилуфар аз гулӯи нилии об,

Ҳама инояти Парвардигор ҷоизааст.

Ин тамошои бадеъ

аладдавом намемонад.

Зи баъди сонияе

миёни мову олами рӯшан

фурсати салом намемонад.

Пас биё,

Биё, чу ҷоизаи Эзидӣ, сапедаи субҳ,

Кабӯтарона биё.

Зи ғайб пайки бақо деҳ, аё хуҷастаҳузур,

Зи бекарона биё.

Бишӯй ғафлати маро ба нури огоҳӣ,

Ба шодбодии рӯзу шаби равона биё.

Чаҳор хонаи дил чанд баста хоҳад монд,

Биё ба хонаи худ, эй туи ягона, биё.

Ин кист, ин нишаста дар чиллахонаи дил,

Дар чиллахонаи дил ҳаст он ягонаи дил.

Кай тан диҳад ба мурдан, бар зиллати фусурдан,

Зеро туӣ, туӣ, ту узру баҳонаи дил.

Бо номи Ҳазрати Ҳақ, эй ишқ, аз ҳамин дам

Дил ноздонаи ту, ту ноздонаи дил.

Ҳамҳаҷми шабнаме шуд ҷуғрофиёи фикрам,

Хуршеди ман, бифармо бар бекаронаи дил.

Номи маро навиштӣ аз ҳошия бурунтар,

Номи туро навиштам ман дар миёнаи дил.

Танҳо ба ҳурмати ту, бо мӯҳру рухсати ту

Сабзобасабз монад баргу ҷавонаи дил.

ҲОДИИ ҶОВИДОНА

Вақт бо як зарба

Оқилонро Маҷнун,

Омиронро оҷиз,

Мӯҳташамҳои осмонпӯеро залил хоҳад кард.

Нозанинонро зишт,

зиштҳоро ҷамил хоҳад кард.

Бин, ки бо даври қамар

Тоҷҳои ифтихоре тавқи лаънат шудаанд.

Кисаалвонҳо сияҳкоса,

Бедирамҳо соҳиби суфраи неъмат шудаанд.

Ишқҳое ғулувви хунсардӣ,

Нозҳое баднамотар зи кароҳат шудаанд.

Сарфарозон сарзер,

Сарфурӯён ҳама дар қуллаи иззат шудаанд.

Қосиде мепурсад:

Оё ҳанӯз ҳам

Дили ту кор мекунад ё на?

Посухаш медиҳам, ки на, ҳайҳот,

Дили ман рафтааст бар таътил.

Охир аз сақфи атласӣ

мефитад як қандил.

Охир аз нокуҷо ба гӯши қуфлбастаи мо меояд

шарфаи Азроил.

Бас. Кифоя,

Баъд аз ин дар дили худ диски дигар мемонам

Диски масрури туро,

Ишқ, эй номуташобеҳтарин ояи дил!

Эй фариди осмонӣ,

Аз ҳама наҳси ҳаводис

Пуштибони ягонаи мо бош.

Дар ин тариқати зебо,

дар ин сулуки муборак ба

қуллаи бузурги инсонӣ

Ҳодии ҷовидонаи мо бош!

Азизи дур, ба номат кабӯтарона дуруд,

Зи боми нуқравари субҳ сад тарона дуруд.

Чу шаҳсавораи тақвими тундтоз шудам,

Ба дурдасти паровар, ба бекарона дуруд.

Ба баргу гул, ба чаман, бар рухи афифи баҳор

Зи номи шабнами дил дона- дона – дона дуруд.

Ба ҳар касе, ки зи қайди дирам раҳоӣ ҷуст,

Ба офтоб – ба ганҷури сад хизона дуруд.

Намебарад сӯи ту нардбони аслу маҷоз,

Зи тахтхона ба тоқи нӯҳошёна дуруд.

Ҳазор қофила падруд ҳам, ки бифристӣ,

Ҳазор қофила бар номат, эй ягона, дуруд.

Ба исми аъзами ту, эй муҳаббати сармад,

Аз ин гузаштаву оянда ҷовидона дуруд.

Остони ростон

Пасандози ҳаётам сад гуноҳ аст,

Ҳамин як тавбаамро бар ту пешандоз овардам.

Пас аз саргаштагиҳои абас

дар кӯчаҳои каҷмакаҷ худро,

Ало, эй остони ростон, бар пойбӯсат боз овардам.

Агарчанде, ки раҳматро намешоям,

Бубахшоям…

Ман омадам, ки гӯям: Ишқ аст миллати ман,

Ишқ аст миллати ман, аслу ҷибиллати ман.

Чун номи ман ба номат дар осмон рақам шуд,

Бо туст сабз дар сабз милоду реҳлати ман.

Эй зишт бо ту зебо, эй дина бо ту фардо,

Танҳо ту метавонӣ ислоҳи иллати ман.

Дар ин дайи равонӣ, бе ваҳйи хаткашоне

Чун аст ҳолати ту, чун аст ҳолати ман.

Чун ишқи Эзид омад, сад ишқи зид фурӯ рафт,

Иззат шуду шараф шуд хориву зиллати ман.

Танҳо ту мебарой аз ӯҳда кардани мо,

Бар худ намой охир, бар худ ҳаволати ман.

Эй ишқ, кӯҳнагиям чун бо навият омехт,

То растухез кардӣ тамдиди мӯҳлати ман.

Беҳаёттар аз дай

На дил ба фикри ман асту на ман ба ёди ваям,
Дигар зи ишқ намесӯзад устухони наям.
Ба хасм гӯ, ки мани рафта боз меоям,
Ҳазорбора, ки ҷорӯб мезанӣ зи паям.
Чу ишқ рафт, шаҳодат кӣ медиҳад дигар,
Ба ин ҳақиқати ботил, ки ман ҳанӯз ҳаям.
Ҳазор сол бихонӣ фақат муқаддимаам,
Ба як нигаҳ накунад чашми фотеҳи ту таям.
Ханӯз лолаякам монда зери пуштаи барф,
Агарчи дар назарат беҳаёттар зи даям.

## Шартнома

Эй қанориҳо,

Ошноёни азизи қафасӣ,

Устодони дарси мусиқии нафасӣ.

Ман шуморо

Бо чунин шартномаи зебо,

(балки сангину нораво)

Менамоям озод.

Ки шумо рӯздармиён ҳамора меоед

Ба ин маҳаллаи бобоӣ,

Ба ҳамин боғаки ёбоӣ.

Ба қадамбӯсии хуршеди гулнишеман,

Ба пурсупоси лолаву савсан,

Ба саломи қанории дили ман.

Дар ин баҳортарин лаҳзаҳо ҷавонӣ кун,

Бурун зи ҳошияи ишқ гулшинонӣ кун.

Дили саломати ту аз тапиш мураххас нест,

Сипоси ҷоизаи ёри осмонӣ кун.

Аз ин ҳаёти дароз, эй ду аср ғам хӯрда,

Ту ними соинияро сарфи шодмонӣ кун.

Бизӣ, мунииртарин ифтитоҳҳоеро

Ба эҳтироми ҳамон як сири ниҳонӣ кун.

Ҳазор нома ба номи ту бозмегардад,

Ҳазор нома ба унвони як нишонӣ кун.

Бимон, ки бар башарият шариат омӯзӣ,

Ҳар ибтикор, ки, ай ишқ, метавонӣ, кун.

Дило, ба ҳурмати ин лаҳзаҳои нағзи нағз

Ту ҳам ҷавона бибанду ту ҳам ҷавонӣ кун.

## НӮШБОДИ БЕШАРОБ

(ангезае аз «Нӯшбоди дигар»-и Анна Аҳмадова)

Гулоб менӯшем,

Барои офияти гулҳо,

барои бахти сафедорон,

Барои зиндагии хуршед

ва ҳам саломатии борон.

Барои хандаи ҳар кӯдак,

барои дасти дуои пир,

Барои ҳар куҳани зебо,

барои ҳар нави нотасвир.

Барои силсилаҳои субҳ,

барои қофилаҳои шом,

Ба эҳтироми ҳамин лаҳза,

ки метапад дили ноором.

Барои баҳману фарвардин,

барои рафтаву оянда,

Барои ман, мани нолоиқ,

барои ту – туи арзанда.

Барои он ки ҷавонӣ рафт,

валек мӯҳри мунаввар монд,

Баҳор рахт кашид, аммо

ҳанӯз ғунчаи дил тар монд.

Барои хиттаи аҷдодӣ,

фазои роиҳапарварда,

Ба шукр, шукри кӯҳу водӣ,

ба шукри халқи назаркарда.

Ало, сапедаи покоин,

ало тулӯи шакарпора,

Иҷоза деҳ, ки ба ҷон гӯям

туро дуруди дигарбора.

Дилам бад-ин зарабони тунд

чӣ хоҳад аз фалаки нӯҳту,

Барои ман, зи барои ман,

барои ту, зи барои ту,

Гулоб менӯшем.

То замоне, ки медиҳад иҷозати гулоб нӯшидан

Ӯ, фақат Ӯ!

Бигзор зияд як дам хуршед дар оина,

Хуршеди мано, хуш бош дар он тарафи сина.

Бар шав, ки ту ҳам бошӣ ҳаммартабаи хуршед,

Хуршед наметаркад бо бомбаву бо мина.

Бо кӯчашитобиҳо ин ҷумъаву ҳар ҷумъа

Бозор равӣ, эй дил, ё масҷиди одина.

Ишқ омаду шоҳона қонуни дигар овард,

Дилро бинамуд озод аз парвариши кина.

Ин ишқи бариниро бурдем ба фардоҳо,

Он ишқи заминиро мондем дар он дина.

Аммо ту заминиӣ, яъне ки бариниӣ,

Сабзӣ, ҳама дам сабзӣ, эй ёди баҳорина.

Дар кӯҳнагиям мангар, ин нав шуданамро бин,

Наврӯзаму мерӯям чун гандуми сабзина.

## ҲУШДОР

Нафаре рафт ба он сӯи пардаи нилӣ — ба булӯристон,
То қиёмат намешавад ҳамвор
ҳамчунон пуштаи нав
пушти кӯзи гӯристон.
Ба рӯи мову ту ҳам
дер ё зуд баста хоҳад шуд
дари ин кӯҳнасаро –
ин ғамистону ин суруристон.
Дӯст, ин мусиқии қадимро ҳанӯз мешунавӣ
дар қафаси синаи ман,
Аслан ин кӯҳнакитобе, ки ду ҳазорсола мехобад,
Навтарин аст, навтарин гузинаи ман.
Чист, медонӣ, чист, медонӣ
кимиёи дидор.
Биё, ки чашм кушоем чун дури найсон
бо атсаи баҳор,
Биё, ки оинаҳоро раҳо кунем охир
аз ҳуҷуми зангор,
бимон, ки ранги ба ранг
орзуҳои атласӣ бофад
ин дастгоҳи бебадали орзуборор.
Бар ҳурмати муҳаббат –

ин хаткашони омадаву н – омада

бар ҷони интизор

Бархез, зинда бошем, эй ёр,

Бархез, зинда бошем як бор,

лоақал як бор.

Ҳамховару ҳамафранг

Мурғи қафас нафастанг,

Мурғи нафас қафастанг.

Ду дил-дили ману ту

Ҳамшиша асту ҳамсанг.

Якзарб нағма дорад

Ду дил, дили шабоҳанг.

Ду бандаи шабовез,

Ду шоҳи субҳавранг.

Урдибиҳишт во кард

Як-як китоби «Арҷанг».

Бо эҳтимоми хуршед

Олуча оварад ранг.

Нилуфарист гардун

Бо ин шамоилу шанг.

Моро намуд бедор

Ноқуси шамс бе данг.

Гул чист, чист шабнам,

Тасбеҳи ранг бар ранг.

Он кист, он ки омад

Ногаҳ ба хона безанг.

Эй ишқ, як ту афшон

Ин чангро аз ин чанг.

Хуршедиву марой

Ҳамховару ҳамафранг.

Ҳарири ҷон ба роҳат густарам, фармой, модарҷон,

Бад – он ҳастии зебо ҳастиям орой, модарҷон.

Нарав, сармад бимону офтобона ба рӯи мо

Дари фардову фардои дигар бикшой, модарҷон.

Кушоиш хостам дар ин гузаргоҳи гираҳбаста,

Дуъо кун, эй накӯфоли муборакрой, модарҷон.

Чу бахшидан сифоти нозанини туст аз оғоз,

Ҷаҳону бевафоии варо бахшой, модарҷон.

Ба субҳи офариниш борҳо рафтиву баргаштӣ,

Ту медонӣ, ба мо баргӯй сирри ной, модарҷон.

Мусалло бофтам аз тору пуди ишқи беифшо,

Ҳидоятхоҳам, инак, қиблаам бинмой, модарҷон.

Омадам хона, дар кушо, модар,

Ассало, модар, ассало, модар.

Аз куҷоям ман, аз куҷоям ман,

Аз куҷои ту, аз куҷо, модар.

Меҳрҳои туянд бепардохт

Дил ба дил, ҷон ба ҷони мо, модар.

Қарзи ман аз ду олам афзун аст,

Бо чӣ раҳ мекунам адо, модар.

Ту ба сад ҷон зи ман ризоӣ, лек

Манам аз хеш норизо, модар.

Хидмататро накардаам, маъзур.

Сахт шармандаам, аё модар.

Ҷои хидмат муҳаббат овардам,

Ҳақ намудам ва ё хато, модар.

Худ ту ишқӣ, бале, фақат ишқ аст

Маънии модару Худо, модар.

Офтобона дар ҳаёти ман

Ҷовидон кун даро – баро, модар.

## Башорати нотамом

(Руҷӯи модарам ба ёди падари шаҳидаш)

Гӯри падар куҷост, намедонам,
Хоҳише дорам аз баҳор, ки ӯ
ба ҷои ман гул гузорад
дар сари хокҷои беномаш.
Бод рӯбад хасу хори
манзили охираташро,
Чил чароғ афрӯзад
осмони чилёсингӯ
субҳу шомаш.
Сураи фотиҳа хонад
ҳар кадом абри раҳгузар
баҳри оромаш.
Хок шуд,айни ҷавонӣ хок шуд
Гултарин орзуву
субҳтарин андеша,
Маҳтарин фитрату
хуршедтарин иқдомаш.
Ба гӯши аҳли Ватан муршидона омаданист
башорати нотамомаш.
Ба дари қулфбанди хотираҳо
баъд аз ин ҳам тақ-тақ хоҳад зад
ишқи бефарҷомаш.

Эй навояндагони рафтанавоз!

Нав ба нав дар вуҷуди тозаи шумо идома хоҳад ёфт

Зиндагии аладдавомаш.

Аз ғайб сипар дорам, зеро ки туро дорам,

Тӯмори қамар дорам, зеро ки туро дорам.

Аз шамс ба қадр афзун, аз бадраи бадр афзун,

Ман чизи дигар дорам, зеро ки туро дорам.

Шодии дилам, модар, ҳодии дилам модар,

Дар ишқ сафар дорам, зеро ки туро дорам.

Пайванди чунин зебо, паймони чунин барҷо

Бо кулли башар дорам, зеро ки туро дорам.

Дар панҷараи бозам, дар пардаи овозам

Наҷвои саҳар дорам, зеро ки туро дорам.

Дар маҷмари чашмонам, дар дайкадаи ҷонам

Як даста шарар дорам, зеро ки туро дорам.

Аз ҷузъ равам то кул, аз зарби дили ҳар гул

Ман нағз хабар дорам, зеро ки туро дорам.

Меҳмониву меҳмонам, мемониву мемонам,

Бо он ки гузар дорам, зеро ки туро дорам.

Мактуб

Шаб боз мекунад

Қомуси моҳи нав.

Зангӯла мезанад

Ноқуси моҳи нав.

Аз моҳи кӯҳна зод

Қақнуси моҳи нав.

Дар дасти худ бубин

Фонуси моҳи нав.

Дар пушти парда чист,

Эй пардадори субҳ,

Эй дӯст, марҳабо,

Эй дастёри субҳ.

Он сӯ, кучҷост, ку,

Фирӯзазори субҳ.

Бар ман наво фирист,

Ишқ, аз сетори субҳ.

Субҳ аст ғунчахоб

Дар ҷилди пираҳан.

Шайпур мезанад

Себи қафасшикан.

Мактуби ишқи ӯст

Ин барги настаран.

Танҳо ба номи ту,

Танҳо ба номи ман.

Агар иҷоза диҳӣ, боз мезиям, эй дӯст,

Вагарна ҳар чӣ кунӣ амр, розиям, эй дӯст.

Агар гунаҳ кунам, аз дӯзахи ту бимам нест.

Сақар ҳаросад аз ин худгудозиям, эй дӯст.

Надонам ин ки бароят чӣ фарқ хоҳад дошт,

Агар фарангияму гар ҳиҷозиям, эй дӯст.

Такаббур аст, ки моро залил месозад,

Зи сархамист ҳама сарфарозиям, эй дӯст.

Дилам нав асту тааллуқ ба асри сӣ дорад,

Агарчи пайкараи асри мозиям, эй дӯст.

Ба ҳаққи он ҳама бигзаштаҳои нуронӣ

Бубахш қудрати ояндасозиям, эй дӯст.

## РОЗИ ЛОҲУТ

Гул барои шабнам

Нимашаб гоҳвора асту

субҳ тобут аст.

Пой бар хок намемонаду

бармегардад,

Шабнам аз олами поки

малакут аст.

Андар ин куфркада шабнамаки нинимарг

Чӣ қадар фурсати будан дорад,

Баски шаб тифлу субҳ фартут аст.

Инчунин омадану рафтани омӯзанда

Рози лоҳут аст.

Зиндагӣ! Азизи ман! Эй азизи ёсинхон,

Фурсати ҳамоғӯшӣ бо ту мешавад поён.

Растухезҳои ту кай хулоса хоҳад шуд,

Эй дили бад-ин хурдӣ ҳаммасоҳати кайҳон.

Узр неҳ, ки ин як дам дар гузаргаҳи олам

Мо наем пурҳамён, мо ҳайем пурҳазён.

Эй мухотаби аслӣ, узр неҳ, ки мегуфтам

Шеърҳои ишқиро номаҳои беунвон.

Ишқ, ишқи бигзашта дар дилам ҳамоно монд

Доғи аз ҳама пайдо, дарди аз ҳама пинҳон.

Узр неҳ, ки мепаррад ғоибона сӯи ту

Ин хитобаи зебо: ҷони ҷони ҷони ҷон.

ТАВАЛЛО

Абр, абри раҳмат

рехт ашки шакарӣ.

Тоза шуд ҷисми шаболуди замин

зери фаввораи нури саҳарӣ.

Ростӣ, зиндагиям зиндагии аслӣ нест,

Ҳастиям оразӣ асту суварӣ.

Сад гунаҳ дораму нобахшиданияш бошад

Гунаҳи беишқӣ ё гунаҳи ишқварӣ.

Мезиям боз таманно ба таманно

Бо ҳамин як дилаки кӯҳна

чу анбони қадими сафарӣ.

Мезиям боз тавалло ба тавалло

Бо умеде, ки ту, эй аз ҳама

бахшандаи ман,

Аз гуноҳам гузарӣ.

Оварам сурхкитобе ба шумо эҳдоӣ,

Ҷои нашраш бувад он мамлакати болоӣ.

Адади нашр варо як бувад, ин якторо

Ту, аё аз ҳама Якто, ту фақат мешоӣ.

Раҳкалон аст маро дафтари ҷон ё қафасӣ,

Бо се ҳарф аст алифбои дилам миноӣ.

Дар куҷо буд, куҷо монд, куҷо рафту чӣ шуд

Ҳафт шаҳре, ки напаймуд дили ёбоӣ.

Чун мувофиқ кунам охир, ки мухолиф бошад

Бо гили одии ман ин дили истисноӣ.

Номаӣ, нома зи номи киву бар номи киӣ,

Ассало, ғунчаи садмӯҳр, ки ноифшоӣ.

Колаи кӯҳна дигарбора дарояд бар мӯд

В-ин суханҳои қадимӣ бишавад фардоӣ.

Дили ман чоркитоби ишқ аст,

Хоку бод, оташу оби ишқ аст.

Дили ман рутбаи аршӣ дорад,

Моҳу хуршеду саҳоби ишқ аст.

Таҳ ба таҳ сахт муҳаббатхоҳ аст,

Раҳ ба раҳ сахт қимоби ишқ аст.

Мурду аз мурда батар шуд ҳама умр,

Боз ҷӯёи азоби ишқ аст.

Нозад аз мартабаи олии худ,

Ин ки бонуи ҷаноби ишқ аст.

Он чӣ аз ғайб ба ӯ меояд,

На суол аст, хитоби ишқ аст.

Ишқро бо чӣ тавонад пардохт,

Ки фақат ишқ ҷавоби ишқ аст.

## БЕХАБАРӢ

Девонаи маҳаллаи мо хушбахт аст,
Зеро ки зи бадбахтии худ
харгиз хабар надорад.
Бо чашми содаи ҳамешахандон
Ӯ нусхаи ягонаи соҳибқаноатист.
Ингуна хуррамеро
Дунё дигар надорад.
Ману ту дар асорати сиёҳи ношукрӣ
анкабутона андарем.
Ману ту бадбахтем,
Зеро ки зи хушбахтии худ бехабарем.

Қанд зан, себи шакархандаи ман,

Себи аз хулди барин кандаи ман.

Нест сақфе, ки туро овезам,

Эй ту, қандили дурахшандаи ман.

Бо ту меҷангаму мебандам сулҳ,

Аз ҳама нағзи ману гандаи ман.

Ромише дориву оромиш не,

Эй ту садмарги абадзиндаи ман.

Ваҳйи сабзӣ зи баҳори дуре,

Атри улвии парокандаи ман.

Ишқ, бахшо, ки тапиш дорад боз

Бе ту ҳам ин дили шармандаи ман.

Мекунад рақси муноҷот ҳанӯз

Дили бар ишқ наарзандаи ман.

Баъди бигзаштани ман боз ҳам ӯст

Нав ба нав, нав ба нав ояндаи ман.

Дӯст, аз будани бемаърифатам ҳеҷ мапурс,

Эй сафар карда қабат бар қабатам, ҳеҷ мапурс.

Он чӣ аз халқ ниҳон аст, зи Ҳақ пинҳон нест,

То туӣ оинаи шашҷиҳатам, ҳеҷ мапурс.

Дӯш мегуфтамат, аз лутф ба пурсиш фармой,

Гӯям, инак, ки бикун марҳаматам, ҳеҷ мапурс.

Сад гунаҳ дораму шармандаам аз камгунаҳӣ,

Эй ҳама раҳмату эй мағфиратам, ҳеҷ мапурс.

Мубтадои нафасам сураи Алҳамди ту буд,

Хайр бахшо ба ману оқибатам, ҳеҷ мапурс.

Ишқ, бар ҳурмати ширинии ҳар хотираат

Нав ба нав боз бигӯ таҳниятам, ҳеҷ мапурс.

Бо хаёлат садафи холии ман гавҳар баст,

Баъд аз ин низ бикун тарбиятам, ҳеҷ мапурс.

ХУМОРИ НОШИКАСТА

Бобунаи абр пар фиканда,
Борони шакар шакар фиканда.
Беде, ки амома дошт аз барф,
Маҷнун шуда бозу сар фиканда.
Табрик туро, баҳор, табрик,
Табрик, ҳазор бор табрик.

Ҷӯ сархуши рақси об бошад,
Ҳамшираи офтоб бошад.
Гулбонги шукуфтани диламро
Боре шунавӣ, савоб бошад.
Ёҳуи гули анор табрик,
Бар пунбаи гӯши ёр табрик.

Як бор бубин даруни дилро,
Чӯбак задании ҷунуни дилро.
Эй барқ, биё, ки барфурӯзӣ
Оинаи нилгуни дилро.
Эй дил, дили интизор, табрик,
Нашкастани ин хумор табрик.

Мекунад лай лай ғунчаи сурӣ,

Мекашад карнай дили шайпурӣ.

Метапӣ бе сабк, мезанӣ безавқ,

Дили роботӣ, дили дастурӣ.

Кас намедонад, ки туйи танҳо

Бо кӣ ҳамсоя, бо кӣ ҳамнурӣ.

Аз дарун гиря, аз бурун ханда,

Аз дарун лахта, аз бурун ҷӯрӣ.

Ту агар дурӣ, чӣ қадар хешӣ,

Чу қариб ой, чӣ қадар дурӣ.

Як нафас бошӣ саҳари солеҳ,

Нафаси дигар шаби дайҷурӣ.

Эй шакарнағма, бонамактар шав,

Шӯри ширинӣ, шакари шӯрӣ.

Ё накӯтар хон, ё бишав хомӯш,

Бо ҳамин ҳолат ба кӣ манзурӣ.

Аз Раю Рӯшон, аз Қуму Кошон,

Балки аз Балхӣ ё зи Лоҳурӣ.

Ман, ки бигзаштам, ту кийӣ, эй дил,

Лолаи гӯрӣ, лолаи Турӣ?

Баъд аз ин ҳам зан дар ҳама барзан

Бонги озодӣ, табли масрурӣ!

## Фариштаи фарвардин

(Эҳдо ба Симини Беҳбаҳонӣ)

Ба ту салом мефиристам,

Ба ту, эй бо парастувон ҳамсол,

Ба ту, эй бо парандаи дили ман ҳамсин.

Ба ту, эй боди шабоҳангу боғи субҳойин,

Ба ту, фариштаи фарвардин.

Ба ту, эй ҳамқалами сабзтарин ибтикорҳои баҳор,

Ба ту, эй Шоири бунафшапаёму сумансулулу настарандидор,

Ба ту, эй ёдгораи куҳани зебой,

Ба ту, эй асли навӣ, айни ҷавонӣ,

ғулувви барнойӣ.

Ба ту, эй ғунчатарин ғунча дар

ниҳояти шукуфойӣ.

Ба ту, эй хуршедӣ,

Ба ту, эй минойӣ.

Ростӣ, сим ба исмиву тило бар сифатӣ,

Бо саҳар ҳамсимо,

бо шафақ ҳамниятӣ.

Ба ту, эй номи азизат

сарлавҳаи муҳаббату

дебочаи таманно.

Ба ту, эй ҳусни хатат

тарҷумаи қум – қуми кабӯтарҳо.

Ба ту, эй ҳар каломат обинаботӣ,

Ба ту, эй ҳар паёмат обиҳаётӣ,

Салом мегӯям.

Ҳамчу мафҳуми «дӯст доштан»,

эй поянда

Феъли замони рафта нахоҳӣ шуд,

Феъли замони ҳоливу оянда.

Ту ба вазни сапедаву борон,

Ту ба вазни сабзаҳои навхат

дар ҳарими бекаронаи саҳро,

Ту ба вазни ҳиҷоии дарозу

кӯтаҳи мавҷи дарё,

Ту ба вазни арӯзи озод,

Ту ба вазни тапиши дил,

Тапиши гул,

Тапиши бод ғазалҳо гуфтӣ,

Ҳарчӣ гуфтӣ, ҳама зебо, ҳама зебо гуфтӣ.

Рӯзу шабҳои зиндагият низ

Ҳамчунин номуқаррару бадеъву шодоб,

Ҳамчунин тозаву навонав бод.

Осмон дар сарат ҳумои саъдпартав бод.

Боз ҳам бостоншиносона

Дар ниҳонхонаҳои кӯҳнаи мо

Хутути гумшударо рӯшан кун.

Андарун, андарунтари дили мо

Боз ҳам нишеман кун!

Боз ҳам нах ба нах муҳаббати худро

Ба ҳам бибофу пираҳан дӯз,

Барои қомати Ватан дӯз!

Боз ҳам ошиқона бод, ошиқонатарин

Ғазали хоси беҳбаҳонии ту.

Боз ҳам ҷовидона бод, ҷовидонатарин

Шеъри эрониву ҷаҳонии ту!

Бирез, тифли барозида, чун гули сурӣ

Дар ин сукути зимистон садои шайпурӣ.

Туӣ, ки рашҳаи мусиқии баҳори навӣ,

Туӣ, ки номаи ояндаиву мастурӣ.

Хуҷаста омадаӣ, эй фариштаи нозил,

Чӣ нағзу содаӣ, оре, мураккаб аз нурӣ.

Ҳалолтар зи ҳилолӣ, аё наолуда,

Чун офтоб басе хоксору мағрурӣ.

Парандаи дили ман дар қафас зи хониш монд,

Кунун паранди маъмулӣ асту маъмурӣ.

Ту омадиву дилам чун табиати фартут

Нафас кашиду раҳо шуд зи қайди ранҷурӣ.

Ту қосидиву зи Парвардагор овардӣ

Ба бенишотии офоқ ваҳйи масрурӣ.

Ҳидоят бидеҳ бар ҳидоятпазирон,

Мунодӣ фиристон ба ҷони мунирон.

Басе рафту шӯяндае ҳам наомад

Ба полоиши доғи мо, дилҳарирон.

Чу бар осмон бингарам, гӯям, эй вой,

Мани бесаводу хати он дабирон.

Саломи мани хонашинро расонед

Ба Каъбасуроғону Замзамзамирон.

Чӣ гӯям, ки бо садзабонӣ хамӯшам

Дами бозпурсии Мункар Накирон.

Бубахшед, агар тарки чаҳ – чаҳ намудам,

Маро хат занед аз сафи хушнафирон.

Дилам монда дар бойгонии сина

Наву кӯҳна чун «Ёдгори Зарирон».

Бимон, ишқ, эй вомбарги ҷавонӣ,

Туро мебарам ман ба табрики пирон.

ШАБОҲАНГ

Шаб, ки паси шиша
Шар – шари борон шуд.
Оинаи нозук
Обилабандон шуд.
Оҳи кӣ боло шуд.
Роҳи кӣ поён шуд.
Тандиҳиям бар вақт
Ин қадар осон шуд.
Дил чӣ ҷиноят кард,
К – аз ҳама пинҳон шуд.
Дар садафи қонеъ
Дур шуду марҷон шуд.
Рафтаму асли ман
Тоза намоён шуд.
Ғайбу ҳузурамро
Ишқи ту бурҳон шуд.

ТАҲРИР

Бахт чист?

Мо дар иншои дабистон менавиштем.

Бахт – тимсоли ҳақиқатёбии афсона аст,

Бахт шояд чаҳ – чаҳи зангӯлаи

бедори мактабхона аст,

Бахт ину бахт он аст,

Дар хулоса менавиштем:

Бахт мафҳуми азими бебаён аст,

Бахт як оинаи бетарҷумон аст.

Ростӣ, дар рӯзгори тифлии мо

Осмон хушбахт буд.

Субҳҳо, олучаҳо, ҳулбӯйҳо хушбахт буданд,

Заврақони коғазӣ дар ҷӯйҳо хушбахт буданд.

Кафтарон дар гӯшаи боми падар хушбахт буданд,

Нағмаҳо дар шохсори навшакар хушбахт буданд.

Чашмҳо хушбахт буданду

тасаввурҳо басе хушбахттар,

Бегуноҳӣ буд дар оинаҳои мо мусаввар.

Бегуноҳӣ низ бахт аст.

Дер шуд, фурсат гузашт, эй дил,

Ҷомаи оина аз зангор садлахт аст.

Бахт дар пиндори ширини ҷавонӣ

Чист ғайр аз ҷӯшишу парвозу исён.

Бахт дар андешаи бетаъми пирист

Як нафас осоиши ҷон.

Ёр, эй ҳодии бахт,

Дергаҳ шуд, мондаӣ дар зери

таъсири бузурги офтоб,

Фикрҳоят офтобист.

Субҳаат аз донаҳои бирлиони шабнам аст,

Зикрҳоят офтобист.

Чун туӣ оинатаркиб,

аз барои ман

ҷамоли бахтро тасвир кун.

Марҳамат кун бар ҳаримам,

ҷустуҷӯҳои маро тақдир кун.

Эй дабири дафтари хуршед,

Хат зан ин норӯшании тинатамро,

хат ба хат бархон маро,

бори дигар таҳрир кун.

Бори аввал бо дили ман

ҳамсаодат бош.

Ҳамшариат,

ҳамтариқат,

ҳаммуҳаббат бош.

Дил, ба чӣ раҳ адо кунӣ фурсати даргузорро,

Ё ба мушовирӣ бихон субҳи нафасшуморро.

Дар чӣ ғуруби беравон дар сари шохаи уфуқ

Мешунавад ҳама ҷаҳон таркиши як анорро.

Ин ҳама моҳу солҳо, бо ҳама ваҷду ҳолҳо

Ишқ, зи ту шунидаам омадани баҳорро.

Дар паси қуфлу панҷара, бастаи банди шашдара,

Баҳри тапиш иҷоза деҳ ин дили зарбдорро.

Тавбаи деркардаам то дари ӯ расид? На?

Тоза ба тоза дидаам раҳмати  Кирдигорро.

## РУҶӮИ МАРДИ ТАНҲО

Ба шаҳр хоҳам рафт

Барои дидани якчанд

чароғи ҳанӯз зинда дар маҳаллаҳои ашроф.

Дар ин шабони бетараҳҳуми дай

Чаҳор кӯдаки ман меларзанд.

Чаҳор пораи қалби ситорасӯхтаи ман,

Чаҳор чашми ба домони арш дӯхтаи ман.

Ба гӯри модарашон осмон ниҳад чу ёдгораи нопоянда

Зи барф мармари шаффоф.

Кош, ман низ мешудам ғоиб

Ҳамчу анқо дар паси кӯҳи Қоф.

Лек ҳоло ба ҷои савғотӣ

ба кӯдакони интизорам

На чуппа – чупсу твиксу рафаэлло,

Балки

халта-халта зуғол хоҳам бурд.

Ба осмон аломати савол хоҳам бурд.

Мо залилему мӯҳташам ишқ аст.

Мо равонему муғтанам ишқ аст.

Дар ҷабини ману ҷабини ту

Он чӣ шуд аз азал рақам, ишқ аст.

Дар муноҷоти шаб муҳаббат гуфт,

Ки самовоти субҳидам ишқ аст.

Дар тапишномаи дили хушбахт

Сактаву садду зеру бам ишқ аст.

Кист он, кист он ягонатарин,

Он ки аз фарқ то қадам ишқ аст.

Чун бувад бартар аз намоз намоз,

Бартар аз ишқ боз ҳам ишқ аст.

Мақтаам нест, матлаъи ишқам,

То маро рашҳаи қалам ишқ аст.

ДАСТГИР

Аз арғунуни сабза тарашшӯҳ мезанад

Мусиқии баҳор.

Пур шуд зи нағмаҳои сабоҳии мурғакон

Толори шохсор.

Аз фарқи боғ шаъшаа ирсол мекунад

Мансури сар ба дор.

Фармой, сабзи ман, ки ба ҷон мепазирамат

Бо ҷамъи мӯру мор.

Як орзу ҳанӯз наварзида мондааст

Дар қалби интизор.

Настондаам наҷибтарин лаҳзаро ҳанӯз

Аз умри даргузор.

Бархостам дубораву ҷавҳарнамо шудам

Аз зери сад ғубор.

Бархостам, ки бо қалами худ бурун кашам

Аз қалби халқ хор.

Эй Яккаву ягонатарин, дасти ман бигир,

Инак, ҳазор бор.

Ишқ меояду дил ҳам ба задан меояд,

Ноқиле аз дили ту то дили ман меояд.

Хешро ин ҳама сар додани мо ҳад дорад,

Охир аз ҷониби афлок расан меояд.

Эй басо рафта, ки дар кӯргираҳ дармонӣ,

Дӯст ҳам бар сари ту сангфикан меояд.

Зиндаам, зинда даруни лаҳади барфистон,

Бо умеде, ки зи нав фасли суман меояд.

Ишқро тафриқа магзор, ки бо кӯчаи ӯ,

Сӯи Ҳақ муслиму тарсову шаман меояд.

Баъди сад қарн, ки рафтам, ту ба дунё ойӣ,

Дили мову ту, азизам, ба сухан меояд.

## ТАЗОД

Марду зан, ду ҳамошёни номуросо

Бо ғиреву дашном

Субҳро сактаи дил мекарданд.

Риштаи пайвандро сахт чигил мекарданд.

Дар фарози шафақовези нахли хушбахте

Чашмҳои файласуфи ду қумрии ошиқ

Қосидони осмонӣ буданд,

Тарҷумони меҳрубонӣ буданд.

Ҷаҳлҳои мураккаби бани Одамро,

Кош, он меҳрҳои сода хиҷил мекарданд.

Рӯзи ғуруби ҳавсалаҳо пир мешавем,

Дар қайду банди мушкилаҳо пир мешавем.

Бар мадду ҷазри мост фалак остинфишон,

Бо ҳоюҳӯю валвалаҳо пир мешавем.

Он себи ночашидаи мо шукр ном дошт,

Мо кофарему бо гилаҳо пир мешавем.

Дар мо ҷунуни андаки Маҷнун агарчи нест,

Дар по ҳазор силсилаҳо пир мешавем.

Бо он ки нест фосила байни ҳаёту марг,

Мо ҳам бидуни фосилаҳо пир мешавем.

Бар сардии ҳаво натавон ин гуноҳ баст,

Аз сардии муомилаҳо пир мешавем.

Моро, ки ҳаст робита бо ишқ, зиндаем,

Бо мурдани мубодилаҳо пир мешавем.

ГУНАҲКОР

Субҳи навхостаи фарвардин
Дастгоҳи шакарбарор аст.
Таассуроти чаман
аз сафари хидматии борон чист?
Чакидаҳои чаман
дар ҷаридаи гули садбарг
дар ҳудуди ҳазор нусха интишор аст.
Аз офтоб бипурс,
Ки варо чандқарна собиқаи кор аст.
Боз ҳам дар қафаси синаи дарахти себ
Нағмае бедор аст.
Сабаби тунд заданҳои дилам?
ростӣ, ҳеҷ намедонам,
балки таъсири баҳор аст.
Эй дил, эй дил, фариштаи осӣ!
Мазаи бетапиширо, ки накӯ донистӣ,
Баъд мефаҳмӣ,
Ки тапидан чӣ хушгувор аст.
Дӯст, эй дӯст! Гарчи механдӣ,
ба ту як ҷумлаи бисёр сода мегӯям:
дили мову ту,
барои ба номи дил носазовор буданаш
то қиёмат гуноҳкор аст.

Ғуруб омаду хуршед сактаи дил шуд,

Зи ҳамнишинии Исо варо чӣ ҳосил шуд.

На офтоб бувад, он чӣ шаш ҷиҳат афрӯхт,

Диле чу себ зи боғи биҳишт нозил шуд.

Ба хостан натавонист зулматоине

Ба фитна дар раҳи маҷрои субҳ ҳоил шуд.

Дило, дай омаду чун нахл мехкӯбат кард,

Қадам гузоштанат то баҳор мушкил шуд.

Гаҳе, ки ишқ ба дастони шоирон афтод,

Асири панҷараи фоилу мафоил шуд.

Ба пеши чашми ҳақиқатнамоят,эй ғоиб,

Дилам ба кулли гуноҳе, ки дошт, қоил шуд.

Дилам аз он дами рӯшан, ки тарки ғайбат кард,

Ба иттиҳодияи офтоб шомил шуд.

## Аз паси парда

Девонае зи ҳошияи кӯча мегузашт.
Дар сари синаву дар
остини ҷомаи фартуташ
медалу ордени бисёре
аз даври шӯравӣ,
(ки аз куҷое дарёфта буд)
раҳ ба раҳ савти мутантан мезод.
Сархушу маст аз ин силсиламусиқиҳо
Девонаи содадил ба ҳар раҳгузаре
Хуққаи оҷ мекушод.
(яъне шаддадандони гуҳарчинашро
ба ханда во мекард)
Ҳама ороста будему як ӯ ҷандақабо,
Ҳама беҳавсала будему як ӯ пурҳайюҳо.
Мерафту кафзанон
Ханда бар мантиқи дунё мекард.
Зоҳираш хандахариши ҳама буду аслан
Мазҳакаи зиндагонии ҳамаи моро
аз паси парда тамошо мекард.

Ту «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ба ман бархон,

Ояи огаҳӣ ба ман бархон.

Себзор аст шеъри шаш қитъа,

Аз сифоти биҳӣ ба ман бархон.

Ҳофизона зи боғи аслу маҷоз

Яшти сарви сиҳӣ ба ман бархон.

Ту пуропур зи нағмаи ӯйӣ,

Ман тиҳиям, тиҳӣ, ба ман бархон.

Ханда зан, эй тафарруҷи хуршед,

Шаҳриӣ, ё деҳӣ, ба ман бархон.

Қаҳ – қаҳи гул шунав зи пушти қафас,

Булбули чаҳ –чаҳӣ, бар ман бархон.

Хусраво, ин муромурӣ кофист,

Бонги зеҳозиҳӣ ба ман бархон.

Ман бо баҳор робитаи сабз ёфтам,

Бе ихтиёр робитаи сабз ёфтам.

Мӯҳри се ҳарф дар лаби худ бо лабони ҷӯ

Себаргавор робитаи сабз ёфтам.

Инак, чаҳор хонаи дилро кушодаам,

Бо ту чаҳор робитаи сабз ёфтам.

Хуршедрашҳа шуд нигаҳи нағзбини ман,

Ба мӯру мор робитаи сабз ёфтам.

То мекунам риояи қонуни ғунчаҳо,

Бо неши хор робитаи сабз ёфтам.

Ояндаро чӣ фол кушоям, ки ҳолиё

Бо дӯшу пор робитаи сабз ёфтам.

Чун печакам, ки бо тани шодоби зиндагӣ

Тори ба тор робитаи сабз ёфтам.

Бо ҳар сулули ошиқи худ бо сулули субҳ

Ман сад ҳазор робитаи сабз ёфтам.

Муколама

Писари панҷсолаам

бо камоли рағбат мепурсад:

- Насаби ман чист?

- Насаби ту Каримзода.

- Насаби офтоб чист?

- Намедонам.

- Насаби дарё чист?

- Насаби дарёро низ намедонам.

- Насаби шаҳпараки холкӯби зебо чист?

- Насаби шаҳпараки холкӯби зеборо низ намедонам.

- Насаби осмону як ситораи рӯшан,

- Насаби навбаҳору як гулаки тоҷи хӯрӯс,

- Насаби ҳафтранги паркушода чун товус,

- Насаби гурбаи ёзида ба паҳлӯи танӯр,

- Насаби қофилаи ресмоннамои мӯр,

- Насаби кабки қафас чист?

- Писарам. Ман насабномаи ёрони туро,

ростӣ, намедонам.

- Балки, оре, бешак,

Насаби он ҳамаи офаридаҳои Худо ҳам чун туст,

яъне Каримзода,

балки Каримдода.

Писарам мезавқад.

(Аз чунин ҳамнасабӣ сахт хушаш меояд)

Ман ба худ мегӯям:

- Чи саволе душвор,

Чи ҷавобе сода…

Ман нотаи офтоброро медонам,

Шабзамзами моҳтоброро медонам.

Дар фасли баҳорхезии ҷӯшишҳо

Пар-пар задани ҳубоброро медонам.

Он қосиди шодиовари хусрави субҳ-

Хуршеди тилорикоброро медонам.

Ҳарчанд, ки шӯра зад дили фартутам,

Ширин тапиши шубоброро медонам.

Одреси дили туро намедонам ман,

Кай он раҳи касмаёброро медонам.

Бар дӯш гирифтаам гуноҳи ҳама халқ,

Шодам, ки ҳамин савоброро медонам,

Аз гум шудани дурри дарун бехабаранд,

Ин мардуми гармхоброро медонам.

Сад барги дили ту хондаам, дигар ҳеч,

Мазмуни ҳамин китоброро медонам.

Медонами ман ба ҷуз намедонам нест,

Ту асливу ман ҳиҷоброро медонам.

## Фурсати тавба

Марҳамат кун, дубора деҳ иршод
Ба мани сактафикри бастасавод.
Додиям фурсати гунаҳ кардан,
Фурсати тавба низ хоҳӣ дод?!

Бори дигар гул ба гул кобин шавад,

Осмон минқори шабнамчин шавад.

Ҷайбҳояш аз зари гул лаб ба лаб,

Навбаҳори гулфишон мӯҳсин шавад.

Субҳи боодоб ҳам шобошгӯ

Дам ба дам бар атсаи насрин шавад.

Бингарад нозукниҳолиҳои мо,

Осмон гар чашми борикбин шавад.

Чун туро ёд оварам, эй сабзи сабз,

Рӯҳи ман як нусха фарвардин шавад.

Ташнагиовар шавад ин нӯш – нӯш,

Бо гузашти вақт ҷон ширин шавад.

То яке мичгон ба мичгон мезанем,

Ҷумла бисмиллоҳи мо омин шавад.

Села – села ишқ хоҳам дил ба дил,

Ҷогузини тӯдаи нафрин шавад.

Боз ҳам бо чашмҳои кофарам

Чашмҳои сабзи ту ҳамдин шавад.

Он сӯи баҳор ғунчае танҳо монд,

Дар соиди ҷӯ шамимаи наъно монд.

Дар ҳошияи баҳорҳо, эй гули сурх,

Ҳастии ману ту сахт бемаъно монд.

Заврақчаи коғазии тифлонаи мо

Дар аввали ҷӯ нарафта то дарё монд.

Бисёр нузул карду бисёр уруҷ,

Андешаи бастаам, ки бемаҷро монд.

Дил ях шуду боз ҳам тапишҳо дорад

Монанди касе, ки мурду чашмаш во монд.

Дар ҳар тапишаш ҳазору як сакта навишт,

Дил бехабар аз қоидаи имло монд.

Гулбоди шабоб тунду ширин бигзашт,

Дар хотири отирам пайи хоно монд.

Ишқ омаду рафту чун паёми сармад

Дар дафтари ман мӯҳри гули мино монд.

Турна-турна бигзашта солу моҳи парвозӣ,

Пушти Қоф анқо шуд фасли тифлию бозӣ.

То кай, эй дили бодӣ, бе иҷозати тақвим

Лола-лола меҳандӣ, ғунча-ғунча менозӣ.

Лат маҳӯр зи дилкӯбон, хас машав ба дилрӯбон,

Сурхрӯ шаву бардор рояти сарафрозӣ!

Чун дар интиҳои раҳ рӯи аспи чӯбинӣ,

Тундтар чӣ мепӯӣ, пештар чӣ метозӣ.

Чун ҳумои ёдашро аз дилам гузар додам,

Нав ба нав таваллуд шуд он саодати мозӣ.

Чун дили нафиси ман коғази самарқандист,

Хоҷа, лутф кун, бигзор соядасти шерозӣ.

Эй баҳори бигзашта,қонеам зи ту, қонеъ,

Эй ҷавонии рафта, розиӣ зи ман, розӣ?!

Кӯдакӣ

Ду нафар мерафтанд

бо қадамҳои шитобон.

Дар кафи нозукашон чанд дирам тобон буд,

Дар ҳамон фасл, ки эҳсоси

саодат чӣ қадар осон буд.

Чашмашон

чун чароғони шаби ид муфарреҳ,

Дилашон-зодгоҳи шодии олам,

Рӯҳашон-рӯҳи ду фариштаи ғофил зи асли инсон буд.

Пайи як кори азим

Ду нафар мерафтанд

Дӯш бар дӯшу қадам бар қадаму даст ба даст

Ба харидории як баста офтобпараст…

Дилам дар шаккаристон аст имрӯз,
Шакарваштар зи бӯстон аст имрӯз.
Баҳоро, мизбонӣ кун диламро,
Ки дар хони ту меҳмон аст имрӯз.
Биё бар зодрӯзи як гули сурх,
Ки чун анқо намоён аст имрӯз.
Се ҳарф аз арш бар ёриям омад,
Ҳама душворам осон аст имрӯз.
Дилам бо содагии кӯдакона
Туро пазмони пазмон аст имрӯз.
Нишоти бетуиям ботуӣ шуд,
Ғулувви васлу ҳиҷрон аст имрӯз.
Агар ту заррабини ғайб дорӣ,
Бубин, ҳар зарра кайҳон аст имрӯз.
Итобам буд агар, вопас гирифтам,
Хитоби ман ба Инсон аст имрӯз.
Бифармо, дар дили нозуктабиат
Аҷаб хуршеду борон аст имрӯз.

Оему равем гоҳу бегоҳ,

Мирему зием хоҳу нохоҳ.

Эй вақт, моро ба бод додӣ

Бо рафтани ҷисмкоҳу ҷонкоҳ.

Сад зарба задӣ ба чор рукнам

Бо ақрабаи дарозу кӯтоҳ.

Чашми ту муаллифи баҳор аст,

Эй қалби ту сардабири даймоҳ.

Мктуби саломатӣ фиристам

Бар номи азизи асри панҷоҳ.

Сад қарн гузашту тай нашуд ҳеҷ

Дар байни ману ту як қадам роҳ.

Эй дӯст, кунам дуои ҷонат,

Бо он ки наӣ зи ҷонам огоҳ.

Фасли сабзи ифтитоҳ

Рӯзгоре гуфтам, эй дӯст,
дар гиребони фалон гул
ҷои шабнам
пардаи ғафси ғубор аст.
Дар фалон оина ҷавҳар нест,
зангор аст.
Дӯст гуфт: Афсӯс, афсӯс,
Фикр мекардам, ки ғайбат
Нест дар барномаи атвори ту.
Фикр мекардам, ки ҷуз нашри сабоҳат нест дигар кори ту.
Фол медидам,ки бо ту мешавад
пиндорҳои одии ман мӯҳташам,
Эй дар анбӯҳи дайи берӯҳу ялдои хаёлам
ёди худро боз карда
нарм чун боли кабӯтар,
пок чун чашмони нилуфар,
чун ҳарири субҳҳои исавидам,
чун гули Марям.
Фикр мекардам, ки инсони азизи ормониям туӣ,
Қосиди ваҳйи муҳаббат,
хаткашони осмониям туӣ.
Фикр мекардам, ки ту оинаи бетарҷумонӣ,

Фикр мекардам, ки..,

Пас…

Пас ту ҳам… чун дигаронӣ…

-Ман… Ман чӣ гӯям.

Пеши чашми ҳақнамоят

бахри рӯшан кардани худ

ҳеҷ бурҳоне надорам.

Эй ки аз сад парда он сӯро мушаххас мекунӣ,

рӯ ба рӯи инчунин оинаи ботиннамо

ғайри сад ҷурми намоёне надорам.

Дӯст, таъзирам бикун.

Эй пуропур аз фурӯғи эзидӣ, як бор таъсирам бикун.

Дӯст, бо анвори полояндаат

тирагиҳои маро ислоҳ кун.

Дар ҳамин садсолагӣ ҳам

Рӯҳи ман аз рӯҳи ту таҳрирхоҳ аст.

Дер шуд, шояд дар ин бефасливу бемавсимӣ

тавба кардан ҳам гуноҳ аст.

Дер шуд?

На, на, на, ҳаргиз!

Ҳолиё

ҳам фасли сабзи ифтитоҳ аст.

Баҳор мазҳари эъҷозҳои раббонист,

Чаман бадеътарин «Ҷанг»- и ҳазрати Монист.

Баҳор, барги гулатро бигиру нохун зан,

Ки дар бирешими ҷонам навои найсонист.

Аё муаллифи хуршеду моҳу сабзаву об,

Зи килкат он чӣ барояд, ҳамеша ҳаққонист.

Бигӯ, зи ҷониби худ ман чӣ метавонам кард,

Ки ҷумла бастаи барномарези пешонист.

Агарчи моили куфранд, боз медонам,

Ки чашмҳои туро ҳам саводи ирфонист.

Кий, ки некии офоқро муҷассамаӣ,

Ки дар тамоми сулулат ғулувви инсонист.

Садои рафтани умр аст тиқ – тиқи соат,

Чунин давидани ин ҳарду номусалмонист.

Буруни панҷара ҳоло баҳори хуршедӣ,

Даруни панҷара аммо ҳавои боронист.

Ҳаммилати хуршедӣ,

Ҳамшаҳрии дарёӣ,

Ҳамдини баҳоронӣ,

Ҳаммазҳаби гулҳоӣ.

Ҳам ғоибу ҳам ҳозир,

Ҳам аввалу ҳам охир,

Бар чашми кӣ пӯшида,

Бар чашми кӣ ифшоӣ.

Эй бехабар аз мурдан,

Аз заҳмати афсурдан,

Ҳам пиртарин пирӣ,

Ҳам аз ҳама барноӣ,

Дил фохтае бошад,

Раҳбохтае бошад,

Якзайл занад ку-ку

Аз лонаяки лоӣ.

Эй дӯст, алайкам гӯ,

Ҳар сония пайкам гӯ,

То дил бизанад ёҳу

Дар қуллаи зебоӣ.

Дар ҳар назари мункир

Ҳаргиз нашавӣ зоҳир,

Дар чашми пазиранда

Ҳастиву ҳама ҷоӣ.

Гул ба гул омадӣ, баҳор, биё,

Офтобона худнисор, биё.

Лутф кун, то дубора кор ояд

Дили соқит зи эътибор, биё.

Кори ман мавсимиву кори ту ҳам,

Баҳри роҳат наё, ба кор биё.

Ба ту ишқи парастувона мараст,

Ту ба ин ишқ шак наёр, биё.

Ман агар бадтарам зи порина,

Ту накӯӣ, накӯ зи пор, биё.

Турши моро бизан ба ширинӣ,

Шаккаристони Кирдигор, биё.

Толиби мӯҳри юсуфонаи туст

Ҳафт авроқи интизор, биё.

Мани фонӣ як омадан дорам,

Туйи боқӣ ҳазор бор биё.

Аксиома

Кӯдакӣ

бо чаҳор по

аввалин гом мениҳад

дар остонаи дунё.

Навҷавонӣ парастувона

мужда меорад

бо пару боли заминтасхир чун чатри само.

Аз ҳама дер ва ё аз ҳама зуд

Бо се пойи кашола меояд

Пирии хамзада

бо пушти дуто.

Эй қулланаварди ману гардунсипари ман,

Хуршедсулули ману бологузари ман.

Аз ишқи ту чун аз шарари ғайб дурахшид

Дар пушти саропардаи нозук гуҳари ман.

Дил шому саҳар тарҷумаи ҳоли ту дорад

Эй ҳаҷри ту фирдавсу висолат сақари ман.

Гӯянд, ки андӯхтаат чист, бигӯям,

Густурда ба шаш сӯст ҳама лоқу пари ман.

Донӣ, ки чаро зуд дукон бастаму рафтам,

Дидам, ки харидор надорад шакари ман.

Аммо дигар ин нукта аён аст, ки ҳаргиз

Осон ба хамӯшӣ нагарояд шарари ман.

Табрик, ки халқе ҳама гуфту ту нагуфтӣ

Табрики тулӯи нави шамсу қамари ман.

Дар чашми қадимат нигаҳи нав ба нав овар.

То боз шавад ҷилваи дигар-дигари ман.

Бар он ки ҳайӣ ё ки найӣ, нест далелам,

Эй ҷумла ҷаҳони ману эй як нафари ман.

Ҳам ишқи маҷозиӣ, ҳам ишқи ҳиҷозиӣ,

Яъне, ки ҳақиқиӣ, бо он ки маҷозиӣ.

Эй аз ҳама ҳам сода в-эй аз ҳама ҳам душвор,

Гаҳ дарси алифбоӣ, гаҳ фанни риёзиӣ.

Занҷир зи по кандӣ, занҷир ба дил бастӣ,

Ҳам сӯфии кофарваш, ҳам ринди намозиӣ.

Бо валвалаи хомӯш, бо шукри шикоятпӯш

Ҳам аз ҳама норозӣ, ҳам аз ҳама розиӣ.

Берун зи ҳама ҷадвал, ку охиру ку аввал,

Нӯҳ чарх сари китфат дар хандаву бозиӣ…

Наврӯз шуду панҷараро боз намудем,

Сад шукри ту, эй Ҷони Ҷаҳонсоз, намудем.

Табрики ҳама майнаву гунҷишку парасту

Бо марҳалаи тозаи парвоз намудем.

Хуршед сетор асту се маҳ корбаро кард,

Мо, чилланишинон, нахи ӯ соз намудем.

Хуршедтарин, субҳтарин хотираҳоро

Аз дуртарин панҷара овоз намудем.

Андози баҳор аст напардохта ҳоло,

Бо он ки адои ҳама андоз намудем.

Он ҳавсалаҳои фалаҷи коғазии мо

Чун бодбарак буду фалактоз намудем.

Эй сифр, аё «О»-и муаззам ба сириллӣ,

Оядаи худро зи ту оғоз намудем.

ЛАВҲИ ЭҲДОӢ

Диламро боз мехонам

Зи маҳфилҳои ҳазёнии беморон,

Зи маҷлисҳои фурсатсӯзи бекорон.

Зи ҳар ҷамъияти бадгил,

Зи зоҳиршуставу олудапиндорон,

Зи ноёрии ёрон, балки аз ёрии ноёрон.

Аз он чашме, ки дар пушти зуҷоҷаш

буғзи хоно зиндагии ҷовидон дорад,

Аз он рӯе, ки бо ойина пайкори ниҳон дорад,

Аз он кӯе, ки атри гул надорад, шарфаи пойи хазон дорад,

Диламро боз мехонам

Зи танҳоӣ,

Зи хористони андеша,

Зи анбӯҳи ғубористони андеша.

Зи савдоҳову аз бозорҳо ҳам,

Зи дунё ҳам, зи дунёдорҳо ҳам,

Зи заркӯбону заркобон,

Зи бетимору бетӯморҳо ҳам.

Диламро боз мехонам аз ӯ, яъне аз он заҳрангубини ман,

Аз он ҷонсӯзи ман,

ҷонсӯзи бепарвотарини ман,

Зи гӯшаш мекашам вопас

бирешим бар бирешим, нах ба нах ҳарфу ҳиҷоямро,

даруntар меҷабам дар худ садоямро.

Тиҳӣ месозам аз зарби шамими ӯ ҳавоямро,

Диламро боз мехонам,

дили дилнорабоямро.

Диламро боз меорам

Ба дилпурсии ҳар барфу алаф,

ҳар саъваву гунҷишк,

ба меҳмонии гулҳои ҷабинафрӯз

бо мӯҳри аҳуроӣ.

ба салламнои ҳар як шаддаи ангури дороӣ,

ба доманбӯсии рӯзони пар-пардомани дартоз,

ба шобоши шабони кавкабафроз.

Зи фасли кӯҳнайи поён

ба фасли тозаи оғоз.

Диламро боз мечинам чу до-ре-ми дар адвори навоӣ.

Фақат бар ҳурмати ишқи ту, эй Оҳангсози аввалину охирини ман,

Диламро боз меорам чу лавҳи сурхи эҳдоӣ

Ба ту, Ҷонофарини ман…

Чун ба анҷум ҷилваи пинҳон кунам,

Халқро бори дигар ҳайрон кунам.

Бо нигоҳе ҳафт пироҳан дарам,

Осмонро таҳ ба таҳ урён кунам.

Чун ту натвонам кулоҳи сурхро

Дар сари офоқ андармон кунам.

Чун самои дай дури сурхам, ки ҳаст,

Чанд дар ҷилди садаф пинҳон кунам.

То ба ин дам хидмати ҷин кардаам,

Дигар акнун чокарии ҷон кунам.

Ҳар гунаҳро тавба ҷуброн мекунад,

Тавбаро ман бо гунаҳ ҷуброн кунам.

Офтобо, кош, ало, гӯиям,

Гар ба асри шаст ҳам тилфон кунам.

Бар дили ман рухсати таътил нест,

Нав ба нав бо орзу паймон кунам.

Макун ҳиқ – ҳиқ, бигӯ, дасти маро гир,

Дуруд, эй орзу, дасти маро гир.

Чу тӯморам туӣ, бирҳон зи тимор,

Фаро бар аз адӯ, дасти маро гир.

Аз ин пас эътиборе ҳам набахшам

Ба ҳар як баъву бӯ, дасти маро гир.

Чу ман тилфон задам бар Ҳазрати ишқ,

Ҷавоб омад: Алу! Дасти маро гир.

Ало, эй арғувони осмонӣ,

Бирӯй аз ман, бирӯ, дасти маро гир.

Ману ту як ба як хоҳам, ки бошем,

На ҳаргиз ду ба ду, дасти маро гир.

Дар ин дунёву он дунё фақат ту,

Фақат ту, боз ту, дасти маро гир!

## АВВАЛИНУ ОХИРИН

Духтаре ғофил зи таъҷили ҷавонӣ
Дар сараш мӯи сафеди аввалинро
Ханҷари хунрез мепиндошт.
Модараш ҳам
дар сараш мӯи сиёҳи охиринро
Охирин тармеваи пойиз мепиндошт.

Паймон

То дилам хори нонамо дорад,

То нафас ҳам даро-баро дорад.

То вуҷудам иқомати кӯтоҳ

Андар ин меҳмонсаро дорад,

Ман ба гулҳо дуруд мегӯям.

Зиндаамро бихӯрд хомохом,

Мурдаамро намедиҳад ором.

Зикри ҷурми маро ҳазорон сол

Нав ба нав медиҳад давом, давом,

Ман ба аъдо дуруд мегӯям.

Дар баҳори парастувонаи ман,

Ба тавофат парад таронаи ман,

Ишқро баргирифта бар дӯшам

Ба суроғи ту, эй Ягонаи ман,

Мани пӯё дуруд мегӯям.

Ба тамошо дуруд мегӯям,

Ба таманно дуруд мегӯям.

Мавҷ бар мавҷ то дилам заданист,

Пасту боло, дуруд мегӯям,

Ҳамчу дарё дуруд мегӯям.

Қарзам аз офтоб як шарар аст,

Қарзам аз чашми Дӯст як назар аст.

Дар лаби рӯзҳои оянда

Ба ману ту ҳазор хушхабар аст,

Ман ба Фардо дуруд мегӯям.

Вуруднома

Анна[1] мегуфт,

Ки бо мӯҳри ходимони замона

Ба фалонӣ иҷоза шуд,

ки бидуни гирдгардиш,

Бе ҳеҷ ҳоиле дар миёна,

Бишавад вориди хона,

Ба ман иҷоза нашуд.

Он фалонӣ гила мекард,

Ки бо мӯҳри Корсози Ягона

Ба номи Анна расидаст иҷозатнома,

Ки бидуни гирдгардиш

Бе ҳеҷ ҳоиле дар миёна

По гузорад ба остони ҷовидона,

Бо тӯшаи бузурги тарона.

Ба ман иҷоза нашуд…

1. Анна Аҳмадова ба дӯстонаш шиква мекард, ки ба профессор Пунин вуруднома доданд, ки аз даромадгоҳи асосӣ мустақим ба манзилаш, ки дар бинои давлатӣ воқеъ буд, ворид шавад, вале ба ӯ, ки фақат Шоир асту дигар ҳеҷ, иҷоза надоданд.

Дар инҳисори вақт

Фурсати мо кофист

Барои сарфи ғизои саҳару зӯҳру шом.

Барои дав-дави берабту бенизом,

барои ҳарзанавардии мағзи нооромм,

Аҷдари хоб

Ними зеботарини зиндагонии моро

ҳамчу ангури чиллагӣ

мехӯрад хомохом.

Фурсати мо кофист

барои ғафлату хамёза,

Барои гӯш супурдан

ба бедалелтарин ғайбату

ҳубобтарин овоза.

Ба гирудори кӯчаву бозор,

Барои раҳ бурдан

фақат ба ҷодаи такрор.

Аммо ду аср шуд, ки наёмад фикри беоҳари мо

як бор ҳам ба кор.

Аммо ҳазораҳо ҳама рафтанду

як гули сурх

мондаст бе ҳазор.

Дар пушти парда лаҳну садоро ниҳодаем

Чун колаи қадими бехаридор.

Мешитобем ҳама бори тааҳҳуд бар дӯш

Ба суру мотамҳо,

ба ҷашнҳои ғамбароранда,

ба сӯгҳои ҷонфишоранда.

Вале шитоб надорем

барои чидани идии офтоб дар қадамгаҳи субҳ,

барои таъзияи абр, абри боранда.

Боғ, эй боғчаи хуррами сари кӯча,

Фикрҳои маро раҳо кун аз шумораи пулҳо,

Ба ман шумораи гулҳоро гӯ,

Ба ман шумораи тилфони офтоб бидеҳ.

Лоақал ними нафас

Маро иҷозаи ворид шудан ба равзаи шабоб бидеҳ,

Маро ҷавоб бидеҳ.

Оҳ, агар пошна медошт нафас,

тақ-тақашро мешунидем.

Кош, дар сабқати давидани вақт

Мо ба ҳар сонияи тундтози хеш мерасидем.

Он замон фурсати мо низ мерасид

Барои таҳнияти офтоби юсуфрӯ,

Барои маърифати ҳар баҳори ғолиябӯ.

Барои огаҳӣ аз силсиланомаи сабоҳии булбулҳо,

Барои рухсати вуруд гирифтан

ба зиндагии рангаи гулҳо.

Барои тафсир бастан

ба се ҳиҷои «са-о-дат»,

Барои ҳаммасоҳатии дили мо

бо вожаи бузурги «Муҳаббат».

Ҳолиё фурсати мо мерасад ва ё на,

Барои мусиқии нафиси сонияҳоро як нафас бишнуфтан,

Барои аввалину охирин

ваҳйи ошиқонаи худро

ба гӯши бастаи ҷаҳон гуфтан,

Барои мурдану милоди нав пазируфтан.

Авҷ кабуд аст, кабуди кабуд,

Ишқ суруд аст, нахустин суруд.

Субҳ, ту бар ҳурмати Ҳақ арза кун,

К – аз чӣ сириштанд маро тору пуд.

Он чӣ навиштам ба ту, эй рамзёб,

Тарҷумаи ҳоли гули сурх буд.

Асли ман ин аст, дигар чеҳраро

Ман натавонам, ки кунам вонамуд.

Занг зан, эй ёр, ки занги қадим

Зуд зудоӣ зи дилам, зуд, зуд.

Рафт ду қарну зи дили лахт – лахт

Ишқ, ба номи ту ҳазорон дуруд!

Насими субҳ, ки аз ҳаштбоғ меояд,

Чаҳор равзаи моро суроғ меояд.

Биҷуст айб аз ин чорбоғи хушнафаҳот,

Ҳар он фасурда, ки маҳкамдимоғ меояд.

Чӣ ҷои шиква зи ташвишҳои умррабо,

Ки баъди шавқи даводав фароғ меояд.

Табибиву на туро марҳаму на марҳаматест,

Дареғи дил, ки чунин доғ – доғ меояд.

Саҳар амини гузар муҷдаи дурӯғин дод,

Ки бар маҳаллаи мо ҳам чароғ меояд.

ТАКРОР

Дар сари бом мешавад оғоз

Фасли лаклакпаронии тифлон.

Болҳо мекашад ба авҷоавҷ

Ҳаваси осмонии тифлон.

Дер ё зуд хатм меёбад

Нози гул дар ҳарири фарвардин.

Дар паси барфкӯҳи хотираҳо

Субҳи шириннафири фарвардин.

Чист, эй саъва, мантиқи парвоз,

Чист мазмуни нӯҳ саҳифаи во.

Ин суолам барои оинаҳост,

Ки нуҳуфтан беҳ аст ё ифшо.

Бошу бешиква зистан омӯз,

Эй дили таҳнишастаи бесӯз.

Мерасад бар нишонии дурат

Боз табрикномаи Наврӯз.

Ҷон туӣ, ки умрамро аввaливу поёнӣ,

Чун кунам сабукдӯшат аз мақоми ҷонoнӣ.

Пахш кардиву рафтӣ, марҳабо, ҳалолат бод,

Чун ба роҳат афтодам мисли лаъли уммонӣ.

Пои фикри ман доим ботаҳорат аст, аммо

Мекунад ба сӯи ту рафтуои пинҳонӣ.

Эй ки ком мехоҳӣ, пас наӣ, наӣ ошиқ.

Ишқ чист ошиқро ҷуз нишоти раббонӣ.

Аз ту чун фирор орам, эй зи шаш ҷиҳат пайдо,

Эй ки ҳак шуда номат рӯи лавҳи пешонӣ.

Сабз – сабз гӯиям аз ғулувви бебаргист,

Сакта баста дар рӯҳам ғуссаи зимистонӣ.

Ишқ, ишқ, хушбахтам аз башорати дурат,

Як қиёматӣ, оре, ё қиёматистонӣ.

Як шакарханда бомдод фирист,

Ба тилисмоти мо кушод фирист.

Сура – сура саодат эҳдо кун.

Оя – оя хату савод фирист.

Қосидеро агар фиристонӣ,

Ҳурмузоину ринду род фирист.

Бо шафақ, бо сапедаву сабза

Хешу ҳамхуну ҳамнаҷод фирист.

Дар миёни ману баҳори навин

Тозапаймони иттиҳод фирист.

Дар куҷо, тақ – тақи фузун зи куҷо,

Ба муридони худ мурод фирист.

Эй фиристандаи ягонатарин,

Бар дилам ишқи умрбод фирист.

УММЕДВОРИ МАҚДАМИ МАСЕҲО

Андар он фасл, фасли шайпурӣ,

Монда будӣ, эй гули қаҳ – қаҳи сурӣ,

дар таҳи чашм.

Андар ин фасл, фасли кофурӣ

Барг – баргиву мондаӣ дар таҳи по.

Эй дили мурда, чанд хоҳӣ буд

Уммедвори мақдами Масеҳо.

Нури ту бар ҷаҳони ман мерасаду намерасад,

Бар ҳарами ниҳони ман мерасаду намерасад.

Нолаи гармҷӯши дил, валвалаи хамӯши дил

То ту, ай осмони ман, мерасаду намерасад.

Сӯзи туву мақоми ту, пайки туву саломи ту

Бар найи устухони ман мерасаду намерасад.

Дил чу гулест барг – барг дар дами ҷолаву тагарг,

Исии меҳрубони ман мерасаду намерасад.

Қуфл задаст гӯши ман, дар бизан, эй сурӯши ман,

Тақ – тақи ту ба ҷони ман мерасаду намерасад.

Шеър чу ваҳйнома аст, аз нафасаш шамома аст,

Қосиди ростони ман мерасаду намерасад.

Мерасаду намерасад номаи ман ба номи ту,

Номаи бебаёни ман мерасаду намерасад.

Зангӯла зад офтоб, хезед,

Аз маҳкамаҳои хоб хезед.

Урён бишавед, осмонҳо,

Аз маҳбаси нӯҳниқоб хезед.

Эй мардумакони чашми кофар,

Аз ғафлати носавоб хезед.

Эй тӯдаи диляхони бесӯз,

Як бор шавед об, хезед.

Тифлии шумо ба хоб бигзашт,

Рӯзи адами шабоб хезед.

Ин зарбаи белро шунидед,

Аз ҳайбати гӯркоб хезед.

Эй панҷараҳои пилкбаста,

Бо даъвати офтоб хезед.

Худ Мункару худ Накир бошед,

Бар пурсишу бар ҷавоб хезед.

ХАТКАШОН

Дар зодрӯзи сабзаи салому алайк
Гамбуски арғувони сияҳхоле
бо номи шоиронаи «пар – пар»,
фархундамақдаму башоратовар,
зеботар аз кабӯтар
ногаҳ фуруд омад
аз вусъати баҳори муфарреҳ
чун тарҷумони хуршед,
чун хаткашони субҳи фурӯзонфар.
Ман аз ин қосиди кӯчак паём бигирифтам
Паёми Ҳазрати Бузургтаринро
Барои дар бикушодан,
ба шодии баҳор пайвастан.
Ҳамчу симурғи офтоб
Пиряхҳои ниҳонии тафаккурҳоро
бесадо бишкастан.
Барои бори дигар
сар кашидан зи ҷайби хоки зимистондида,
барои ғунча шудан,
гул бастан.

Бо ту оиназор шуд дили ман,

Сад тараннум баҳор шуд дили ман.

Омаданҳои бешабеҳи туро

Чӣ қадар интизор шуд дили ман.

Шабнам омад ба каъбаи хуршед,

Бо дили кӣ дучор шуд дили ман.

Баъди садҳо ҳазор полоиш

Раҳ ба раҳ чашмасор шуд дили ман.

Бетаназзул баландмартаба гашт,

Ҳар қадар хоксор шуд дили ман.

Бетараққӣ шуду фурӯ афтод

Ҳар қадар бовиқор шуд дили ман.

Рафтаму чун ҷаридаи улвӣ

Нав ба нав интишор шуд дили ман.

Ишқ омад чу гавҳари якто,

Дурҷи Парвардагор шуд дили ман.

Тариқи зистани бехато намедонам,

Чунин тариқати зебо чаро намедонам.

Барои тозагии худ далел меҷӯям,

Куҷост он санади бебаҳо, намедонам.

Чаро қадам ба қадам кӯдакона меафтам,

Ҷаҳонпаноҳии он мутакко намедонам.

Маро зи ишқ напурседу захмаам назанед,

Ман он саодати ноошно намедонам.

Ба ҷуз ҷавонии маъсуму субҳу шоми бадеъ,

Дигар чӣ монд маро дар қафо, намедонам.

Надонам, эй туйи ғойиб, куҷоииву кӣ,

Чунон ки худ кияму аз куҷо, намедонам.

Гуноҳи сахттаринам ҳамин, ки эй Якто,

Туро, чунон ки туӣ, ҳолиё, намедонам.

Чаман андар чаман гӯям муборакбодии гулҳо,

Ки барпо мешавад имшаб шаби эҷодии гулҳо.

Ҳуруфе дорам, аммо андалебон сахт меранҷанд

Зи бемаҷнунии гулгашту бефарҳодии гулҳо.

Манам ҳамшаҳрии лола, манам ҳамрустои ёс,

Пас аз сад қарн ҳам шояд чамам дар водии гулҳо.

Дило, садбарги асрори туро ман нашр хоҳам кард

Ҳамин ҳоло, ки фурсат ҳаст то барбодии гулҳо.

Ба зеҳозеҳи ту сад хирмани гулро барафшонам,

Бизӣ, бо ханда зӣ, фархунда зӣ бар шодии гулҳо.

ФАТВО

Ё ман чу туям ё ту чу манӣ,
Ман кӯҳнанавам, ту навкуҳанӣ.
Не ман чу туям, не ту чу манӣ,
Ман хотимаам, ту сарсуханӣ.

Гул мегузарад, гул мегузарад,
Эй бехабар аз тақвими баҳор.
Дер аст туро, ҳой, эй дили хушк,
Ҳам нилуфарӣ, ҳам ёсуманӣ.

Гул мегузарад, гул мегузарад,
Як парда саро, як парда баро.
Бо рафтани гул, эй ҳеҷсулул,
Аз булбулият монад зағанӣ.

Эй рашки сурур, эй шаддаи нур,
Эй дар бари ман в –эй аз ҳама дур.
Аз он сӯи дил, аз он сӯи ҷон,
Пайдову ниҳон чаҳ – чаҳ бизанӣ.

Аз арш расад хирвори карам,
То ман бизиям бе фикри дирам.

Шаҳдам, ки диҳанд аз хони азал,

Бошад, ки кунам шаккаршиканӣ.

Қосид, ки туӣ аз сӯи Худо,

Эй маргҳаёт в – эй дарддаво.

Танҳо ту бидеҳ, фатво ту бидеҳ

Дилро заданӣ, дилро заданӣ.

Як ҷаҳон сухан дорам бо ҷаҳони маҳкамгӯш,

Ҳолиё, ки мехонад дар қафас дили навҷӯш.

Матлаат чӣ буд, эй дил, мақтаат чӣ хоҳад буд,

То куҷо тапиш дорӣ фориғ аз пагоҳу дӯш.

Зарбае расад аз хасм, зарбаи дигар аз дӯст,

Мешавад зи ҳар зарба зарбаҳои дил хомӯш.

Зери гунбади качрав ҳар дақиқа нав бар нав

Мерасад ба қабристон як савори махмалпӯш.

Базми бемайи мо ҳам ифтитоҳу охир шуд

Бе нидои бобобод, бе садои нӯшонӯш.

Бар паропарии мо, эй қазо, манеҳ сакта,

Бар кабӯтарии мо, эй фазо, кушо оғӯш.

НОМАИ КӮТОҲ

Бори аввал зи ту мепурсанд
Тандурустии волидонатро.
Бори дигар
саломатии ҳамсаратро.
Бори саввум
ҳоли тифлонатро.
Бори чорум, агар насиб шавад, мепурсанд
сиҳатии наберагонатро.
Бори панҷум, агар саодати будан
ҳанӯз ҳаст, зи ту мепурсанд
шумораи аберагонатро.
Бори шашум…
Бори шашум ҳаст оё ё нест?
Пушти барфи пирӣ навбаҳоре ҳаст пайдо ё нест?
Барои дидани ҳар сабзаи ҳанӯз нодамида,
Барои бӯсаи ҳар гул, гули ҳанӯз ношамида.
Барои таҳнияти субҳу шоми оянда,
Ба тапишҳои дили орзукушоянда
Ҳаст оё иҷозати боло ё нест.
Дер ё зуд, эй дӯст,
Фурсати пурсишу посух тамом хоҳад шуд.
Сухане ногуфта,

қадаме норафта,

нафасе нокашида,

орзу наварзида,

ҳеҷ нодида, ҳеҷ нодида

номаи кӯтаҳи мо ихтимом хоҳад шуд.

Муборак гӯ, муборак гӯ, ҷавонӣ боз меояд,

На фасли наъш, баски нашъаи оғоз меояд.

Туйи садсоларо бо чашми маҷнунона мебинад,

Зи хушбахтӣ дили оина дар парвоз меояд.

Дамодам чарх мегардӣ заминбӯсу самооғӯш,

Ба роҳат чархи атлас низ пояндоз меояд.

Бухорозоди беҷуғрофиеӣ, эй самарқандӣ,

Ба шобоши ту пири ишқ аз Шероз меояд.

Биё, боре, бифармо, лутф кун, дар парда нохун зан,

Ки аз ин арғунуни кӯҳна ҳам овоз меояд.

Қалам дар даст меояд нигоре бехату бехол,

Бубахшо, бар мулоқоти ту бепардоз меояд.

Нав мешавам, нави нав, аммо пагоҳи дигар,

Бар субҳ мегароям бо рӯҳу роҳи дигар.

Роҳи ману ҳама кас шояд, ки инчунин аст:

Аз иштибоҳ рафтан то иштибоҳи дигар.

Сад тавба як гунаҳро шӯяд ва ё нашӯяд,

Сад тавбаро дилам шуст бо як гуноҳи дигар.

Аз қоби дил бигирам тимсоли ину онро,

Аз хокиён насозам хуршеду моҳи дигар.

Фармо, ки тоза кардам ин ҳафт хонаи чашм,

Зеро, ки нағз дидан хоҳад нигоҳи дигар.

Эй дӯст, аз ҳамин шаб ишқи туро пазирам,

Гар зиндаам гузорӣ то субҳгоҳи дигар.

Вақте ки бор бастам, ҷуз ишқ, ишқи барҳақ

Бар зинда мондани ман набвад гувоҳи дигар.

Эй ишқи хокистаршуда, то ҷовидон ёдат ба хайр,

Дар хотира пар – пар шуда, то ҷовидон ёдат ба хайр.

Заҳре, ки дар дил мондаӣ, чун заҳрпечак сар назад,

Як бӯстон шаккар шуда, то ҷовидон ёдат ба хайр.

Гуфтам, ки фардо чун шавӣ, дар гӯри дил мадфун шавӣ,

Эй сабзу боровар шуда, то ҷовидон ёдат ба хайр.

Аз гунбади сурхи дилам пайки сабоҳат рез, рез,

Рӯшантар аз кафтар шуда, то ҷовидон ёдат ба хайр.

Бар ҳурматат ҷону дилам, ин банд – банд обу гилам

Аз беху бун дигар шуда, то ҷовидон ёдат ба хайр.

Ин ояҳои гул ба гул, ин сураҳои навсулул

Бар мурда гулчанбар шуда, то ҷовидон ёдат ба хайр.

Омин, ки бисмиллоҳи туст, оғози сабзи роҳи туст,

Эй мурда, яъне сар шуда, то ҷовидон ёдат ба хайр.

## БЕСАВОД

Баҳор кай меояд?

Баҳор меояд

Дар он нафас, ки

дили пири сустҳофизаи мо

вожаеро ба ёд орад.

вожаи…

ман низ дар ёд надорам.

Эй баҳор,

эй муаллифи аввалин

шоҳкории олам,

Бе алифбои ту савод надорам.

Эй ранги орзуят чун атласи баҳорӣ,

Ҳаргиз мабош хаста аз орзубарорӣ.

Гарчи баҳори сархуш бе хайрухуш зи мо рафт,

Эй дил, магӯй падруд бо фасли дӯстдорӣ.

Хамёзаи ту гӯяд, ҷоно, ки ин ҳама субҳ

Бе завқи ифтитоҳӣ, бе фикри ибтикорӣ.

Сар монданат чӣ бошад дар пойҳои сифлӣ,

Чун гул шудан тавонӣ, худро мазан ба хорӣ.

Як мурғи содаеро дар боми пасти ғафлат

Бо ду камон набигрифт ин абрӯи шикорӣ.

Бар ман зи чашми сабзе ёди баҳор монда,

Ёди баҳор монда бар расми ёдгорӣ.

Фарроши рӯҳҳоӣ, ин рутбаи ту олист,

Хоси киӣ, киӣ, кӣ, эй дил, дили қаторӣ.

Сим мазан, сим мазан, сим, сим,

Қатъ кунам бо ҳама кас лому мим.

Эй дили садқибла бияндохта

Ним ба он, ним ба ин, ним, ним.

Қалби сабуксабку сабукшевагон

Кай бишавад мазҳари ишқи азим.

Ишқ, чӣ кардиву накардӣ, бигӯ

Бо мани нав, бо мани хеле қадим.

Ишқ, биё фотиҳахонӣ, ки мурд

Ин дили бепуштупаноҳи ятим.

Мурду ба дӯшаш ғарами тавба бурд,

Дар бикушо, дар бикушо, эй раҳим.

НАРДБОНИ ТАҶАММУЛ

Кош, монои ту будам, эй паранда,
Кош, бо имони ту мезистам як сония
огаҳ аз таъми саодат,
хушнасиб аз себи ширини муҳаббат,
гарми рағбат.
Кош, бо чашмони чун чашми
ту сода мешитобидам
ба табрики баҳор,
бар муборакбоди боғи сабздидор,
бар тавофи зиндагонӣ,
бар дуруди субҳҳои арғувонӣ.
Ҳар чӣ медидам, ҳама дар чашми ман буд,
нақши нотасвири Монӣ –
Нақши Монии фариди осмонӣ.
Кош, меомехтам бо ҳар сулулам
бо сулули рӯзи шодоб,
масти мусиқии гарми офтоб.
Мешунидам шаб, шабони нағзи тобистон
рашҳои симфониёи моҳтоб.
Кош, бар қонуни гул будам мутобиқ,
Ҳамсару ҳамсарнавишти ёсуман будам,
Ҳамсиришти настаран будам,

Соядасти обии шабнам дар
«Аржанг» — и чаман будам.
Лек, ҳайфо,
нест дар ман
иқтидори як паранда,
қуввати бемисли як мӯр,
рӯҳи нерӯманди як гул.
Мебарам рӯзе иваз месозам
ин огоҳии пурацзи худро
бо тағофул.
Эй азизи нонамо!
Нардбоне деҳ маро,
то раҳ бигирам бори дигар
аз таназзул
то таҷаммул.
Нардбоне деҳ маро, эй Ишқ,
эй се ҷузъи як Кул!

То туро, эй хуҷастамашраб, ёфт,

Ишқи ман оқибат мухотаб ёфт.

Аз залолат расид то рифъат

Дил, ки бо амри дӯст мансаб ёфт.

Шакаристони субҳро дар зад,

Беҳтарин устоду мактаб ёфт.

Ишқ, озодӣ ончунон, ки туро

Метавон бе тариқу мазҳаб ёфт.

Дили ман ҳам чу ишқ беҳаҷм аст,

Натавонад ба хеш қолаб ёфт.

Баъди садҳо сулуки аслу маҷоз,

Ҳар кӣ пӯёст, асли матлаб ёфт.

Офтоби ҳақиқии худро

Оқибат дар ниҳояти шаб ёфт.

## СУРХАНБОНИ ХОК – ХОК

Кабӯтари заррин
Дар фарози гунбади хузро
Мекунад қум қум.
Меравам дар ба дари
чашми шумо
ба гадоии табассум.
Худ намедонам,
ки кӯлборамро
сурханбони лахт – лахту чок – чокамро,
осмонии хок – хокамро
дар куҷо кардам гум.

Эй дили гултабор, фурсат ҳаст,

То гусели баҳор фурсат ҳаст.

Гунаҳам кӯҳу тавбаам коҳест,

То ба рӯзи шумор фурсат ҳаст?

Рашҳаи сурхи лолаи дилро

Боз бар интишор фурсат ҳаст?

То замоне, ки ҳаст дар хати умр

Мӯҳри Парвардагор, фурсат ҳаст.

Бори дигар ба гӯши ман бифирист

Гимни гул, яшти хор, фурсат ҳаст.

Макун, эй набз, корпартоӣ,

То ба поёни кор фурсат ҳаст.

Тапиши охирини дил гӯяд:

Ҳолиё дӯст дор! Фурсат ҳаст.

Муҳаббат ҷӯ, муҳаббат ҷӯ зи фарҳанги асотирӣ,

Кӣ дорад дар бисоти худ ҳанӯз ингуна иксире.

Чаро бар зиндагии ман, ало эй ғоибу ҳозир,

Расидӣ бо чунин шавкат бад-ин зудиву ин дерӣ.

Мани сода яқин кардам зи рафтуомади хуршед,

Ки рафту боз мегардад ҷавонӣ аз пайи пирӣ.

Чӣ ҷои шодиву ҳасрат, ки ин ҳарду намемонад,

Агар маҷмӯаи ҳуснӣ ва ё анбӯҳи тақсирӣ.

Ба боми дил чу борон чанд чӯбак мезанӣ, фармо,

Ки дар оинаи ман аз азал хуршедтасвирӣ.

Биё, охир, биёву фатҳ кун ин нокуҷоиро

Бад – он рӯҳи самарқандиву бо он рӯи кашмирӣ.

Барои он ки як дам дар ҳаёти ман дурахшидӣ,

Аз ин пас ҳар нафас мемириву ҳаргиз намемирӣ.

Дубора қудрати парвоз медиҳӣ ё не,

Ба арғунуни куҳан соз медиҳӣ ё не.

Ало зи рашҳаи ин Замзами ниҳон огоҳ,

Лабони замзамапардоз медиҳӣ ё не.

Ҳазор «не»-ву «ҳа»-и ман ба ҳам биёвезанд,

Сиришти куфрбарандоз медиҳӣ ё не.

Даме, ки оина ҳукми завол мехонад,

Ту бар аҷуз ҳам эъҷоз медиҳӣ ё не.

Маро ба маъракаи офтоб мехонӣ,

Дубора шавқи фалактоз медиҳӣ ё не.

Барои анҷумани навбаҳори оянда.

Ту бар вакилиам овоз медиҳӣ ё не.

Ба зиндагӣ – ба муҳаббатгаҳи хиёнатпеч

Бигӯ, бигӯ, ки маро боз медиҳӣ ё не.

СУЛУКИ САБЗ

Атса зад гули баҳман
Аз даруни пироҳан.
Шоҳиди ҳамин милод
Як туӣ, бале, як ту,
Як манам, бале, як ман.

Боғ меравад бар хоб
Дар ҳарири гулмаҳтоб.
Ишқ, ишқ, боз аз нав
Санг кун диламро, санг,
Об кун, диламро, об.

Эй дили башоратхоҳ,
Дар ҳамин дами кӯтоҳ
Ҳар сулули олам хест
Бо сурури ирфонӣ,
Бо нидои «Ё Аллоҳ!»

Меравам ба оянда,
Сабзу раҳкушоянда,
Бо паёми фархунда.
Пушти синаам хандад
Як гули абадзинда.

Эй саҳар, рух кушо, ҳиҷоб мабанд,

Рӯсарие ҷуз офтоб мабанд.

Дари ин меҳмонсароятро

Лутф кун, бо чунин шитоб мабанд.

Қисмат аз ӯву интихоб аз мост,

Дил, дило, роҳи интихоб мабанд.

Дӯст, дастам бигиру дар раҳи ман

Оташу хоку боду об мабанд.

Чор бандам ба чор сура кушо,

Мушти дилро ба тоб – тоб мабанд.

Он тараф чист? Хобу дигар ҳеҷ,

Ҳолиё чашмро ба хоб мабанд.

Гуфтаӣ: ӯст фитнаи офоқ,

Бар мани мурда ин савоб мабанд.

Дили озод, чу ту ҳамқафасе нест маро,

Ҷуз ту, эй дур, дигар дастрасе нест маро.

Ишқ ҳам ҳавсала мехоҳад, аё қалби лаванд,

Тапише нест турову ҳавасе нест маро.

На, зи ту шиква намудан ҳама аз ношукрист,

Ғайри ту қотили исинафасе нест маро.

Баҳри ин хидмати беминнати чандинсола

Чӣ нисорат кунам охир, ки хасе нест маро.

Бе ту хомӯштарин, бо туям овозтарин,

Ишқ, хуш бош, ки ҷуз ту ҷарасе нест маро.

Милиён наҷм нашуд ҳамшарари як хуршед,

Як туӣ, як ту, назири ту касе нест маро.

Дило, муносибатат бо баҳор қонунист,

Чу савти об, ки дар ҷӯйбор қонунист.

Ба хоҳиши дили мо чист посухи боло,

Тамоми хоҳиши Парвардагор қонунист.

Ситорааст сеторе, ки менавозад шаб,

Ҳамеша хомушии ин сетор қонунист.

Сетори ман, ки паси парда чанг бигрифтаст,

Яке бурун шуданаш аз ғубор қонунист.

Дило, мухолифати мо мувофиқат нашавад.

Миёни мову ту ин гирудор қонунист.

Барои сардиву беэътибории дили ту,

Зи ҷониби дили ман ҳам ниқор қонунист.

Ниқор чист, ба ҷуз дӯстдории ғоиб,

Ҳақо, ки то ба абад ин қарор қонунист.

## ДУ ЗЕБО

Ба кишваре рафтам,

Ба кишваре, ки шаҳрҳояш ҳам

рустоянд.

Ба кишвари дигаре рафтам,

Ба кишваре, ки рустоҳояш ҳам

шаҳрро моноянд.

Рустоҳои шаҳрии як мулк

ҳамчунон шаҳрҳои рустоии мулки дигар

чашми ҳайрони маро мояи тамошоянд,

ҳарду зебоянд.

ТИЛИСМИ БОЗ

Бишкуфт ё фусурд ин лолаи маҷоз,
Инро бирав, бипурс
аз ёри лоласоз.
Дар озмуни дав якбора ғайб зад
Дар хамгаҳи уфуқ хуршеди яккатоз.
Ин беқаноатӣ моро фақир кард,
Эй дил, талаб макун беш аз ҳади ниёз.
Бо халқ ҳамнаво, ҳамхоку ҳамфазо
Бигзор то зиям бе ҳеҷ имтиёз.
Дасти маро бигир, ояндаи мунир,
Ҷое, ки мебарӣ, шеб аст ё фароз.
Ҷоно, зи нокуҷо бар таҳният биё,
Оиназор шуд дил чун тилисми боз.

Ҳар суханат сахо кунад ҷоизаи ниҳониям,

Ҳар нигаҳат ато кунад қуввати осмониям.

Аз ҳама нодири манӣ, эй ки бурун кашидаӣ

Ин ҳама бозёфтро аз дили бостониям.

Аз кӣ ба кист хаткашон рӯҳи кабӯтаронаам,

Номаи нонавиштаам, қосиди бенишониям.

Шукр, ки ёфтам туро дар бадали сулуки дил,

Шукр, ки ёфтам туро, одами ормониям.

Чашми баҳоркеши ту ҳеҷ набахшад ин гуноҳ,

Ин ки шикояте кунам аз талафи ҷавониям.

Бахш маро, ки як туӣ бахшиши Офаридгор,

Бош, ки буданат шавад ҳуҷҷати зиндагониям.

ГАВҲАРИ СУРХ

Дар ҳарири насим мерафтам

бо нафҳаи гулобии сапеда ҳамоғӯш.

Рӯ ба рӯям пирамарде ногаҳон пайдо шуд.

Як халта хокрӯба дар сари дӯш.

- Салом, духтарҷон,

Бигӯ, маро ту мешиносӣ?

- Ваалайкум ассалом.

- На, дареғо, намешиносам.

- Ман бисту панҷ сол аз ин пеш,

вақте ту хурд будӣ,

бар манзили шумо

лӯлаи об бурда будам.

Ҳолиё кӯчарӯби ин боғам.

Бар ӯ нигоҳ кардам.

Атри гумгаштаи тифлӣ

баргашт бар димоғам.

Навбаҳорони шоди рангбаранг,

Офтоби ховариву

Осмони нафиси куртафаранг,

Рӯзҳои атласӣ,

Кӯчаҳои сабзрада,

Чеҳраҳои азизи дар паси анбӯҳи вақт ғайбзада

Омаданд аз чаҳор сӯ ба суроғам.

Дар чашмҳои хотирагардони пирамард

Дар ҷавфи ҳар нигоҳаш,

Дар хандаҳои меҳрпаноҳаш

зиндагӣ мекарданд

Саодати хоно,

қаноати гӯё,

иродати зебо.

Чӣ қадар ҳофизааш маҳкам буд.

Дили ҳафтодсолааш

Мазҳари аслии ихлоси Банӣ Одам буд.

Масоҳати муҳаббаташ

чу офтоб муаззам буд.

Дарёфтам, ки хокрӯба нест дар анбонаш,

Баста – баста эътиқод асту бовар аст.

Дарёфтам, ки дар садафи қонеи вуҷудаш

Як сурхгавҳар аст.

Навбаҳори атласпӯш рафту барнамегардад,

Субҳу шоми шабнамнӯш рафту барнамегардад.

Нағмаи баҳоринат, ларзаҳои поринат,

Эй дил, эй дили хомӯш, рафту барнамегардад.

Аз ҳавошии умрат тундтар зи мавҷи вақт

Мадду ҷазру тӯфонҷӯш рафту барнамегардад.

Дар дилат тапишҳоро, растухези зеборо

Гӯш кун, ки завқи гӯш рафту барнамегардад.

Сад чаман таманно ҳам, сад нигаҳ тамошо ҳам

Чун раҳо шуд аз оғӯш, рафту барнамегардад.

Иштиёқи сармадро бо чӣ метавон бишкаст,

Ишқ ҳам фалак бар дӯш рафту барнамегардад.

Хайр, паноҳат ба Худо, эй баҳор,

Хайр, ало нағмаи нӯшини пор.

Шукру дареғо, ки дили коҳилам

Нест дигар, нест дигар беқарор.

Ишқ туӣ, ишқ туӣ, ишқ ту,

Сабзтарин ҳадяи Парвардагор.

Ғайб назад дар паси тақвим ҳам

Ёди шафақпартави шабзиндадор.

Ҳусни туву ҷурми ман, эй ҷони ҷон,

Сахт фузун аст зи ҳадди шумор.

Метапад, азбаски тапиш кори ӯст

Лолаи дар пушти қафас интизор.

Дар талаби акси туву асли ту

Бори дигар омадам оинавор.

Эй дили навзоду куҳанпир, боз

Боз бизан, боз бизӣ, дӯст дор!

ШАБОҲАТ

- Духтарам. Ман ба ту гӯшвораи заррин овардам.

- Баъд, модарҷон, баъд.

То тулӯи фариштаи заррин

Сураи нур тиловат бикунем.

- Дастбанди нуқрагӣ мехоҳӣ?

- Нуқра ночиз аст.

Дар паси панҷараҳои нафиси оинабанд

Чаҳ – чаҳи нуқрагии субҳ саодатрез аст.

- Ҳолиё мехоҳам,

Пеши дӯзанда равем,

Ба ту пироҳани нав фармоем.

- Ғунча дар дохили як пираҳан асту зебост,

Ғунча тифл аст, вале дар тариқати покӣ

Пири иршоди мост,

Ғунча иншои баҳоронаи устоди мост.

- Ту бифармо, ки фароҳам бикунам

Шири мурғу тухми анқо.

- На, намехоҳам аз ин гуна ғизо.

Ман, ки маънои «қаноат» — ро

Дар луғатномаи сурхи дили худ ёфтаам, хурсандам.

Ман фақат

Зи ҳадяе, ки ба номам

Зи Ҳазрати Илоҳ меояд, хурсандам.

Ба ту монандам?!

…

Дер кардем бар саломи баҳор,

То парӯ шуд ба хок ҷоми баҳор.

Кош, ҳамрутбаи чаман будам,

Ҳамсафи боғу ҳаммақоми баҳор.

Кӯдаконро дуруд мегуфтам

Ҳамчунон ғӯраҳои хоми баҳор.

Рухнамои сипеҳри нилӯист

Ҷӯйборони чун рухоми баҳор.

Дӯст, моро иҷоза хоҳӣ дод

Баҳри шобоши субҳу шоми баҳор.

Дили ман, мисли лолаи Наврӯз

Сар баровар ба эҳтироми баҳор.

Беқарорӣ, ки надорӣ оромиш

Чор фасле зи вирди номи баҳор,

Сахт чӯбак бизан чу боронҳо,

По ба по зан ба рӯи боми баҳор.

Мазаи ишқро намедонӣ

Дар ҳамин лаҳзаи қиёми баҳор.

Ман надонам, чӣ кор мекардӣ,

Гар диҳандат даме зимоми баҳор.

Ту пас аз марг низ хоҳӣ зист

Бо ҳаёти аладдавоми баҳор.

Раву баргард, дилу ҷон, баргард,

Ба ҳарамхонаи пинҳон баргард.

Чандпардаст намоишгаҳи умр,

Эй зи сад парда намоён, баргард.

Аз дарун обилабандон бошӣ,

Аз бурун оинабандон баргард.

Ишқро восита кун, эй дили пир,

Ба ҷавонии худ осон баргард.

Сафари туст сӯи Каъбаи сурх,

Кофари рафта, мусалмон баргард.

Чун гиландоваи бомат кӯчид,

Ба ту гӯяд, ки зи кайҳон баргард

Сад ҳазор исму мусаммо бигзор,

Боз бар рутбаи Инсон баргард.

Ба ҳаёти ман, аё фарднаво,

Офтобона зарафшон баргард.

## ЛОЛАИ ЛОЛ

Эй дил, эй дил, бетаманноӣ накун,

Гул ба гул зан, баргпартоӣ накун.

Мард шав, яклахт шав, садлахти ман,

Одамӣ кун боз, Ҳаввоӣ накун.

Офтобӣ, қуллаҳоро барфурӯз,

Пушти кӯҳи Қоф анқоӣ накун.

Аз бисотат мӯҳраи момо начӯ,

Фикри зардолуи бобоӣ накун.

Дар сулули хеш бин мӯҳри ниё,

Ҷуз суроғи мӯҳри миноӣ накун.

Аллагӯи орзуҳои худӣ,

Осии дерин, таносоӣ накун.

Нав шав, эй синнат фузун аз синни даҳр,

Мисли пешин кӯҳнасимоӣ накун.

Шарм дор, эй лолаи лол, аз завол,

Ҳеҷ гаҳ тарки шукуфоӣ накун.

НАШРИ ЗЕБОӢ

Кӯҳнасавдоӣ,

Ҳарзапаймоӣ.

Ёваҳо гуфтӣ,

Дили ёбоӣ.

Дили шарманда

Зи худифшоӣ.

Мурдаӣ, мурда,

Ба чӣ кор оӣ.

Тапиши навро

Ту намешоӣ.

Пури не – неӣ,

Пури ҳо – ҳоӣ.

Аҷали ҷон аст

Бетаманноӣ.

Чист беишқӣ?

- Беҳаюллоӣ!

Тоза су – су зан,

Дури дарёӣ.

Сар барор аз барф,

Гули саҳроӣ.

Нав ба нав сар кун

Нашри зебоӣ.

Ғайб назан, ҳотифи пайдои ман,

Ҳотифи дамбаставу гӯёи ман.

Омадаӣ, бар қадамат пешкаш

Фасли хазонрези таманнои ман.

Пеши дарат чанд маҳал саф кашад

Тавбаи ман, узру тавалои ман.

Як гули қаҳ – қаҳ бувадаш ҷоиза,

Ҳар кӣ кунад боз муаммои ман.

Оина, эй оинаи дилнамо,

Чашми ту шуд шореҳи маънои ман,

Атса занад, атса занад ёди ту,

Атса зи бигзаштаи зебои ман.

Нест маро қудрати таҳрири вақт,

Баски набуд аз азал иншои ман.

Ҳеҷ натарс аз ману пирии ман,

Ишқ, бифармо, ту ба фардои ман.

*То ишқ зияд, зиянд эшон,*

*То ёд бувад, ҳама ба ёдем.*

*Мавлоно*

Эй н-омадаи хуҷастамилод,

Аз будану аз набуданат дод.

Дар шеваи беғамӣ ба сабқат

Дар ҳадди ту нест ҳеҷ устод.

Иншои ману ту чор банд аст,

Иншои баҳор бошад озод.

Дар субҳи кабӯтаронаи ман

Бартоб, ай офтоббунёд.

Эй сабзтариқати навойин,

Аз чашми ту мепазирам иршод.

Ҳастии маро, ки вақт хат зад,

Ҳар лаҳза ту тоза кардӣ эҷод.

Ман умри дубора қарздорам

Аз он ки туйи ягонаро зод.

То ишқ бувад, манам ҳама ишқ,

То ёд бувад, манам ҳама ёд…

## ШЕЪРИ МАН КӮРХАТ АСТ

Ҳар каломе, ки мекунам мавзун,

Як ба як кӯрхат аст,

Барои ёфтани гумшудаҳои гаронбаҳоям,

Барои дидани ғоибтарин ситеғи таманноям.

Барои бори дигар дастрас намудани дурри фурсат,

Барои ёфтани бирлиони нонамотарини муҳаббат.

Барои бори дигар раҳ ҷустан

Бар субҳҳои нуқравару шомҳои чун рухоми фасли ҷавонӣ.

Ман надонам, ки бо гузашти замон

Хиратар шуд ва ё муҷаллотар

Навиштаҷоти ҳумоюнии ёқути ниҳонӣ.

Барои бозрасидан

Ба тарабгоҳи зумуррадфурӯзи тозабаҳор,

Барои ёфтани сонияҳои тилоии дидор,

Барои табл задан

дар ҳама кӯву барзани дунё

чун мунодии офтоб хомушу гӯё.

Шеъри ман кӯрхат аст.

Барои бори дигар ёфтани ту, эй ишқ,

Эй бохтаи дубора нопайдо.

Туро дорам, туро, сад шукр, сад шукр,

Азизи нонамо, сад шукр, сад шукр.

Кам аст, оре, кам, аз як лаҳза ҳам кам,

Чу гӯям қарнҳо сад шукр, сад шукр.

Биёяд субҳ чун ваҳйи сафедат

Зи боми кибриё, сад шукр, сад шукр.

Ту сарлавҳи манӣ, эй хатми зебо,

Ай охирибтидо, сад шукр, сад шукр.

Агарчанде маро додӣ аз оғоз

Сириште норасо, сад шукр, сад шукр.

Дили хушбахти ман бо савти гуп – гуп

Нидо дорад, нидо: сад шукр, сад шукр.

Маро як воҷа нозил кун, ки дорад

Яку ними ҳиҷо, сад шукр, сад шукр.

Чу номатро бигирам ошиқона

Бигӯяд нӯҳ само: сад шукр, сад шукр.

Хазонак шуд, хазонак шуд магар гелоси гардун ҳам,
Дубора кор хоҳад кард оё чархи ворун ҳам.
Куҷо заҳҳокзори шабдарунҳоро барандозад
Агар аз теғи қулла бар шавад гурзи Фаридун ҳам.
Дигар аз ҳошия берун қалам ҳам як қадам нагзошт,
Саҳарҷӯшии дил бигзашт, шабсайру шабехун ҳам,
Магар инсон тавонад буд то фардои растохез
Кабӯтарвора хуррам ҳам, санавбаргуна мавзун ҳам.
Аҷал баҳри наҷот омад, аҷал н-омад, ҳаёт омад,
Вагарна ишқ ҳам мемурд, ҳатто ишқи Маҷнун ҳам.
Хитоби ман фақат бар туст, эй инсони оянда,
Ки баҳри рафтагон мафҳуми «Фардо» нест, «Акнун» ҳам.
Дар ин садсолагӣ бо ишқ паймон бастаам, маъзур,
Гар аз рӯи шариат нест ин, аз рӯи қонун ҳам.

Чун биёӣ, баҳорро овар,

Ҷони фурсатшуморро овар.

Дар саломи ту атса зад гули себ,

Себи минӯтаборро овар.

Сабз дар сабз ду ҷарида туроcт,

Рози ноинтишорро овар.

Зарбае зан ба қалби безарабон,

Тапиши сабзи порро овар.

Ҷони ман, то ки ҷони ман бинӣ,

Ҷони оинаворро овар.

Чанд таъхиру ғафлат, охир чанд,

Охир, эй Ёр, ёрро овар.

Бо тамомият, эй банӣ Ҳурмузд,

Лутфи Парвардагорро овар.

Гул ба шабнам ҷомашӯӣ мекунад,

Ҷилд-ҷилдаш нозбӯӣ мекунад.

Бори дигар баъди барфобарфи дай

Осмон хуршедрӯӣ мекунад.

Тавба аз бетавбагӣ бояд варо,

Дил ҳамоно ҳарзапӯӣ мекунад.

Чун туро бар худ ҳукуматдор хонд,

Пас бифармо, ҳар чӣ гӯӣ, мекунад.

Мо бадӣ бар вақт кай кардем, кай,

ӯ чаро бар мо адӯӣ мекунад.

Коргардони дили ман ёди туст,

ӯ, ки дар як қатра ҷуӣ мекунад.

Дар бадистон бо саломи ҳурмузӣ

Ишқ меояд, накӯӣ мекунад.

## ТО ИФТИТОҲИ ҶАВҲАР

(ба шодбоди ифтитоҳи пайкараи устод Рӯдакӣ)

Эй миллати хуҷаста, табрик, боз табрик,
Шоистаӣ, ки гӯям бе як маҷоз табрик.
Бар паҳлавидурудон, бар Рӯдакисурудон,
Бар оташинвуҷудон завқи гудоз табрик.
Эй дил, ту бо каломаш хат бар хат ошно шав,
З-он баъд хешро гӯ дурудароз табрик.
Чун коиноти шеъраш ҷуғрофиё надорад,
Руму Ҳиҷоз табрик, Вахшу Тироз табрик.
Бигзор то бирезад аз чархболи хуршед
Ҳар рӯз бар сари мо чандин баёз табрик.
Эй пайкари муҳаббат, сардафтари муҳаббат,
Эй рафтае, ки мондӣ ояндасоз, табрик.
Аз ифтитоҳи пайкар то ифтитоҳи ҷавҳар
Ин як қадам ниҳодан бар аҳли роз табрик.

Матлаат хуршедмаънӣ, мақтаат маҳтобмазмун,

Ҷовидон зӣ, навҷавон зӣ, рӯд, эй рӯди ҳумоюн.

Навтаринӣ, навтанинӣ, ринди ширинравтаринӣ,

То қиёмат ҳам най ту шоири аз мӯд берун.

Хокие натвонад охир мисли ту бесакта рафтан,

Кош, мерафтем мо ҳам ҳамчу ту мавзун, мавзун.

Бо само хешу таборӣ, бо малоик ҳамканорӣ,

Миллату мазҳаб надорӣ, эй ту бо хуршед ҳамхун.

Раҳрави бедорхобӣ, обилабанд аз ҳубобӣ,

Дар ғами кӣ об – обӣ, эй ту Маҷнунтар зи Маҷнун.

То ҳайӣ имрӯзу фардо по бизан бар кори дунё,

Шоҳкории таоло, сунъи шоҳаншоҳи гардун.

Хостӣ ҳафт осмонро дар занӣ, нагзоштанд,

Наъраҳо аз гунбади ахзар занӣ, нагзоштанд.

Хостӣ дар зулмати заҳҳокзори рӯҳҳо

Аҷдарони нонаморо сар занӣ, нагзоштанд.

Дар рухи оинаҳои кӯри ҷавҳарнопадид,

Хостӣ як мушт хокистар занӣ, нагзоштанд.

Хостӣ аз рӯи дунёи шарофатбохта

Остини маъсиятро бар занӣ, нагзоштанд.

Омадӣ, то хилъати абрешимии субҳро

Бори дигар шуставу оҳар занӣ, нагзоштанд.

Дар лаҷанзоре чаманзор офаридан зиндагист,

Омадӣ чаҳ – чаҳ дар ин қар – қар занӣ, нагзоштанд.

Худ ту нагзорандаӣ ё ғайр нагзорандааст,

Хостӣ аз худ бурунтар пар занӣ, нагзоштанд.

ИМТИЁЗ

Дӯш донистам, ки ту, эй ринди қонунсӯхта,
Шаҳрванди фахрии шаҳри муҳаббат гаштаӣ.
Чун парастувон саморо бо самоъ омехтӣ.
Бо баҳорон ҳамшариат,
Бо насими атргардон ҳамтариқат гаштаӣ.
Имтиёзат чист?
Дар шаҳри муҳаббат ройгон аст.
Обу барқу нуқтаҳои робита,
Гуфтугӯи булбулу гул,
Пурсупоси боғҳои ташнаву оби равон,
Номаҳои шабнамии субҳ бар унвони хуршед.
Дар миёни чашмҳо ҳам ройгон аст
Интиқоли армуғон.
Нест он ҷо гуфтугӯи мобилӣ,
Ҳаст танҳо гуфтугӯҳои дилӣ.
Имтиёзи бешуморат ҳасту худ
болотарӣ аз ҳар ниёз.
Даст афшон аз баландии мақомат
Бар ниёзи беҳади мо – мардуми беимтиёз.

Боре ба ман саодати дидор ҳадя кун,

Самти дигар ба гунбади даввор ҳадя кун.

Бедории хуҷаста ба хобидагон фирист,

Хобе куҳан ба мардуми бедор ҳадя кун.

«Ҳа-ҳа»-и мо бинои ҷаҳонро хароб кард,

Бахшанда бошу ҷуръати инкор ҳадя кун.

Ғайри Ту чист муштаракоти ҳазор дин,

Васли навин ба субҳаву зуннор ҳадя кун.

Пастобаланди ҷодаи бигзаштаро напурс,

Оянда, бар башар раҳи ҳамвор ҳадя кун.

Мусиқии нафиси нафасҳои субҳро

Бар ҷони ғофил аз ҳама адвор ҳадя кун.

Эй себи юсуфӣ, зи биҳиштӣ ва ё замин,

Худро бароям аз сари девор ҳадя кун.

Бар ман, ки сахт кӯҳнапарастам, туйи мудерн

Ҳар шавқро, ки монда зи перор, ҳадя кун.

Як зарбаву ду зарба, тапишҳои нав ба нав

Бар ин дили мураххаси бекор ҳадя кун.

Бар ғунчаи дили ман, аё мӯҳри ҳурмузӣ,

Худро чунин ниҳону намудор ҳадя кун.

ТИРАМОҲИ ЛОНДОН

Арғувонӣ шуд

Меваи зайтун.

Заъфаронӣ шуд

Боғи бемаҷнун.

Боғи мусиқист

Боғи ҳоландӣ.

Ғарбиву шарқист

Боғи пайвандӣ.

Мекашад паҳлӯ

Рӯзи кӯтоҳе.

Мезанад су – су

Чашми рӯбоҳе.

Ҷода бар ҷода

Медавад санҷоб.

Мекашад бода

Хайли бемеҳроб.

Шаҳри боҳамҳо,

Шаҳри танҳоён.

Шаҳри якмаҷро,

Шаҳри садшарён.

Гул ба гул ромиш,

Кӯ ба кӯ наҷво.

Шаб ба шаб бориш,

Дил ба дил ово.

Ғунча шуд, во шуд

Дили мастуре.

Оламово шуд

Ишқи шайпурӣ.

Гӯядам падруд

Шафақи аҳмар.

Хонадам бар худ

Вусъати ховар.

ПАЙҒОМ

Дар шаҳри Илклей *

Дар боғаке мушаҷҷар

Рӯида як ниҳолаки зайтун

Он сӯтарак нишаста соҳиби боғ –

Як хонуми қадими фарангӣ.

Ин як чӣ қадр масрур,

Дигар чӣ қадр маҳзун.

Ман даст мебарам

аз роғи панҷара

бар меваи тило-

бар дурри нодира.

Дар байни чашмҳои ману

чашми пиразан

оғоз мешавад

рӯшантарин такаллум.

- Мумкин ва ё ки мамнӯъ?

- Фармой, эй мусофири матбӯъ.

- Маъзур, ман забони шуморо балад наям,

- Ман аз ту ҳеҷ толиби ҳарфу санад наям.

Аз чашмҳои зан

То чашмҳои ман

қад мекашад раҳорах

овезаи нафисаи табассум.

Аз чашмҳои шарқӣ

то чашмҳои ғарбӣ

овоз медиҳад

зангӯлаи тараннум.

Аз чашми ёр низ –

аз боғҳои гардун

меояд ин сурӯши ниҳонӣ:

Қасам ба зайтун!

* шаҳрест дар Ингилистон

## ТАРОНАИ ШАҲРИ БОРОНӢ

Чатри гул пӯшад

Шаҳри боронӣ.

Атри гул нӯшад

Шаҳри боронӣ.

Пур пур аз савдо,

Лаб лаб аз ово

Ҷӯшаду ҷӯшад

Шаҳри боронӣ.

Боғи бегардаш

Кӯдакоин аст,

Моҳи рухзардаш

Диски ёсин аст.

Гул ба гул хандад,

Гул ба гул бандад.

Чор фасли ӯ

Фасли гулчин аст.

Шаҳри гулгардон,

Шаҳри гулгардан.

Шаҳри гулдоман,

Шаҳри гулбарзан.

Ин «Худо ҳофиз»

Чист, медонӣ:

Ваалайки ту,

Ассаломи ман.

ГУЛИ НАРГИС

(барои Наргиси Фарзод, ки ашъори бандаро ба инглисӣ тарҷума карда)

Тарҷумони рози ман, Наргис, эй гули Наргис,
Шореҳи гудози ман, Наргис, эй гули Наргис.
Рустамӣ, ки, эй бону, мекашӣ бад – ин бозу
Сад қатора нози ман, Наргис, эй гули Наргис.
Арғунуни рӯҳамро менавозад овозат,
Арғунуннавози ман, Наргис, эй гули Наргис.
Бекалид ҳам во шуд дар масоҳати фикрат
Сад қафас маҷози ман, Наргис, эй гули Наргис.
Рӯҳи авҷпаймоят бо сууди андак кард
Фатҳи сад фарози ман, Наргис, эй гули Наргис.
Эй табассуми Ҳурмуз, эй таҷассуми наврӯз,
Рамз, рамзи бози ман, Наргис, эй гули Наргис.
Гул муназзими ман шуд, гул мутарҷими ман шуд,
Шукри корсози ман, Наргис, эй гули Наргис.

Ватан, бо ту ҳарфи ниҳон менависам,

Хати ишқи ту ҷон ба ҷон менависам.

Ба ҳар ҳафт рангат, ки оҳанг бастам,

Дар адвори тирукамон менависам.

Хати аввалину хати охиринам,

Туро ман, туро ман чӣ сон менависам.

Бубахшад маро ишқи бесактаи ту,

Ки бо сактаҳои гарон менависам,

Чу Сайҳун, чу Вахшу Зарафшону Панҷат

Аз ин пас равони равон менависам

Ба номи азизи ту, эй фарди фардо,

Ман ин номаи бостон менависам.

ВАТАН

Бар димоғи муштоқам ин шамими ҷон табрик,

Нози нозгул табрик, шарми арғувон табрик.

Бе ту тангдил будам дар фарохнои дур,

Омадам ба оғӯшат чун ба бекарон, табрик.

Сар ба осмон соям, чунки меҳрубонона

Мекунад сарамро боз хоки остон табрик,

Дар лабони тифлонам сад чаман шакарханд аст,

Омадам паропарзан ташнаи чунон табрик.

Пушти хандаи модар як сиришк меларзад,

Он сиришк мегӯяд аз ҳама ниҳон табрик.

Дил зи ғояти шодӣ навтапиш шуду навсӯз,

Шодии тапиш табрик, сӯзи бебаён табрик.

Ҳар куҷо наям, монда дар ҳама сулули ман

Ишқи модаровардат мӯҳри ҷовидон, табрик.

## Сини салом

Танҳо ба номи туст
Сини саломи ман.
Танҳо ту медиҳӣ
Шарҳи тамоми ман.
Зангӯла мезанӣ
Маҳтоби шоми ман.
Эй офтоби ҷон,
Пушти зуломи ман.
Қум-қум зан аз саҳар
Рӯ-рӯи боми ман.
Рафтиву мондаӣ
Сӯзи мудоми ман
Эй захми то абад
Беилтиёми ман.
Бигзор соядаст
Дар ҳар каломи ман.
Дар ғайб баста шуд
Номат ба номи ман.
Эй ишқ, як туйӣ,
Як ту давоми ман.
Бар зиндагӣ ту бош
Нав-нав саломи ман!

Эй вуҷудат вуҷуди наврӯзӣ,

Сабзпайки вуруди Наврӯзӣ.

Ҳафт синӣ ва ё ки чил ёсин,

Иди наврӯзу уди наврӯзӣ.

Ба ту, эй дуру дуру дуру дур,

Мефиристам дуруди наврӯзӣ.

Пур шуд аз сад ҳазор бодбарак

Осмони кабуди наврӯзӣ.

Бол зад сад ҳазор байтбарак

Байтҳои хулуди наврӯзӣ.

Ҷома пӯшид олами урён

Инак, аз рӯи мӯди наврӯзӣ.

Рӯ ба сӯи ҳабиби худ дорад

Сабзаву гул суҷуди наврӯзӣ.

Аз куҷо то куҷост, бин, ки бувад

Аз ту то ман ҳудуди наврӯзӣ.

Бо се ҳарфи хуҷаста боз шавад

Дили ман ҳам чу куди наврӯзӣ.

Ҳанӯз равзанаи ман ба боғи гул боз аст,

Ҳанӯз шаршара бо шаршара ҳамовоз аст.

Бубин, ки ишқи ману ту азим монеа шуд

Ба роҳи омадани дай, ки гулбарандоз аст.

Ба ғайри хотираи ишқ дар дили доро

Маро дигар чӣ захира, чӣ оқибандоз аст.

Ҳанӯз тор ба тор интизори таҳрикам,

Ҳанӯз парда ба парда дилам навосоз аст.

Ай офтобтарино, ай офтобтарин,

Бизӣ, ки ҳар нахи ҷонат ғулувви эъҷоз аст.

Ду чашми туст ду олампаноҳу оламкуш,

Ки зинда мекунадам, гарчи найзаандоз аст.

Кай оҳувонатарин лаҳзаро нигаҳ дорам,

Ки ин камандгусаста ҳамора дартоз аст.

Дили хуҷандии ман ҳам, ки нокуҷоӣ шуд,

Ҳазор нағмааш аз Балху Ҳинду Шероз аст.

Зи баъди он, ки дусадбора хатм ёфтаам,

Ҳанӯз фурсати зеботарини оғоз аст.

Дӯст туӣ, туӣ, туӣ, ҷоизаи самоиям,

Ишқ, туӣ, туӣ, туӣ, давлати кибриёиям.

Бо гулу обу осмон, бо туву бо ҳама ҷаҳон

Чанд давом мекунад фурсати ошноиям.

Чанд баҳор ҳасту бас булбуливу гулии мо,

Эй гули бебадал, бидеҳ қудрати навсароиям.

Баргу навои ту дигар, баргу навои ман дигар,

Раҳм чӣ мекунӣ, макун бар ману бенавоиям.

Ҳаммаҳали ситораҳо, ҳамдеҳи моҳвораҳо,

Кистиву куҷоиӣ, ошиқи нокуҷоиям.

Баски ту рашки Ҳотамӣ, фасли ғулувви хуррамӣ

Себаки сурх оварӣ ҳадя ба рӯнамоиям.

ДАР СУРОҒИ АСЛ

Субҳ аз домани абрешимияш

мавҷи кабӯтар сар дод.

Атса зад лолаи заррин дар сари гунбади хазро,

Дили ман гуфт: Саломат бошӣ

Ба ҳамон лолаарӯсак,

Ба кабӯтаркадаи субҳ,

Ба як кӯдаки тозон

Зи пушти бодпарраки танҳо,

Ба тамоми дунё.

Ногаҳон мусиқии дили ман хотима ёфт

Бо нидое, ки «Ҳой, ҳамсоя!

Лӯлаи об дар маҳалла кафид,

Занг зан бар идораи об,

Боғҳоро наҷот бояд дод».

Лӯлаи об бо даҳони зангбаставу

кушодаи худ механдад

Бар ману бар нишоти дӯшинам.

Ҳамлаҳо мекунад ба мазрааи настарану насринам.

Зарбаҳо мезанад ба рашҳаи зебои орзуям,

Чӣ қадар хок, хок, хокам ман,

гарчи аз минӯям.

Чӣ қадар чок-чок-чокам ман,

Офтобо, бидеҳ руфӯям.

Субҳи ваҳйовар таваллуд шуд, муборак,

Дар найе шаккар таваллуд шуд, муборак.

Бо саодатмақдами борони найсон

Дар садаф гавҳар таваллуд шуд, муборак.

Дар кафи дасти ту, эй рӯшанбашорат,

Лолаи аҳмар таваллуд шуд, муборак.

Шӯразорам иқтибосе аз биҳишт аст,

Замазаму Кавсар таваллуд шуд, муборак.

Мағриби хуршедкушро гӯ, ки хуршед

Боз дар ховар таваллуд шуд, муборак.

Ишқ дар уқёнуси Ором афтод,

Нӯҳ фалак маҳшар таваллуд шуд, муборак.

Дафн кардам сад мани беорзуро,

Як мани дигар таваллуд шуд, муборак.

Ин ҷаҳони пиракӣ ҳам ниниёна

Тоза аз модар таваллуд шуд, муборак.

Ишқ омад, ишқ омад, ишқ омад,

Ҳар чӣ мурд, аз сар таваллуд шуд, муборак.

Фалакро кардаӣ аз роҳ бероҳ,

Ало, эй ишқ, ишқи ғофилогоҳ.

Дили ман лек бепарвофалак шуд

Пас аз сад латмаву сад зарби ҷонкоҳ.

Мапурс аз кай, ки ӯ кайҳо хамӯш аст

Бидуни барқ чун тилфони ҳамроҳ.

Чунон мурдам, ки таъсире надорад

На сӯзи офтобу на таби моҳ.

Чӣ ношукрам, ки бе алҳамду ихлос

Зиям ин зиндагиро хоҳу нохоҳ.

Ҳамоно интизорам, то барояд

Маро хуршеди коҳил баъди бегоҳ.

Ба худ гӯям, ки бисмиллоҳи нав гӯ,

Баро охир, баро аз ҳалқаи оҳ.

Худоё, сураам хеле дароз аст,

Иноят кун, макун кӯтоҳ, кӯтоҳ.

Шабҳои шабоб

Шаб, ки аз пушти уфуқ меомад,

Моҳ чун атласи ҷуғрофӣ буд.

Ёди ту мисли чароғи дуре

Баҳри хушбахтии ман кофӣ буд.

Осмон пайки навӣ меовард,

Ҳолиё оина зангор надошт.

Шаб ба шаб ғайри таманнобофӣ

Дили мо ҳеҷ дигар кор надошт.

Ғунчае буд паси панҷараҳо,

Ғунчае буд, ки фатво мехост.

Ин гиреҳпечтарин нинии шаб

Фатҳи хуршедии фардо мехост.

Ку, бароварда бишуд ё ки нашуд

Як ба як хоҳиши тифлонаи ӯ.

Таҳнишин монд ва ё қаҳ-қаҳ зад

Дар садаф гавҳари якдонаи ӯ.

Гунаҳи н-омаданат сангин аст,

Гунаҳи омаданат сангинтар.

Дар луғатномаи мо оё ҳаст

Воҷаи шансдеҳи «бори дигар?!»

Ҳолиё ёд зи шабҳои шабоб,

Ки ба дурии адам пар чида.

Шод бош, эй ҳама пайдову ниҳон,

Эй шабоҳанги дилам нашнида.

Бар рӯҳи ман, эй шубоб, баргард,

Бар кӯҳи ман, эй уқоб, баргард.

Бар панҷараҳои ховариям

Баргард, ай офтоб, баргард.

Бар хотираи кабӯтариям

Эй субҳи паридахоб, баргард.

Эй нӯштарини нӯш, боз о,

Эй нобтарини ноб, баргард.

Чун ёфт нашуд суроғаи ёр,

Эй номаи беҷавоб, баргард.

Эй ҳусн, ки бо шитоб рафтӣ,

Лутфе куну бо шитоб баргард.

Эй ишқ, иҷоза деҳ, ки аз нав

Сӯи ту кунам хитоб:Баргард!

Аз баҳри ҳама гуноҳ бигзар,

Аз баҳри ҳама савоб, баргард!

Умр

Меравад кӯдакии гулгардон

Ба тамошои худ ба хонаи ханда.

Мерамад пирии ларзон

Аз рухи сӯгвори ойина.

Баҳри таҳрири дигарбораи инсон

намерасад ҳеҷ гаҳ

иқтидори ойина.

Рӯ ба бигзашта ё ба оянда

Чӣ қадар тунд мепарад

бидуни амру ихтиёри мо

ин паранда.

Бизӣ, эй ишқ, эй шодии оғоз,

Ҷавонизор кун рӯҳи маро боз.

Бизӣ, эй орзуи сабз дар сабз,

Паёпай реша густар, қомат афроз.

Дили бетавбаи ман пургуноҳ аст,

Шафоатхоҳ шуд ин ғунчаи роз.

Ба подоши тапишҳои зиёдаш

Дилам бар зиндагӣ пардозад андоз.

Зи анбӯҳи хамӯшистони сина

Пас аз сад қарн ҳам меояд овоз.

Туро эъҷоз ҳасту Исие нест,

Маро Исист, аммо нест эъҷоз.

Ало, эй будаи ҳаргиз набуда,

Диламро бо дилат мебинам анбоз.

Чу ман рафтам, ҳуруфамро навонав

Баҳори сабзхат месозад иброз.

Кимиёи сабз

Дуруд, эй Наврӯз!

Ту, фақат ту метавонӣ

Зиндагиро зи сифр сар кардан.

Офтобона ба яхбастатарин қутбҳо сафар кардан,

Дили хунукзадагонро баҳорвар кардан.

Таркиби осмону заминро

бо кимиёи сабз дигар кардан.

Бод чун мошини партовкашон

меравад кӯча ба кӯча,

шаҳр бар шаҳр.

тундсуръат медавад қитъа ба қитъа,

даҳр бар даҳр.

Ман дар ин мошина меафканам

Тамоми кӯҳнаколаи худро.

Нигаҳи зангзада,

ҳавсалаи мурда,

баста-бастаи анборишу ҳазёнамро,

Ҳазор қофилаи шак,

Ҳазору як гунаҳи бетавба,

Тӯда-тӯда ғуборҳои ошкору ниҳонамро.

Номаҳои бекабӯтар,

фикрҳои номунаввар,

баргҳои хазон-хазонамро.

Ман аз имрӯз

чу Наврӯз навтарини навтаринҳоям.

Ай орувони поктариқат,

шукуфаҳои ангубинӣ,

аё гавҳорачунбонҳову

шабпаракҳои субҳагардон,

Аё соатҳои арғувонӣ,

дақиқаҳои савсаниву

аё сонияҳои ёсаминӣ.

Ман аз имрӯз бо шумо

ҳамсулулу ҳамсулуку ҳамтаманноям-

Навтарин сунъи Худоям.

Эй ғамат бо ғами ман ҳамфарёд!

Ёд кун, рафтаи зеборо, ёд.

Зарбаҳо хӯрдаиву хомӯшӣ,

Зарба нохӯрдаву мегӯям дод.

Дили моҳ бо дили шаб фотиҳа шуд,

Оҳ, аз ин фотиҳаи модарзод.

Монда дар ҳофизаи сабзи баҳор

Ишқи мову ту, аё сабзнаҷод.

Сабз дар сабз бирӯяд ин ишқ

Бо раёҳину ҳинову шамшод.

Чашми сабзи ту ду тобиш дорад

Шеваи Исиву сабки ҷаллод.

Эй Худо, чашми маро ҳеҷ набахш,

Гар кунад бухлу танаффур эҷод.

Чашми ман тавба зи бадбинӣ кард

Аз кай? Аз рӯзи нахусти милод!

Мо, ки рафтем, ту боз о, эй ишқ,

Омаданҳои ту берафтан бод!

Аз саҳаристон биё бар сақаристони ман,

Ваҳйи муборак бидеҳ ҷони маро, ҷони ман.

Гӯш бидеҳ бар қафас, то шунавӣ як нафас

Чаҳ – чаҳи хуршеди ман, қаҳ – қаҳи борони ман.

Пайку саломи дилам баски нишонӣ наёфт,

Бозпас омад ҳама боз ба унвони ман.

Фикр кунад бадгумон ин ки басе ноаён

Чирки ҷаҳон ҷо шуда зери гиребони ман.

Покии пиндори ман пеши касе боз нест,

Ӯст фақат дар фалак ҳуҷҷату бурҳони ман.

Асли маро пеши ӯ ҳоҷати исбот нест,

Ӯст фақат огаҳ, ӯ, аз мани пинҳони ман.

Фалсафаҳои маро тарҷума кун, эй баҳор,

Мантиқи рӯшан биҷӯ, ишқ, зи ҳазёни ман.

Баъди дусад қарн ҳам з-он нафаси исавӣ

Атса занад дар қафас ғунчаи беҷони ман.

ЯК АРЗАН ТАВБА

Аз қазо як нафар осудабахти шодкомае

хонавайрон шуд.

Ҳама гуфтанд, ки айби ину ҷурми он шуд.

Он яке гуфт: мард заҳра надошт,

Дигаре таъна зад, ки бонуйи хона

ҳусни худро бурун кашиду дар музояда бигзошт.

Саввумин ҳукм баровард, ки ин

хонавори сустаносир

Мавриди озмоиши Ҳазрати Яздон шуд.

Ой, ёрон,

бо кадом имтиёз мову шумо

рухсати доварӣ ба худ додем.

Мо ҳам охир ҳубобунёдем.

Касе замонати бахти абадиро

ба мо намебахшад.

Касе ба ҳастии ғафлаттанидаи ману шумо

башорати бақо намебахшад.

Кош, медонистем,

Ки на танҳо он ду баргаштабахти тираситора,

Балки мову шумову ҷумла халқи сайёра

Ҳар дақиқа

Мавриди озмоиши Ҳазрати Аллоҳем.

Бо як арзан тавба

Саф зада баҳри харидории

сад хирмани гуноҳем.

Мондагор

Чӣ ғофил омадиву мастомаст

Ба ин сарои якдара.

Сабаби омаданат чист.

Дар ошёнаи ёқутии дилам

Дари даромад ҳаст,

Дари баромад нест.

Имрӯз рӯзи оинадорон аст,

Фархундаҷашни нуртаборон аст.

Ҳар як гулу гиёҳ саодатманд

Аз соядасти обии борон аст.

Ҳамҷавҳару ҳамоинаи ман ӯст,

Он ки дилаш зи субҳтаборон аст.

Эй сабзи сабз, баҳри мани носабз

Чашми ту тарҷумони баҳорон аст.

Садлахт шуд паранди нафиси дил,

Ҳар лахти дил зи шукргузорон аст.

Шобош, эй ягонатарини ман,

Эй он ки ғамкаши ту ҳазорон аст.

Гарчи ҳар рӯзи Худо рӯзи муборакқадам аст,

Рӯзи милоди ту, эй ёр, саодатрақам аст,

Раҳ ба раҳ боз кунам ҷойнамози қоғаз,

Ишқ, бархез, ки ҳангоми рукӯи қалам аст.

Ба тавофи ҳаҷару-л-аҳмари ман дер накун,

Санги сурхест фурӯзон, ки даруни ҳарам аст.

Ба ниҳон омаду дар пешгаҳи дил ҷо шуд

Ёди бологузари ту, ки басе мӯҳтарам аст.

Бо дилам омадани сабзи ту донӣ, ки чӣ кард,

Сақаристон зи қадамҳои ту боғи Ирам аст.

Дер шуд, дер ба навсӯзии хуршедии ғуруб,

Пайки ҳотиф расад аз арш, ки, на, субҳидам аст.

Эй азизи оянда, ман равам, ту мемонӣ,

Пайки раҳкушоянда, ман равам, ту мемонӣ.

Гар зи кӯҳнагӣ рӯзе занг мезанад номам,

Зангро зудоянда, ман равам, ту мемонӣ.

Ман зи номи як сабза ё зи номи як себам

Пеши ту намоянда, ман равам, ту мемонӣ.

Пешванду пасвандам, рафтаи хушояндам,

Навбаҳори зоянда, ман равам, ту мемонӣ.

Чорбоғро пар зан, ҳаштбоғро дар зан,

Эй дили сароянда, ман равам, ту мемонӣ.

Субҳи шамсхирман шав, матлаи нави ман шав,

Ишқ, ишқи поянда, ман равам, ту мемонӣ.

Гулҳои обон, гулҳои мастур,

Гулҳои манзум дар фасли мансур.

Бар қаҳ – қаҳу ноз, бар чаҳ – чаҳи роз

Дер омад охир аз ғайб дастур.

Пушти уфуқҳо якчандмоҳа

Таътил дорад хуршеди масрур.

Густурда пирӣ рахти рахти рафоҳат,

Дил метапад боз ноҷӯр, ноҷӯр.

Дорад ҳамоно бардорузанҳо

Дар пушти пушта ин зиндадаргӯр.

Бӯётаринӣ, гӯётаринӣ,

Зеботаринӣ, эй лолаи Тур.

Гаҳ шарқиёна, гаҳ ғарбиёна

Гӯям суханҳо пӯшидаву ур.

Дилрову ҷонро, кулли ҷаҳонро

Мо мешиносем аз дур, аз дур…

Биёзмудӣ ба шӯру ширин,

Ба зарби таҳсин, ба захми нафрин.

Зи вақтчархиш, зи умргардиш

Чӣ саркашона шудем таҳшин.

Ҳазор нуқсам бувад ба зоҳир,

Ҳазори дигар ба хулқу ботин.

Зи шиква – шиква ба шукр рафтам,

Зи нола – нола ба сабру тамкин.

Қасам, ки ҳаргиз зи нағзбинӣ

Нашуд мураххас нигоҳи хушбин.

Мухотаби дил, мухотаби ҷон,

Туӣ, туӣ, ту, аё нахустин.

Зи тоқи мино, зи боғи боло

Маро фиристон анори ёсин.

Ба шукри будан, шакар кушудан

Ба ҳар дуоям бигӯй омин.

Баҳори бохтаамро дубора баргардон,

Маро ба он дами ширингувора баргардон.

Нишоти кӯтаҳи урдибиҳишти дӯшинро

Ба субҳлолаи шабнамнигора баргардон.

Раҳо кун аз таҳи дандони худ ҳаёти маро,

Ҳар он чӣ хурдаӣ, эй умрхора, баргардон.

Чу пора – пора диламро ба ту фиристодам,

Ба лутф он ҳамаро пора – пора баргардон.

Дигар маҷоз наҷӯям, ки асли асл туӣ,

Маро ба он мани беистиора баргардон.

Чу аз барои ту саҳл аст боздоданҳо,

Ба беситоратаринон ситора баргардон.

Тамоми бохтаҳои маро чу субҳи сахӣ

Ба як табассуми хуршедвора баргардон.

Аё муҳаббат, аё ҷавҳарии қалбшинос,

Маро ба он мани аслӣ дубора баргардон.

Ҳоло ҳама қиёмати дил беқиём шуд,

Лабҳои хайргӯ чӣ қадар бесалом шуд.

Он дил куҷову чоряки ишқи ӯ куҷо,

Дар ними сония тапишаш ихтимом шуд.

Ёдаш ба хайр, беадабии шабобро,

Дил гарчи пир гаштаву боэҳтиром шуд.

Қосид зи ҳафт шаҳр гузашту фаро расид,

Дар остони хонаи мо бепаём шуд.

Ҳам маҳрам аз ту омаду ҳам марҳами даво,

Аммо куҷо ҷароҳати дил илтиём шуд.

Ҳоло бубин, тамомият оғоз мешавад,

Оғози ту агарчи ба зоҳир тамом шуд.

Донӣ, баландмартабагии дилам зи чист,

Бо гарди нухбагони ҷаҳон ҳаммақом шуд.

Гуфтам, ки нуқта мениҳам, инак, зи баъди ишқ,

На, ишқи ман се нуқта шуду бардавом шуд…

Чаман гулҷӯш шуд, Наврӯз омад,

Саҳарнамнӯш шуд, Наврӯз омад.

Бад – ин алмоси шабнам бонуйи гул

Нигин дар гӯш шуд, Наврӯз омад.

Бурун шуд кӯҳ аз печи кафанбарф,

Шафақ дар дӯш шуд, Наврӯз омад.

Бағал бикшод саҳрои уфуқбӯс,

Ҳама оғӯш шуд, Наврӯз омад.

Чӣ бебандӣ, аё дарёи Маҷнун,

Дигар махрӯш, шуд! Наврӯз омад.

Чу мусиқии фарвардин садо дод,

Дил атласпӯш шуд, Наврӯз омад.

Адо омад, адоватҳои дерин

Ҳама хомӯш шуд, Наврӯз омад.

Дили ман тавба кард аз беҷиҳодӣ,

Саодаткӯш шуд, Наврӯз омад.

Ягонатарин

Дар фасли сарвқомати ҷавонӣ
Ҷуғрофиёи оина аз ҳусн камтар аст.
Дар рӯзгори кӯзпушти пирӣ
Танг аст ҳаҷми оина
бар инъикоси зиштӣ.
Дар нимароҳ тарк мекунад моро
ҳар ёри сар-сарӣ.
То ба охир ёри мо мемонад,
балки он сӯ, дар охират ҳам
Он ёр, он ягонатарин ёри ҷавҳарӣ.

Садбаргро мутолиа кун, эй чамантабор,

Аҳсант гӯ ба ҳавсалаи ношири баҳор.

Сад сол шуд, ки ҳеҷ маро нест иттилоъ

Аз матни ду ҷаридаи Наврӯзинтишор.

Сад сол шуд, маро, мани дарбандмондаро,

Як бор аз муҳосираи ёди худ барор.

Табрик гӯямаш, ки маро зуд кардааст

Ёди ғурурманди ту соқит аз эътибор.

Гӯянд, дил бидеҳ, надиҳам, баски дил маро

Он қадр кӯҳна шуд, ки наояд дигар ба кор.

Бар ҳурмати ҳамон, ки ҳаминҳо биёфарид,

Дорам басе муҳаббати нозук ба мӯру мор.

Бар ҳурмати ҳамон, ки надорад муродифе

Дил мурду зинда шуд зи сари нав ҳазор бор.

Бояд канора ҷуст зи бархурди хомаҳо,

Ин размро хуҷаста набошад идомаҳо.

Ноқобилӣ бубин, ки муқобил нишастаанд

Як сӯ кулаҳфарангу дигар сӯ амомаҳо.

Берифъатему хидмати ҷавҳар накардаем,

То кай буванд ҷомеаҳо ҷамъи ҷомаҳо.

Табрик гӯ, ки дар таҳи ин барфгӯри наҳс

Бӯи баҳори тоза шуниданд шомаҳо.

Барҳақ туӣ, ки хоссатаринӣ зи хоссаҳо,

Оре, манам, ки оматаринам зи омаҳо.

Як хат нахондаему ғарибона гумм шуданд

Як-як зи бемухотабии хеш номаҳо.

САЛАВОТИ ШУКР

(Ба ҳар касе, ки худро ба эъдом ҳукм карда)

Ба наҷоти ту, илоҳо, малаке расида бошад,

Саҳаре, ки нав дамида, ба ту ҳам дамида бошад.

Шафақи ҳазордастон зи фарози боғу бӯстон

Нахи зарпаранди худро ба раҳат танида бошад.

Нафаре кароматофар, нафаре саломатовар

Чу Масеҳи деркарда суи ту давида бошад.

Начакад зи пунба обе дами ҳарфи вопасинат,

Зи нав оби зиндагонӣ ба лабат чакида бошад.

Чу туӣ вуҷуди фардо, шунавӣ дуруди фардо,

Нафаси баҳори навро нафасат шамида бошад.

Сари риштаро биёбад, ки дубора боз бандад

Чу ту ҳар касе, ки яксар за ҳама бурида бошад.

Ба саломатии ҷонат кӣ чӣ кор метавонад

Ба ҷуз ӯ, ки дар ҷабинат хати нек чида бошад.

Салавоти шукрро гӯ, нафаҳоти шукрро ҷӯ,

Ки дили ту то қиёмат дили навтапида бошад.

Дар лавҳи чаман чакомаи хуршед аст,

Имзои нафиси хомаи хуршед аст.

Ин шоҳсавори тундрав – яъне рӯз

Дар аспи чаҳоргомаи хуршед аст.

Савганд, ки яшти ҳуснро мехонам,

То дар сари гул амомаи хуршед аст.

Қалби ману ту, ки нур дар нур тапид,

Обуна ба рӯзномаи хуршед аст.

Хуршедҷабидаӣ, ки дар дахмаи дай

Ҳар як нафасат шамомаи хуршед аст.

Ҳар лаҳзаи зиндагии нуронии ту

Эй шамснасаб, идомаи хуршед аст.

ТАБРИКИ САБЗ

Оре, се моҳ дар буни гӯши халқ
Мусиқии шикастани ҳезумҳост.
Дар арш ҳам чу дар рухи мову ту
Фасли ғуруби сарди табассумҳост.

Як замзама ба гӯш намеояд
Аз лӯлаҳои яхзадаи беоб.
Гум шуд зи гунбади шаби дайҷурӣ
Зангӯлаи тилоии гулмаҳтоб.

Аз батни симҳои дусадвасла
Пайки ҷанини барқ фурӯзон нест.
Моем зери пиряхи нӯҳ чарх,
То навбаҳор зистан осон нест.

Бишнав, ки андаруни қафас ҳоло
Зангӯла мезанад гулаки баҳман.
Оре, ҳамин тулӯи ҳумоюн аст
Бар зиндагӣ дубора саломи ман.

Бинвохт дасти ғайб дар ин парда
Мусиқии нафиси баҳоронро.

Табрик мекунад дили сабзоҳанг

Дилҳои яхкашидаи ёронро.

Бо осмон муколамаҳо дорад

Ҷӯбор бо лабони сафолакбанд.

Ин субҳ себи сурхи шафақ афтод

Дар суфрабарфи боғи шакарпайванд.

Дар чадвали дил шуморро фаҳмидам,

Дар гардиши хун фишорро фаҳмидам.

Як фурсату як ғафлату як ҳасрат буд,

Ин қоидаву қарорро фаҳмидам.

Чун вақтхушӣ бо ҳама кас вақткушист,

Ман фоидаи фирорро фаҳмидам.

Сад нусрати тоза овар, эй оянда,

Ҳоло, ки шикасти порро фаҳмидам.

Дил шеъри чаҳорпораи улвӣ буд,

Ман маънии ҳар чаҳорро фаҳмидам.

Вақте ду китоби сабзро бикшодӣ,

Шарҳи луғати баҳорро фаҳмидам.

Дар сангтарин дили ҷаҳон ҳам охир

Мусиқии чашмасорро фаҳмидам.

Эй дуртарин, кунун миёни ману ту

Афтодани сад ғуборро фаҳмидам.

Дигар дами хеш бар дарун бигрифтам,

Ширинии ин ниқорро фаҳмидам.

Ҳар рӯзу шабам ҷоизаи раббонист,

Ин раҳмати Кирдигорро фаҳмидам.

Дил номаи чаҳорқати нокушода монд

Бар номи он касе, ки зи модар назода монд.

Дар раста – растаи миҷаам хуфт таҳ ба таҳ

Он баста – баста меҳр, ки беистифода монд.

Рӯҳам савори абр шуд, аммо аз ин чӣ суд,

Ҳамчун гули пиёда ба роҳат пиёда монд.

Барҳақ, ки дар ҳақи ту басе ҳам ситам намуд

Он хоҷае, к – иноми маро бар ту дода монд.

Печу хами дилам, ки зи сад ағба бадтар аст,

Дар чашми кӯҳнаварди ту бисёр сода монд.

Ногуфтанӣ чӣ гуна бигӯям, ки пеши ту

Он гуфтанӣ, ки буд маро, беифода монд.

Шобош, эй ки баъди дусад қарн мерасӣ,

Байни ману ту ними қадам нониҳода монд.

Дили хамӯшам ҳиҷо надорад,

Нафас надорад, ҳаво надорад.

Чунон тапишро, ки як замон дошт,

Кунун надонам, чаро надорад.

Ин арғунуне, ки захм – захм аст,

Зи захма – захма наво надорад.

Чӣ бахт дорад, чӣ бохт дорад,

Диле, ки дарди туро надорад.

Ай аз найистон, аз ин майистон,

Сафо чӣ ҷӯӣ, сафо надорад.

Майи баринӣ намефурӯшад,

Майи баринӣ баҳо надорад.

Туро, ки дорад, барои будан

Дилам дусад қарн баҳона дорад.

Мадад накардӣ бар ӯ, ки боре

Ба шаҳри ишқат визо надорад.

Кӣ ҳаст ҷуз ман ба фикри ин дил,

Ки ишқ дорад ва ё надорад.

Ҳамшеваи баҳорам, ҳамшираи шакарнам,

Ҳамвусъати дили мӯр, ҳамҳаҷми кулли олам.

Зеботарӣ зи Юсуф, ошиқтарӣ зи Маҷнун,

Эй ҷони номусаххар в –эй қалби номусаллам.

Хушбахти ҷовидеро, хушрӯзи воҳидеро

Аз рӯзгори Одам бишмор то ба ин дам.

Аз ҳар кӣ будам охир дар ҷадвали қаду баст,

Дар ҷадвали дили кӣ боре шавам муқаддам.

Ду гавҳари сиёҳам анвор андар анвор

Пайваста медурахшад бо нақши Исми аъзам.

Навбад аҷаб, ки гардад ин аз ҳама муҳаққар

Шоистаи нигоҳи он аз ҳама муаззам.

Эй рафта, дар дилам мон зебо, ҳамеша зебо,

Оянда, муҷдаҳо деҳ хуррам, ҳамеша хуррам.

Табрик бигӯ, ки то баҳор омадаам,

Дар роҳ ба сад аҷал дучор омадаам.

Дарёб, ки ин нахустташрифи ман аст,

Дар асл агар ҳазор бор омадаам.

Гургона дай омад, ки кунад садлахтам,

Пирӯз зи байни корзор омадаам.

Аз се маҳи бебарқии мардум ман ҳам

Аз дил ба диле шараргузор омадаам.

Чун ҳеҷ накардаам барои нафаре,

Маълум нашуд, ки бо чӣ кор омадаам.

Дай рафту ҳазор пушта мерос гузошт,

Бо як рамақи ҷон зи мазор омадаам.

Баски зи ду чашми ту иҷозат омад,

Фардо шудаам, бурун зи пор омадаам.

Борони ҳидоятам, ки бар оламиён

Хоҳандаи бахти бор – бор омадаам.

Бишунав, ай осмонӣ, салавоти ҳар нигоҳам,

Бифирист раҳмататро ба сукути узрхоҳам.

Ба сипоси он ғуруре, ки зи ту гирифтам инъом,

Зи паси касе ба зиллат надавад ғубори оҳам.

Ба адӯ дуруд гӯям, ба адӯ, ки серкор аст,

Ки бизӣ, мабош хаста зи шумурдани гуноҳам.

Зи муҳаббати баринӣ ба муҳаббати заминӣ

Чу кунам ақибнишинӣ, ту макуш ба иштибоҳам.

Ба ҳимояту табибӣ, ба ҳидояту ҳабибӣ

Бирасон бидуни сакта ба саломату рафоҳам.

Бибарам ба халқ узре, ки ҷунуни ман зи ҳад шуд,

Ки насибае гирифта зи муҳаббати Илоҳам.

Мисли худ биё, ёро, мисли кас чи меоӣ,

Ҳаммақоми анқоӣ, дастрас чӣ меоӣ.

Аз назаргаҳи чашмам, аз гузаргаҳи умрам

Рафтаӣ, Худо ёрат, бозпас чӣ меоӣ.

Вақти маҳшари рӯҳам ту сукут мекардӣ,

Ҳолиё, ки оромам, чун ҷарас чӣ меоӣ.

Омадӣ алавгирӣ чун ҷавониву пирӣ,

Мисли умри тозанда як нафас чӣ меоӣ.

Боз шуд ҳисори шаб бо калиди моҳи нав,

Аз дарун дилам қуфл аст, бар абас чӣ меоӣ.

Ҳоли мо намепурсӣ, соли мо намепурсӣ,

Эй ҳумои озодӣ, бар қафас чӣ меоӣ.

Дил аз қафас дигар андешаи фирор надорад,

Вале даруни қафас ҳам даме қарор надорад.

Шаби дай асту турушрӯст моҳи лимӯӣ,

Шабе, ки барфашу ҳарфаш шакар нисор надорад.

Чу ту як омаданам ҳасту чун ту як рафтан,

Касе сафархати дигар дар ин диёр надорад.

Вурудномаи хуршед ҳаст бемӯҳлат,

Вурудномаи мо тамғаи ду бор надорад.

Агар ризост в-агар норизо, Банӣ Одам

Ба интихоби дигаргуна ихтиёр надорад.

Ба ҳар куҷо, ки барам сурхҳуҷҷати дили худро,

Бидуни мӯҳри Ту ин ҳуҷҷат эътибор надорад.

Дареғи хасм, ки чашмаш ба ғайри бад дидан

Дигар вазифаву ташвишу кору бор надорад.

Чӣ гуна ишқи башарро ба сина ҷо бидиҳад

Ҳар он касе, ки дилаш ишқи Кирдигор надорад.

Бидуни пайки ту, эй аввалин мубашшири Наврӯз,

Дилам баҳор надорад, дилам баҳор надорад.

БИЁ, БАҲОР КУНЕМ

Шукуфт лолаарӯсак, ки ёр-ёр кунем,

Ҳар он чӣ ғайри нишот аст, ихтисор кунем.

Валек бо ғами бисёри дил чӣ кор кунем,

Зи ғам магӯву биё, шукри Кирдигор кунем.

Биё, баҳор кунем.

Зи гирдгардии тунду мукаррари ташвиш,

Зи рӯзхуну шабехуни лашкари ташвиш

Бубин даводави мо, хок бар сари ташвиш.

Биё, ба вусъати озодагӣ фирор кунем,

Биё, баҳор кунем.

Иҷоза деҳ ба машомат шамими гулшани дил,

Ту, эй ягонатарин тарҷумони савсани дил,

Ба шодиёнаи бори дигар тапидани дил,

Ба хасм низ, биё, некуӣ нисор кунем,

Биё, баҳор кунем.

Ба номи халқ фиристам саломи ёсуманӣ,

Барои халқ нависам каломи ёсуманӣ,

Биё, ки мегузарад субҳу шоми ёсуманӣ,

Биё, барои намурдан сабаб қатор кунем,

Биё, баҳор кунем.

НАРКОЗ

Хок бо таъсири наркози шадиди барф мехобад

беҳису беёду бехотир,

бехабар аз аввалу охир.

Ғофил аз гулбандии Наврӯзи дӯшин,

Бенасиб аз таъми ризвонии як зармеваи нӯшин,

аз нишоти тарнавозиҳои борон,

аз нидои нӯшбоди лолаҳои косагардон.

Аз тапишҳои маҳини моҳи нав дар пардаи ҷӯ,

Аз садои ҳайрати «ку-ку».

Ин садо меояд аз як лонаи лоӣ,

Балки аз як соати фартути бобоӣ.

Дӯст, ин ку-куи соатхонаи дил

чанд меёбад идома,

Чанди дигар чашмҳои бесаводи мо

Рӯзҳоро медаронад нома-нома.

Дар ҷавоби пурсиши ман

Осмон беҳарф мепечад сари мағрурро бо нӯҳ амома.

Орзуҳои туву ман ҳам

Дар таҳи наркози ғафлат хуфтаанд.

Бодҳои фаршрӯбу аршрӯб

Саҳни хотирҳои моро рӯфтаанд.

Дил, ки бо таъсири наркози зимистон

Мекунад бархурд бо анбӯҳи яхпора,

Нек медонад, ки танҳо зарбаи ӯст

Сарҳади тобуту гаҳвора.

Лахт ҳам шуд, лухт ҳам шуд,

Дил, дили беистиора.

Дӯст, аз боло, ки кардӣ як ишора,

Чашм бикшоям дубора.

Кай шавад барге ба боғе хаста аз алҳамдхонӣ,

Баргу шукри бениҳоят, боғу зикри ҷовидонӣ.

Барг-барги ҳар сулулам мекунад ҳар дам тиловат

Ояҳои бӯстонӣ, сураҳои бостонӣ.

Бар кӣ бикшоӣ даратро, эй нигористони баста,

Эй ба зебоӣ гузашта аз ҳазор Арҷанги Монӣ.

Аз чӣ, эй мардум, тааҷҷуб мекунед аз ҳар хатоям,

Пас чӣ мехоҳед аз ман, аз мани ноосмонӣ.

Аз паси ташвиши олам, чун давидам, умр тай шуд,

Монда пушти орзуям он фариди ормонӣ.

Моҳ муҷустем вақте, баъд аз он моҳона ҷустем,

Ҷадвалӣ гаштем мо ҳам бо убури зиндагонӣ.

Он мани аввал чӣ ошиқ, он мани сонӣ чӣ беишқ,

Ҳарфи аввал ҳарфи дил буд, ҳарфи баъдиям забонӣ.

Дил бад-ин бардорузанҳо гарчи хеле хастаам кард,

Зиндагонӣ, бо ту дорам боз ҳам меҳри ниҳонӣ.

Эй дил, ин дам бастанатро ёри лоҳутӣ набахшад,

Месазад, то боз бошӣ, месазад, то боз хонӣ.

Тифлӣ гузашту гум шуд милодномаи ман,

Ишқи ту мӯҳри нав зад дар зодномаи ман.

Яктотарин ту монӣ, фардотарин ту монӣ

Дар ишқномаи ман, дар ёдномаи ман.

Бо номи туст иншо, бо килки туст ифшо

Ҳам дардномаи ман, ҳам шодномаи ман.

Вақте ки мурда будам, овози исавият

Аз чор сӯ фиристод имдодномаи ман.

То ту шавад фалаксайр ин номаҳои шукрам,

Бар худ бувад, на бар ғайр эродномаи ман.

Бо баста-баста розам, бо хирмани маҷозам

Баҳри ту боз гардад бе код номаи ман.

# Чаҳ-чаҳи гули сурх

(Рубоиёт)

Сӣ мурғ, ки ғайб зад, яке пайдо шуд,

Сад равзана ҳам ба Офтобе во шуд.

Андар дили ман, ки атласи ҷуғрофист,

Эй Ишқ, фарангу ховарат якҷо шуд.

***

Чун моҳ саводи шаб баровард, биё,

Пешонии қулла таб баровард, биё.

Дар матбааи саҳар даме ки гули сурх

Садҷилдаи мунтахаб баровард, биё.

***

Овоз баровар аз садопардаи мо,

Эй дури нишаста дар саропардаи мо.

Бе ғайри муҳаббати ту чизе ҳам нест,

Аз бурдаи мо мапурсу з-овардаи мо.

***

Эй тира, залолат аст кибре, ки туро́ст,

Дар хулқи ту сояи накӯӣ анқост.

Беҳуда накун қазовати кори касон,

Чун довари ростини мо дар болост.

***

Имлои дили моро ту донӣ ё не,

Иншои дили моро ту донӣ ё не.

Шаш қитъа сипардаву ҷаҳонро дидӣ,

Монои дили моро ту донӣ ё не.

***

Ишқам ба ҳаёт нокифоят бошад,

Дил-пири ҳанӯз беҳидоят бошад.

Бар ҷониби ҳар касе, ки иншои Худост,

Бад-бад нигаристанам ҷиноят бошад.

***

Эй ҷону ҷаҳон, ҳамешапайванди манӣ,

Дилро магусил зи ман, ки дилбанди манӣ.

Чун дӯст надорамат, ки ту, эй ҳама ишқ,

Сунъи мутабаррики Худованди манӣ.

***

Эй дӯст, маро дубора иншо кардӣ,

Дар асл, маро ту аввал ифшо кардӣ.

Аз Қоф ба Қоф қуллаҳо паймудӣ,

Анқои дили маро ту пайдо кардӣ.

***

Ин васл шудан чист ба ҷуз фасл шудан

В-ин фасл шудан чист-зи нав васл шудан.

Худро ҳама дам ба кимиёят, эй ишқ,

Бигдохтаам ба хотири асл шудан.

***

Хуш бош, ай офтоби афрӯхтадил,

Эй маҷмарагардони ту сад сӯхтадил.

Ҷарроҳ туйиву бар дарат ҳоҷатхоҳ

Сад чокдил ояду дусад дӯхтадил.

***

Милод муборак,эй муборакдидор,

Поянда бимон, аё ҳумоюносор.

Бар таҳнияти ман ду-се гул омада буд,

Бар таҳнияти ту омада кулли баҳор.

***

Боз о, ки дами шумурда дорем ҳама,

Як насяи носупурда дорем ҳама.

Гар аҳли биҳиштем ва ё дӯзахием,

Як гандумаки нахурда дорем ҳама.

***

Эй Дӯст, маро ҳамеша ҳамроҳӣ кун,

Бо бандагият хушам, шаҳаншоҳӣ кун.

Бо ин ҳама озодию нотаслимӣ

Дар дасти туям, ҳар он чӣ мехоҳӣ, кун.

***

Бош, эй тапиши хуҷаста, таътил накун,

Бар хатми китоби сурх таъҷил накун.

Эй вақт, шитоби ноҷавонмардона

Бар куштани ҳар хуҷастақандил накун.

***

Инсон, Инсон, киӣ, ки нашнохтаӣ,

Худро на чунон ки сохт ӯ, сохтаӣ.

Ӯ буд, ки инчунин туро зебо сохт,

Он сохтаро чаро барандохтаӣ.

***

Мавзӯи баҳорро забонзад кардам,

Худро ба вай оинаи барқад кардам.

Гуфтам, ки баҳорро ба ҳолаш монам,

Ин гуфтаму тавба кардаму бад кардам.

***

Ҷуз ту натавонад одаме сохтанам,

Бе амри ту кай шавад барандохтанам.

Бо айби кадом ойинаи зиштнамост

Ин шашдарaро ҳанӯз нашнохтанам.

***

Хокистари гулханат муборак бошад,

Хомӯшии савсанат муборак бошад.

Не назми тапиш монд туро, не мантиқ,

Эй дил, натапиданат муборак бошад.

***

Гул мурду баҳор ҳам паси хотира монд,

Сад ҷони нисор ҳам паси хотира монд.

Дил хотиразорест, ки сад ҷилд шуда,

Ин хотиразор ҳам паси хотира монд.

***

Худро ба мароми чархи гардун бахшам,

Бар гардиши субҳу шоми мавзун бахшам.

Гар аз дили ман бурун кунад ишқи туро,

Ингуна гуноҳи вақтро чун бахшам.

***

Эй ёр, замонати вафоят чанд аст,

Дар мадрасаи ишқ баҳоят чанд аст.

Чун мӯҳлати истифодааш як дам нест,

Меҳрат ба чӣ арзаду бақоят чанд аст.

***

Бод омаду барг-барг шуд ғунчаи ишқ,

Дандонзадаи тагарг шуд ғунчаи ишқ.

Бар гардани худ гирифтаам пириро,

Ҳоло, ки шукуфамарг шуд ғунчаи ишқ.

***

Эй атсаи лола аз қафас бишнида,

Яъне зи ниҳон бонги ҷарас бишнида.

Алҳамди марову шодбодии туро

Он дуртарини дастрас бишнида.

***

Олам-олам дилам таманно дорад,

Ҳар дам-ҳар дам лабам таранно дорад.

Гар ғам бихурад, ҳаром бодаш яксар,

Онро, ки чу ту азизи якто дорад.

***

Эй шодравон, шодравон шуд дили ман,

Чун хатти катибаҳо ниҳон шуд дили ман.

На, на, ки баҳори гулфишон шуд дили ман,

Аз лола ба лола хаткашон шуд дили ман.

***

Ҳар лаҳза зи ту хитобро мешунавам,

Як ваҳйи пурофтобро мешунавам.

Чун ному суроғаи туро мепурсам,

Аз он сӯи дил ҷавобро мешунавам.

***

Такрори маро ту номукаррар кардӣ,

Эй ишқ, маро ҳамеша дигар кардӣ.

Ҳар нома ба номи ӯ, ки иншо кардам,

Пар додию дар само кабӯтар кардӣ.

***

Камзарф манам, ки резакорӣ кардам,

Бе фоида корҳои ҷорӣ кардам.

Бо он ки ҳамеша дастгири ман буд,

Бар Дӯст чӣ гуна дастёрӣ кардам.

***

То чанд ба аҷзу шиква нолон бошам,

Дар ҳалқаи зиллати уболон бошам.

Бар ҳурмати лутфҳои бебаркаши ту

Бояд, ки ман аз хуҷастаҳолон бошам.

***

Аз хотираҳо халос хурдан натавон,

Он хатти ҷабин аст, сутурдан натавон.

Ояндараво, ба нестии абадӣ

Бигзаштаи хешро супурдан натавон.

***

Ояндараво, гузаштаҳоят чун буд,

Мафҳуми «гузашта» баҳри ту «акнун» буд.

Қонуни дигар набуду ойини дигар,

Фармудаи ишқ баҳри ту қонун буд.

***

Эй дӯст, алифбои чаман бояд хонд,

Дар мадрасаи сарву суман бояд хонд.

Ин хат-хати мавҷ-мавҷро дар гули сурх

Чун гимни муҳаббати Ватан бояд хонд.

***

Ман шарфаи пойи вақтро мешунавам,

Ман нолаи нойи вақтро мешунавам.

Ҳайфо, ки намекунам таваҷҷӯҳе ҳеҷ,

Бо он ки нидои вақтро мешунавам.

***

Занбӯри асал муҳандиси беҳамтост,

Ҳар лоиҳае, ки мекашад ӯ, зебост.

Аз ҳандасаи олии ӯ тасхирем,

Ҳампояи ӯ муаллиме нопайдост.

***

Эй дил, ту магар висолхоҳ омадаӣ,

На, на, ту фақат ҷамолхоҳ омадаӣ.

Чун фатҳи тариқати муҳаббат кардӣ,

Инсон шудиву камолхоҳ омадаӣ.

***

Эй дуртарин, ҳамешапайдои манӣ,

Шодам, ки мухотаби таманнои манӣ.

Ҳарчанд, ки сахти сахт бемонандӣ,

Монои манӣ, ҳамеша монои манӣ.

***

Ин кист бурунҳури даруналбастӣ,

Бар ҷисми чунин ҷони дигар боястӣ.

Он ҳастаи ман, ки менамоям ба ҳама,

Оё ту ҳам он ки менамоӣ, ҳастӣ?

***

Гулномаи бешуморро кардам хатм,

Девони бунафшазорро кардам хатм.

Ҳамроҳи ту, эй ҳамсабақи сабзосабз,

Донишкадаи баҳорро кардам хатм.

***

Эй ёд, фаромӯштарин ҳарфи дилам,

Баҳмангули монда дар таҳи барфи дилам.

Рӯзе зи гиребони фалак мегирад

Вулқони фурӯнишаста дар ҷарфи дилам.

***

Чун хатти туро зи лавҳи дил кӯр кунам,

Чун пайки туро зи гӯши ҷон дур кунам.

Нав нав зи дилам неш занад чун сабза,

Гар ёди туро дар андарун гӯр кунам.

***

Бе фикри адам гузаштани дам куфр аст,

Ҳар лаҳза хавотирии дил ҳам куфр аст.

Сарриштаи худро, ки ба дастат додам,

З-ин баъд ҳамеша хурдани ғам куфр аст.

***

Баргаштани навҷавонии мост баҳор,

Яъне ки дубора омаданҳост баҳор.

Савганд ба сабзҷӯшии дил, савганд,

Зебост баҳор, сахт зебост баҳор.

***

Эй бонгзану бангзани кӯчаву кӯ,

Аз Дӯст раҳову бо худу халқ адӯ.

Мағрури уболакӣ, ки аз ғояти раҳм

Мусича туро нидо кунад: Ку, ку, ку.

***

Ҳурмузд туро ба дастёрӣ хонда,

Хуршед ба суфраи наҳорӣ хонда.

Эй хостарин, чӣ хосиятҳо, ки туро́ст,

Худро зи чиӣ чунин қаторӣ хонда?!

***

Тақвим, ки дар шитоби кайҳонӣ шуд,

Аз пайса магӯ, ки майса обонӣ шуд.

Ин субҳаи субҳро нагардонидан

Аз ҷониби мо чӣ номусалмонӣ шуд.

***

Магзор мусалламона хомӯш шавам,

Чун субҳи хунуктарин қиравпӯш шавам.

Бигзор мутарҷими гули лола маро,

Чун аз ҳама рутбаҳо сабукдӯш шавам.

***

Эй дил, нақароти ту муҳаббат бошад,

Зикру салавоти ту муҳаббат бошад.

Такрортарин туиву нотакрорӣ,

Яъне, ки ҳаёти ту муҳаббат бошад.

***

Эй девсифат, ҷумла дадият фитрист,

Бӯҳтонзаниву бесанадият фитрист.

Дар посухи некуӣ бадӣ хоҳӣ кард,

Ҷуз ин натавонӣ, ки бадият фитрист.

***

Ин шашдараро нигор месозам боз,

Тармими харобазор месозам боз.

Бе ҳандаса ҳам муҳандиси фардоям,

Ман лоиҳаи баҳор месозам боз.

***

Юсуфмасало, чӣ бемасал омадаӣ,

Эй ҷоиза, баҳри чӣ амал омадаӣ.

Бо зарбаи вақт аз тапиш монд дилам,

Маъзур, ки сахт бемаҳал омадаӣ.

***

Бевазн сухан нагӯ, ки дар Моҳ наӣ,

Аз абҷади Офтоб огоҳ наӣ.

Эй дил, дили дар бешаи худ саргардон,

Бегаҳ шуду ту дар аввали роҳ наӣ.

***

Эй Дӯст, маро дирамшуморӣ магузор,

Яъне ба мақоми ҳеҷкорӣ магузор.

Аз мартабаи гулӣ сабукдӯш накун,

Бар рутбаи носавоби хорӣ магузор.

***

Бар мӯру малах салом дорад дили ман,

Як қофила эҳтиром дорад дили ман.

Қалбист, на қалбакӣ, аё қалбшинос,

Ишқе, ки ба хосу ом дорад дили ман.

***

Падруд машав, аё саломи саҳарӣ,

Эй рашҳаи ханда-ханда ашки шакарӣ.

Дар як дилакат чӣ гуна ғунҷоиш ёфт,

Ҷуз ишқи Ягона ишқҳои башарӣ.

***

Мирандаӣ чун ҳама, абадзинда наӣ,

Яъне, ки равандаиву оянда наӣ.

Озодият аз тамоми ҳадҳо бигзашт,

Як бор чаро ба Шоҳи Кул банда наӣ.

***

Аз лофи бузургиддаоён серам,

Аз ҷилвазании худнамоён серам.

Ин ман-мани ман чист, ало ғофил аз ӯ,

Аз ман-мани манҳои амоён серам.

***

Гардиву ба гард будани мо хандӣ,

Сардиву ба сард будани мо хандӣ.

Рӯсурх наӣ ту низ дар маҳзари Ҳақ,

Зардиву ба зард будани мо хандӣ.

***

Онӣ, ки Худову бандаро нашносӣ,

Дебо талабиву ҷандаро нашносӣ.

Ботил бувад он чӣ офарӣ, эй ҳама шак,

Вақте худи Офарандаро нашносӣ.

***

Эй сабзтарин, зумурради ёди манӣ,

Дар дурҷи ниҳон нигини имдоди манӣ.

Он лаҳза, ки сар фароварам бар мурдан,

Ангезаи навтарини милоди манӣ.

Мо лоиҳаи туем, эй Лоиҳасоз,

Ин лоиҳа такмили ту мехоҳад боз.

Дасташ гирӣ, ҳамеша дасташ гирӣ,

Онро, ки ба сӯи ту кунад даст дароз.

***

Аз решаи офтоб рустӣ, эй ишқ,

Оинаам аз дарун бишустӣ, эй ишқ.

Сад сол бишуд, ҳанӯз ҳам дар дили ман

Оё ту саломату дурустӣ, эй ишқ?!

***

Аз дидаи бемуҳаббатон дурам кун,

Эй Дӯст, фақат ба дӯст манзурам кун.

Имрӯзу ҳамеша даст бар дастам деҳ,

Маъмурам кун, ба ишқ маъмурам кун.

***

Дар мадрасаи баҳор таҳсил кунем,

Бар дарси кушоди боғ таъҷил кунем.

Таҳсили семоҳаро, ки анҷом диҳем,

Боқии ҳаёт ҷумла таътил кунем.

***

То ҳамчу ғубори раҳ сабуксайр шудӣ,

Рӯбандаи ошёнаи ғайр шудӣ.

Ҷорӯб бигиру сақфи гардунро рӯб,

Бархезу салом шав, чаро хайр шудӣ.

Озод кун аз садои худ гӯши маро,

Аз миннати носавоби худ дӯши маро.

Беҳуда рафоқати ту меҷуст мудом,

Сад узр бинеҳ дили абаскӯши маро.

***

Мо гумшудагонем, ки ҷӯёи туем,

Беҷурм наем, агарчи иншои туем.

Монии азал, ту нақши мо сохтаӣ,

Монои туем, ҷумла монои туем.

***

Барҷаҳ зи ҳисори дайи дайҷур, биё,

Бар таҳнияти баҳори мастур биё.

Барҳақ, агар аз аҳли куҳистон бошӣ,

Боре ба тавофи лолаи Тур биё.

***

Лайлинафаҳоту қайсмашраб моем,

Аз ҷӯшиши ишқи ту лаболаб моем.

Дунё, ки чу оинаи шашрӯ боз аст,

Барҳақ, ба саломи худ мухотаб моем.

***

То ҳашр тароназор кун ҷони маро,

Ин воҳиду ин ҳазордастони маро.

Эй шеър, бикун муборак оғози маро,

Эй ишқ, намо хуҷаста поёни маро.

***

Чун ҷоизаи ягона меояд ишқ,

Бо шавкати юсуфона меояд ишқ.

Як матлаъву як мақтаъву дигар ҳама ҳеҷ,

Шодам, ки дар ин миёна меояд ишқ.

***

Ҳоло, ки баҳори мо саранҷом шуда,

Сад хайли ҳавас якояк эъдом шуда.

Дилхаста зи бардорузани садсола

Мурғи қафасии мо кунун ром шуда.

***

Дил мурду ҷанозахон намеояд ҳеҷ,

Он Исии гулфишон намеояд ҳеҷ.

Ҳаққо, ки накуштанаш маро хоҳад кушт,

Онро, ки ба қабзи ҷон намеояд ҳеҷ.

***

Ҳафтоду ду миллати ҷаҳон ёри ту буд,

Нӯҳ гунбади нилгуна дастори ту буд.

Садсола шудам, ки бар дилам ишқ омад,

Мавло, Мавло, қасам, ки ин кори ту буд.

***

Гар роҳи маро касе напӯяд, мирам,

Атри сухани маро набӯяд, мирам.

Бахт аст ба рашку кина ҳам арзидан,

Гар қубҳи маро касе наҷӯяд, мирам.

***

Сад шукр, ки андози ҳаво нест ҳанӯз,

Андози замин ҳасту само нест ҳанӯз.

Андози муҳаббаташ ба ҷон пардозам,

Афсӯс, ки андозрабо нест ҳанӯз.

То чанд зи сидқҳо риё мечӯӣ,

Хасрӯба зи боми кибриё мечӯӣ.

Ҳақ пӯй, ки раҳ ба раҳ ғалат мепӯӣ,

Пайдост ниҳони мо, чиро мечӯӣ.

***

Миқроз мазан ба парниёни дили ман,

Зеро, ки худи туӣ миёни дили ман.

Ҳарчанд, ки куштиям зи хунсардии худ,

Ҷони дили ман ту бош, ҷони дили ман.

***

Ҳар ҷинс ба ҷинси хеш мегирад хӯ,

Бад сӯи баду накӯ равад сӯи накӯ.

Ду сунъи дугунае дугона нашавад,

Яъне ту ҳамасли моӣ, эй ҳиҷронҷӯ.

***

Ҳулбӯ лаби ҷӯ, қатори ҳулбӯ лаби ҷӯ,

Қоқу лаби ҷӯ, шарори қоқу лаби ҷӯ.

Бишнав нақароти нағмаи нӯшинаш,

Якзарб занад нидои ёҳу лаби ҷӯ.

***

Куфри ману ту чаппа кунад дунёро,

Кӯбад чу нақора гунбади миноро.

Қандили шафақро канад аз сақфи фалак,

Рухсат надиҳад расидани фардоро.

***

Чун суратакат фитад, ҷибиллат монад,

Аз кибри фалакхарош зиллат монад.

Он гуна, ки Мавлавии Балхӣ гӯяд:

Ин дав – дави ту бигзараду лат монад.

***

Ин кайфу сафо ҳисоб ҳам мехоҳад,

Ин кибру ҳаво таноб ҳам мехоҳад.

Дарёб, ки бехудоии ту, эй дил,

Дар пеши Худо ҷавоб ҳам мехоҳад.

***

Ман дар лаби ғунча оҳро мефаҳмам,

Аз фотиҳа хатми роҳро мефаҳмам.

Пулчини газу чароғ меояду баъд

Бигзаштани рӯзу моҳро мефаҳмам.

***

Дар охири маҳ дақоиқи тилфон сӯхт,

Тилфон чӣ бувад, ки умр садчандон сӯхт.

Ин резиши барг – баргро мешунавӣ,

Тақвим хазонак бишуду осон сӯхт.

***

Бо фотиҳаи баҳор оғоз шудӣ,

Дар вусъати орзуи ман боз шудӣ.

Бори дигар офаридиям дар олам,

Ҳаққо, ки ту бо Худо ҳамэъҷоз шудӣ.

***

ӯ донаду бас табобати иллати дил,

ӯ донаду бас кадомии миллати дил.

Бо рафтани мо намеравад аз олам,

Аҳсант ба зиндагии бемӯҳлати дил!

***

Дар ҳашр маро бин, ки ба зери анбон,

Набвад гунаҳи васлу савоби ҳиҷрон.

Дар ними нафас мешумарад неку бадам,

Пурсандаи ман намекунад кори гарон.

***

Бар қутби шимолам офтобона биё,

Як бор ба ин билоди бегона биё.

Як қитъаи беҳаётро зинда бикун,

Лутфе кун, ай офтоби якдона, биё.

***

Маҳвем ҳама зи фикри анҷумбезат,

Аз тозасулуки осмоновезат.

Сад шукр, ки таъми субҳро фаҳмидем

Аз рашҳаи ҳар фикри сабоҳатрезат.

***

Дебочаи сад баҳор шав, эй гули сурх,

Чун лаҳза тапишшумор шав, эй гули сурх.

Дар он тарафи панҷара хуршедона

Пинҳон машав, ошкор шав, эй гули сурх.

***

Садбарг, ту баргузидаи гулҳоӣ,

Сардафтару сарҷаридаи гулҳоӣ.

Эй шеър, чакидаи афифи дили ман,

Савганд, ки ту чакидаи гулҳоӣ.

Як ноз накардаам ба самъу басарат,

Як сӯз нададаам ба ҷону ҷигарат.

Аз омадани ниҳони ту бехабарам,

Эй ишқ, қасам ба рафтани беасарат.

***

Эй бехабар аз ёсуманистони дилам,

Аз роиҳаи афифи бӯстони дилам.

Ин субҳ биё, ки субҳи дигар гузарад

Чаҳ – чаҳ задани ҳазордастони дилам.

***

Ҳоло, ки гузашт фасли лакпарбозӣ,

Даврони фаришташаҳпари парвозӣ.

Эй дил, тапиши ту монд дар асри куҳан,

Беишқ шудӣ кунун, ки беэъҷозӣ.

***

Толори мунаввари фалак гардон аст,

Он ҷост намоише, ки бепоён аст.

Сармасти самоянд моҳу меҳру нуҷум,

Ишқи ту дар аҳли арш садчандон аст.

***

Эй шеър, сулуки ҷовидони дили ман,

Дар масҷиди арғувон азони дили ман.

Дар ҳошияи ҳаёти ман умр набар,

Хуш бошу бизӣ, бизӣ, миёни дили ман.

***

Аз масҷиди сурхи ман азон мешунавӣ,

Ҳар он чӣ ниҳон расад, ниҳон мешунавӣ.

Рӯзе нағамоти арғунун мешунавӣ,

Боре нафаҳоти арғувон мешунавӣ.

***

Як ғунча надод атса дар гулшани ман,

Як дона сиҳат намонд дар хирмани ман.

Беҷавҳарам он қадар, ки дар ман нафаре

Ҷуз ман – мани ман надид, ҷуз ман – мани ман.

***

Наврӯз, ту иқтибоси ҳусни ӯйӣ,

Як атсаву як чаратсаи минӯӣ.

Эй зарра ба зарраат ҳама зебоӣ,

Эй нукта ба нуктаат ҳама некӯӣ.

***

Чун бом ба боми мардумон по задаӣ,

Худро ба миёни шӯру ғавғо задаӣ.

Чун симкашон чароғдузд омадаӣ,

Гуфтам ту дили манӣ, ки сармозадаӣ.

***

Эй дӯст, маро ба шак туманпеч макун,

Дилбастаи ҷовидам, расанпеч макун.

Садсола шуд ин рафоқату ҳеҷ намурд,

Ту зинда ба зиндааш кафанпеч макун.

***

Шод о, бади ман гуфта, туро сад ҳасанот,

Узри ту қабул, бар гузашта салавот.

Афсӯс, ки дарди азалии ғайбат

Дар ҳар тапиши дилат бувад чун нақарот.

Эй каҷкулаҳе, ки побараҳна шудаӣ,

Як ҷилва задиву пушти саҳна шудаӣ.

Дирӯз чу шаҳна медавидӣ пайи дузд,

Имрӯз чу дузд асири шаҳна шудаӣ.

***

Бишнав зарабони боди исодамро,

Дар ҳуҷраи гул тиловати шабнамро.

Афсӯс, ки дар баробарам мебинам

Сад қофила самъу басари маҳкамро.

***

Он ҷилваю завқи порро боз бидеҳ,

Ангезаи ибтикорро боз бидеҳ.

Лутфе бикун, эй азизи афлокии ман,

Шаҳҷоизаи баҳорро боз бидеҳ.

***

Эй дил, ки зи мантиқи тапиш бехабарӣ,

Бар кори худу кори ҷаҳон хурдагарӣ.

То омадани ту ишқ аз дунё рафт,

То омадани ишқ ту ҳам мегузарӣ.

***

Бигзашт баҳору орзубандии дил,

Аз шоха фитод себи пайвандии дил,

Эй субҳи шафақсоғари даймоҳи ҳаёт,

Бардор қадаҳ барои хурсандии дил.

Эй дӯст, сафедномаи субҳ туӣ,

Рӯшаннасабо, чакомаи субҳ туӣ.

Бо мақдами ту хулоса шуд зулмати даҳр,

Дар зиндагиям идомаи субҳ туӣ.

***

Дар ҳар нахи дил мақом кардӣ, эй ишқ,

Падруди маро салом кардӣ, эй ишқ.

Ман рафтаму Ту, ҳамеша Ту, танҳо Ту

Ҳастии аладдавом кардӣ, эй ишқ.

***

Аз пушти қафас шунав азони гули сурх

В – он чаҳ – чаҳи хомуши лабони гули сурх.

Пурсӣ, ки киву чикораӣ, мегӯям,

Ҳастам мани сода тарҷумони гули сурх.

****

Як лаъл садо мезанад аз ҳуққаи оҷ,

Оинаи хуршеднамо шуд вартоҷ.

Табрик бигӯ, ки офтоби дили ман

Ин субҳи хуҷаста бозгашт аз меъроҷ.

****

Дар сабки ту нест дастрас гардидан,

Аз хос раҳо, аниси хас гардидан.

Марг аст маро, зи марг ҳам маргтар аст

Аз роҳи муҳаббати ту пас гардидан.

*****

Эй кибр, ба кибриё чӣ нисбат дорӣ,

Эй ҳашр, ба инзиво чӣ нисбат дорӣ.

Сад сол ба як суол посух надиҳӣ,

Эй ишқ, бигӯ, ба мо чӣ нисбат дорӣ.

***

Ҳайҳот зи рухсатии тӯлонии дил,

Аз исти дилу шитоби кайҳонии дил.

Як бор наёмад ӯ ба меҳмонии ман,

Як бор наёмадам ба меҳмонии дил.

***

Эй маст фитода дар раҳи мастабае,

Худро гуҳаре хондаву моро шабае.

Алҳақ, на марову на туро, эй ҳама ҳеҷ,

Дар даргаҳи ӯ нест ягон мартабае.

***

Фармо, ки турост шавкати ҷамшедӣ,

Боз о, ки турост фарраи хуршедӣ.

Бар дайкадаи ҳазини мо меояд

Бо омадани ту фасли идоидӣ.

***

Ҷарроҳи буридадӯз бошад хуршед,

Исии ниҳонфурӯз бошад хуршед.

Пир аст, басе пир зи дунё, аммо

Дар марҳалаи «ҳанӯз» бошад хуршед.

***

Бигзашта наӣ, ҳанӯзу фардои манӣ,

Як равзани бар сапедаҳо вои манӣ.

Сад шубҳа кунам, ки ман ҳаям ё ки наям,

Барҳамзани сад ҳазор «ё-ё»-и манӣ.

***

Боз о, ки туӣ башораторандаи ман,

Муншии ба тозагӣ нигорандаи ман.

Бо дасти ту мӯҳлати маро кард дароз,

Шукрам бирасон ба ҷондарорандаи ман.

***

Шаҳревари шаҳри мо баҳорафрӯз аст,

Ҳар як гулаш андарун тилоандӯз аст.

Бо марҳамати қудуми ҷамшедии ту

Шаҳревари мо накӯтар аз Наврӯз аст.

***

Ин чанд қадам, ки ён ба ёнем ҳама,

Ин чанд нафас, ки ҷон ба ҷонем ҳама,

Қадри қадаме чунин нафаҳмем, дареғ,

Завқи нафасе чунон надонем ҳама.

***

Аз шохи уфуқ фитод зарринхурмо,

Дар боғ шакар кушод зарринхурмо.

Дар тоқи ниҳон, ки хуфт чил соли дароз,

Дигар нарасад ба ёд зарринхурмо.

***

Эй боғ, саломатии гулҳо чун аст,

Ҳар барг ҳанӯз ҳам зумуррадгун аст?

Бобунаи дил низ чу бобунаи боғ

Вобастаи гирдгардиши гардун аст.

***

Дар дидаи ғайббини ту фош манам,

Бо фикри гусаста раҳ ба раҳ пош манам.

Эй субҳ, ту рутбаи баландам додӣ,

Дар қасри булӯрии ту фаррош манам.

# ЧОРЗАРБИ ДИЛ

(дубайтиҳо)

На дарвешӣ маро бояд, на шоҳӣ,

На хуршедӣ дилам хоҳад, на моҳӣ.

Маро ин бас, ки бо унвони Инсон

Зиям аз рӯи қонуни илоҳӣ.

***

Туро ҷӯям табассум бар табассум,

Туро хонам тараннум бар тараннум.

Дар ин ҷӯлидагии маъсиятзор

Киӣ, эй боз ҳам маъсум, маъсум.

***

Чаро аз банда ҳоҷатхоҳ будан,

Чунин ҷӯёи ноогоҳ будан.

Ба сад даргоҳ сар хастан ба зиллат,

Вале ғофил зи як даргоҳ будан.

***

Баҳор омад, ки атласпӯш бошем,

Чаман андар чаман гулҷӯш бошем.

Чунин бечаҳ –чаҳиро тоири ишқ

Намебахшад, чаро хомӯш бошем.

***

На Қайсе дар биёбони шумоям,

На шере дар найистони шумоям.

Тулӯи себам андар боғи фирдавс,

Гули найсон дар обони шумоям.

***

Малахро гар малак гӯӣ, чӣ гӯям,

Магасро гулпарак гӯӣ, чӣ гӯям.

Шакандешо, яқинандеш мебош,

Ба номи Ҳақ, ки шак гӯӣ, чӣ гӯям.

***

Киӣ, эй омада, гулчини боғӣ

Ва ё пулчини обиву чароғӣ.

Чу пулчинӣ, наӣ ҳаммашраби ман,

Чу гулчинӣ, маро ту ҳамдимоғӣ.

***

Фақат имон амони туст, эй дил,

Радифи ҷовидони туст, эй дил.

Ҳамеша ишқ, ишқ, оре, фақат ишқ

Азони ту, азони туст, эй дил.

***

Биё, чун мӯъҷиза, эй сеҳр дар сеҳр,

Биё, чун ҷоиза, эй фарвадинчеҳр.

Чӣ мехоҳам ба тоатҳои пинҳон

Зи он чашмони меҳробию бемеҳр.

***

Вуҷуди субҳидам хуршедхоҳ аст,

Замину осмон наврӯзгоҳ аст.

Дар ин зарбу навои сабз дар сабз

Насабзидан, насабзидан гуноҳ аст.

***

Гуловезо, гуловезо, гуловез,

Магар дур аст ё наздик пойиз.

Чӣ посух дод ин тақвими золим

Ба устодам, ки нолид аз хазонрез.

***

Дар ин оина нолиш кард тасвир,

Ғулувви ҳусн шуд анбӯҳи тақсир.

Шитоб, эй орзу, бар фатҳи ҳоло,

Ки ними сонияст аз зуд то дер.

***

Сулуки ман ба сӯи ӯ дароз аст,

Дилам ойинаи ҷавҳаргудоз аст.

Ба хоколудагоне чун ману ту

Дари аршии истиғфор боз аст.

***

Чу ойина зи тасвират шукуфтам,

Шафаққилко, зи таҳрират шукуфтам.

Чӣ сармохӯрда будам, ишқ, эй ишқ,

Зи таъсират, зи таъсират шукуфтам.

***

Дарад аз ларзише ҷони ҳарирам,

Парад то нокуҷо рӯҳи мунирам.

Мадеҳ озодиям, эй Корфармо,

Бифармо, он чӣ фармоӣ, пазирам.

***

Дар ин садсолаи бекории ишқ

Кӣ меояд ба дилбардории ишқ.

На ишқ ояд дигар бар ёрии ман,

На ман оям дигар бар ёрии ишқ.

***

Дили ман аслпаймоӣ биёмӯз,

Баро аз ширк, яктоӣ биёмӯз.

Намезебад ба пирӣ зишт рафтан,

Зи пири субҳ барноӣ биёмӯз.

***

Диламро як туӣ, як ту муаллиф,

Ало яктотарини бемуродиф.

Миёни ӯву ман дар ҳарду олам

Туӣ, танҳо туӣ, эй ишқ, ҳотиф!

***

Дигарбора биёмад фасли пар – пар,

Пуроҳар шуд сабоҳи ман, пуроҳар.

Ба сақфи гунбади дил менишинад

Саломи ту кабӯтар бар кабӯтар.

***

Чу бенуқс аз азал он Зоти яктост,

Кадомин одам аз иллат мубаррост.

Чӣ ҷои шарм, агар ҷурме туро ҳаст,

Ки беҷурмӣ ҳам аз нокомилиҳост.

***

Биё чаҳ – чаҳ бизан дар қар – қаристон,

Бикаш қад – қомате дар кофаристон.

Ба шӯри нолаат, эй нойи ошиқ,

Зи шарристон бино кун шаккаристон.

***

Якоҳангӣ чаровуякнавозӣ,

Магар ғофил зи оҳанги Ҳиҷозӣ.

Навонав бош, қалби арғунунӣ,

Ки масти захмаҳои Корсозӣ.

***

Кирой ҳамсулулу ҳамсулола,

Ало, эй дил, дили монои лола.

Ба доғи ту чӣ номе метавон дод,

Ки навзодест ӯ милярдсола.

***

Зи нав, хокистаро, партав шав охир,

Баро аз кӯҳнагиҳо, нав шав охир.

Сақарро бар саҳар бигзиданат бас,

Ало, эй ҳеҷрав, ҳаҷрав шав охир.

***

Зи ҳад хунсарду аз ҳад гармҷӯшам,

Зи рӯ хомӯшу таҳ – таҳ навхурӯшам.

Ҳама куфрам, ҳама имонам, эй ёр,

Чу субҳ урёнаму эҳромпӯшам.

***

Ба ин гилмӯҳра дам андоз, эй дӯст,

Сиришти мӯҳташам андоз, эй дӯст.

Агар одам нашуд ин мункири ишқ,

Бигираш, бар адам андоз, эй дӯст.

***

Кӣ меояд ба оҳар додани дил,

Ба табрики таманно зодани дил.

Ба ҷуз дасти ту дасте кай тавонад

Паёпай бастану бикшодани дил.

***

Баро, эй офтоби гармҷавлон,

Ки мурдам зери дандони зимистон.

Диламро аз таҳи ях ор берун,

Ба фасли васл бар аз фасли ҳиҷрон.

***

Ду паҳноем мо паҳлӯ ба паҳлӯ,

Ду дарёем мо бозу ба бозу.

Ду хушбахтем мо дӯзах ба дӯзах,

Ду садлахтем мо минӯ ба минӯ.

***

Ту, эй хуршеднағма, аз куҷоӣ,

Ки берун аз ҳади ҷуғрофиёӣ.

Ҳама наъшем мо бо гардиши вақт,

Фақат ту боз дар нашъунамоӣ.

***

Ту дар оинаам тасвири ҷонӣ,

Ту сад ойина ҷонро тарҷумонӣ.

Маро то он мани зебои дигар

Ту, оре, ишқ, як ту нардбонӣ.

***

Яке омад ба ҷони мо ҳидоят,

Ҳидоят омад аз ӯ оят – оят.

Фақат тақ – тақ задан омӯз, эй дил,

Ки бинӣ боз дарҳои иноят.

***

Бубин бар рафтуои ақрабакҳо,

Ба рақсу бар самоъи ақрабакҳо.

Касе аз хокиён натвонад охир

Давидан по ба пойи ақрабакҳо.

***

Дили ту ҳам ҷанубӣ, ҳам шимолист,

Паёмат ояи фархундафолист.

Биё, эй ҳамрикоби абри раҳмат,

Ки дар андешаи мо хушксолист.

***

Чӣ мусиқист, мусиқии асрор,

Бирешим дар бирешим, тор дар тор.

Дар оҳанги муноҷоти дили ман

Бичархад шодмон нӯҳ чархи даввор.

***

Ало, эй зодаи нури ҷалолӣ,

Наӣ ҳаргиз ҷанубиву шимолӣ.

Бад-ин густурдагии бемасоҳат

Чӣ хуршедона дар ваҷдиву ҳолӣ.

***

Бубин зулмот дар рӯҳи мунирам,

Биҷӯ чирк аз гиребони ҳарирам.

Агарчи кам зи гарди Боязидам,

Гуноҳи халқро бар худ пазирам.

***

Туро бо вақтчархиш озмудам,

Туро он сон, ки ҳастӣ ту, кушудам.

Раҳораҳ медиҳад ишқи бузургат

Ба авҷи кибриё хатти вурудам.

***

Фарангиховариё, аз куҷоӣ,

Магар чун ишқ беҷуғрофиёӣ.

Зиҳӣ, эй он ки сабки фаррухи туст

Фақат инсониву инсонгароӣ.

***

Ту оинномаи рӯшанбаҳорӣ,

Ту фарҳанги афифи чашмасорӣ.

Чӣ ғофил аз худӣ, эй ғофил аз мо,

Намедонӣ, ки хоси Кирдигорӣ.

***

Ғурури ман зи гардунҳо баланд аст,

Баландии тавозӯям дучанд аст.

Ғурури ман ба аҳли кибр тозад,

Тавозӯям ба халқи мустаманд аст.

***

Яке дасти саломатро кушояд,

Ба шобошаш агар дасте наояд.

Ҳамин ҳолат беҳин дастобадастист,

Ки дасти ғайб сӯят мегарояд.

***

Туро бар ҳусну қубҳи кас чӣ кор аст,

Нигоҳат то ба кай иллатшумор аст.

Ало бар нуқси кас хандон, надонӣ,

Ки эродат ба кори Кирдигор аст.

***

Ту мебинӣ рукӯи лолаи дил,

Ту медонӣ ғами садсолаи дил.

Набахш, эй аз ҳама бахшандаи ман,

Агар боре шунидӣ нолаи дил.

***

Баро боло, дари шамсу қамар зан,

Аз он ду гунбадат табли дигар зан.

Дили ман, хутбаи маргат, ки хонанд,

Зи омин то ба бисмиллоҳ пар зан.

***

Наям ман тавбафармои халоиқ,

Ки худ як тавбагӯям пеши холиқ.

Гунаҳбахшо, набахшоям, агар ман

Гуноҳи халқро бошам муҳаққиқ.

***

Сапед андар сапед, эй роҳ, пеш ой,

Ало оянда, поку субҳкеш ой.

Чаро аз пушти дар вопас равонӣ,

На чун бегона ой, эй ишқ, хеш ой.

***

Ало ноёрии ту айни ёрӣ,

Чӣ ҳикмат дорад ин беэътиборӣ.

Маро то тавба бурдӣ, то гунаҳ не,

Ҳамин бошад ғулувви дӯстдорӣ.

***

На ошиқ бошад он ки комхоҳ аст,

Аз ӯ то ошиқӣ садсола роҳ аст.

Ало эй ишқ, эй Исии Марям,

Ба номи ту гунаҳ бастан гуноҳ аст.

***

Чу гаштам кӯрхотир, вой бар ман,

Мани бигзаштаро бинмой бар ман.

Фаромӯшам кунад, бахшой бар ӯ,

Чу ман ёдаш кунам, бахшой бар ман.

***

Туро ин нома ҷӯяд шом дар шом,

Кабӯтар бар кабӯтар, бом бар бом.

Варо бархон, варо бархон, ки донӣ

Чӣ тӯфон дорад уқёнуси Ором.

***

Башар ҳам хаста шуд аз ҷанги адён,

Ки мехоҳад зияд боре чу инсон.

Аҷаб набвад низои куфр бо куфр,

Аҷаб аз ҳамлаи имон ба имон.

***

Муқими ҳар чаҳор айвони дил бош,

Ба ҷон фармову ҷоноҷони дил бош.

Ало, эй ишқ, эй ваҳйи ниҳонӣ,

Бизӣ, яктотарин бурҳони дил бош.

***

Ватан, мактуби ишқи нокушода,

Ватан, сӯзи наҷиби беифода.

Чӣ маъсумӣ, чӣ пайвандӣ, чӣ нағзӣ,

Чу паҳнозори гулҳои пиёда.

***

Башоратҳои чашмонат ниҳонист,

Ду чашмат ду китоби осмонист.

Чӣ осон буд будан, гар дили ман
Туро аз ёд бурдан метавонист.
***
Дило, ваҳми ту наштар зад ба имон,
Гузар аз мушкилу боз о ба осон.
Нигар, боз аст имкони илоҳӣ,
Агар, ки бастааст имкони инсон.
***
Фариди ман, сипосам бебаён аст,
Муҳаббатҳои ман бетарҷумон аст.
Дусад мӯҳра бинолад, ишқ, эй, ишқ,
Ки дар ҳар мӯҳра мӯҳри ту ниҳон аст.
***
Пазир, эй ёр, истиғфори дилро,
Бизан ангушти раҳмат тори дилро.
Саодатманд кун бо ҷӯши ишқат
Тапиданҳои ноҳамвори дилро.
***
Дуӣ кардам, бубахшо, эй Ягона,
Ало яктотарини бедугона.
Чу ишқи мо аз аввал мустақим аст,
Нағунҷад қосиде андар миёна.
***
Сабоҳат деҳ ба роҳи мо, сабоҳат,
Рафоҳат деҳ ба рӯҳи мо, рафоҳат.

Чу ин гавҳар фақат дар махзани туст,

Саъодат деҳ, саъодат деҳ, саъодат.

***

Гаҳе дар зеру бам таъҷил дорӣ,

Гаҳе сад сол ҳам таътил дорӣ.

Қасам бар он тапиданҳои ноҷӯр,

Ки ту оёти бетаъвил дорӣ.

***

На шарқӣ, на шимолий, гули сурх,

На қиливу на қолий, гули сурх.

Ба ҷонҳои башоратхоҳи ёрон

Ту пайки лоязолий, гули сурх.

***

Агар урён в –агар бошӣ муҳаҷҷаб,

Туӣ бар эҳтироми ман мухотаб.

Маро бар ҷавҳари ҷонат сафарҳост,

Чӣ мегардам ба гирдогирди қолаб.

***

Бифармо, эй яминиву ясорӣ,

Биё, эй мӯсавиву эй насорӣ.

Маро ин бас, ки Инсониву дар худ

Худоро мекунӣ оинадорӣ.

***

Ало, эй қарни нав, бе зӯри шона

Баро аз ихтилофи ҷовидона.

Тамоми садду сарҳадро чу Одам

Ба як атса барандоз аз миёна.

***

Туро дар пардаи ҷон рози бикр аст,

Сарат анҷумраву хуршедфикр аст.

Чӣ гӯёӣ, ки аз берун хамӯшӣ,

Хамӯшӣ беҳтарин наҷвои зикр аст.

***

Нигоҳат аз само ибҳом дорад,

Сириштат аз саҳар эҳром дорад.

Баҳори шоҳкориофарин ҳам

Зи чашми сабзи ту илҳом дорад.

***

Биё, бардор сарҳадҳои олам,

Ки мову ту кием охир? – Як одам.

Ба ҳам боист дар як ришта ҷо кард

Раҳорах мӯҳраҳои ашки Марям.

***

Қалам, бархезу сарҳадро бибардор,

Адоватҳои сармадро бибардор.

Чаро хобидаӣ, эй хома, як бор

Ту ҳам ҳиммат куну қадро бибардор.

***

Дилам аз кӯҳнагӣ беармуғон аст,

Дар ин афтодагӣ бенардбон аст.

Се нуқта мондаам баъди ту, эй ишқ,

Се нуқта то абад бетарҷумон аст.

***

Биё, бо субҳ ҳамкорӣ намоем,

Даме исботи бедорӣ намоем.

Чу худдорӣ накардем аз гунаҳҳо,

Чаро аз тавба худдорӣ намоем.

***

Макун тақсими меҳру моҳу анҷум,

Ки дар зулмоти худ гум мешавӣ, гум.

Чӣ ҳам гӯям, ки нафсатро надорӣ

Зи шавқи хӯрдани як дона гандум.

***

Ало, эй огаҳ аз коди дили ман,

Туӣ маъмури иршоди дили ман.

Дилат боре намедонад, ки барҳақ

Ба номи ӯст милоди дили ман.

***

Ту медонӣ нишонии дили ман,

Нишонии ниҳонии дили ман.

Чу навсозӣ, сафар кун, эй муҳандис,

Ба шаҳри бостонии дили ман.

***

Само, бишнав муноҷоти дили ман,

Сабо, аз бар кун оёти дили ман.

Агар ту Одамӣ, бинмо ҳубуте

Зи ҷаннат бар мулоқоти дили ман.

***

Саломе бар рубобиҳо фиристам,

Қиёме бар китобиҳо фиристам.

Зи ёрон гарчӣ барфиҳо гирифтам,

Ба посух офтобиҳо фиристам.

***

Шабе дорам саҳарваш аз шакарбарф,

Лабе дорам пуропур аз шакарҳарф.

Биё, эй шеър, то дар пеши поят

Пасандози ҷавониро кунам сарф.

***

Ба ман ирфони як гулро биёмӯз,

Ба худ фарҳанги булбулро биёмӯз.

Маро барпеч бо эҳроми шабнам,

Дар ин хирқа таҷаммулро биёмӯз.

***

Дар ин шашдар кӣ тақ – тақ мезанад боз,

Диле бонги аналҳақ мезанад боз.

Дар ин девонадарёи хурӯшон

Кадомин гурд завраќ мезанад боз.

***

Дало, дар мулки истиғфор пар зан,

Баро аз нору дар анвор пар зан.

Шудӣ гумроҳ дар сад тангкӯча,

Дар ин вусъат биё, як бор пар зан.

***

Чу бадбинӣ набошад сабки дида,

Ҳама кас ҳаст хубу баргузида.

Фақат ишқ аст, оре, боз ҳам ишқ,

Беҳин унвони ин ҳарду ҷарида.

***

Дили бесӯзи ман, маҳди шарар шав,

Чӣ оҳангар шудӣ, оҳангтар шав.

Намебахшам тапиш нокарданатро,

Дигар шав, дил, дигар шав, дил, дигар шав.

***

Дили ман дафтари адвори ишқ аст,

Ки ҳар мусиқияш асрори ишқ аст.

Ҳамин до-ре-ми-фа-со-ляву си-до

Тараннумҳои нотакрори ишқ аст.

***

Бимон, эй пешвои фирқаи дил,

Сароғози дилу сарҳалқаи дил.

Маро, эй орифу ринди ҷунунӣ,

Ту ҳамирфониву ҳамхирқаи дил.

***

Ало саргашта зери чархи нӯҳту,

Кунун об омад, аммо ташнагӣ ку.

Ба ёд овар, ки пири роҳ мегуфт,

Набояд об ҷустан, ташнагӣ ҷӯ.

***

Яке гӯяд, ки ишқи ман заминист,

Дигар гӯяд, ки ишқи ман баринист.

Маро ин ҳарду як ишқ аст, як ишқ,

Ки оғози накӯиофаринист.

***

Зи ҳар иллат батар иллатшуморист,

Ба гӯши бадгузин ғайбатгузорист.

Зи иллатҳову зиллатҳо баланд аст,

Касе, к-ӯ шевааш беэътиборист.

***

Дилат нороҳ буду раҳбалад дошт,

Нигоҳат бар санам буду самад дошт.

Ба зоҳир гарчӣ кофаркеш будӣ,

Сириштат партави нури аҳад дошт.

***

Киӣ, эй чорзарби дил шунида,

Зи ҳар зарба дуҳулҳо бардарида.

Киӣ, эй ваҳйи эъҷозофаринат

Мани зеботар аз ман офарида.

***

Зи ҳамдинӣ ҳам охир ҳамдилӣ беҳ,

Зи огоҳии ботил ғофилӣ беҳ.

Чу мардумро ба фасл орӣ, на бар васл,

Аз ин бадмевагӣ беҳосилӣ беҳ.

***

Агар роҳат бувад бе садду ҳоил,

Чиро ноил шавӣ, эй ёр, ноил.

Нигаҳ кун, ишқ ҳам занҷирбанд аст,

Ба зиндони мафоилун мафоил.

****

Даме бо вақт ҳамроҳӣ надорем,

Ки ҷуз дам ҳеҷ кӯтоҳӣ надорем.

Зи баски фазли Аллоҳӣ надорем,

Зи фавти фурсат огоҳӣ надорем.

****

Куҷоии, ки кайҳонитаринӣ,

Киӣ, эй ки хуросонитаринӣ.

Ба мо ҳам дарси инсонӣ биёмӯз,

Ай Инсоне, ки инсонитаринӣ.

****

Нагӯям соатам бисту чаҳор аст,

Бигӯям: понздаҳто кам баҳор аст.

Чу пурсӣ: соати гул чанд? Гӯям:

Ҳазор андар ҳазор андар ҳазор аст.

****

Тараннум дар тараннум, омадӣ, ишқ,

Талотум дар талотум омадӣ, ишқ.

Зи раҳ як дона гандум ёфтам ман,

Ту бо як дона гандум омадӣ, ишқ.

****

Биёр, эй навбаҳори ҷаъдсунбул,

Ба рӯбинони дил сад хирмани гул.

Маро танҳо муҳаббат зинда овард

Ба Наврӯзи гулу Наврӯзи булбул.

****

Хушо Наврӯзу гулгардонии дил,

Шабу рӯзон чакомакхонии дил.

Кӣ мегӯяд, ки чандинрӯза бошад

Дар ин меҳмонсаро меҳмонии дил.

****

Дило, дар хони наврӯзӣ шакар бош,

Чу боғи гулкушода нуқравар бош.

Дар ин дунё, ки ях бастаст қалбаш,

Ту аз Наврӯз ҳам Наврӯзтар бош!

****

Агар ёрӣ, биё бар ёрии дӯст,

Мабин аз пушти панҷа хории дӯст.

Чаро ғофилтарин, ғофилтаринӣ

Зи илми посихотирдории дӯст.

****

Нигоҳи ҳайратам бар осмон аст,

Ки хатти мехияш бетарҷумон аст.

Ба мисли кӯдаки синфи якам ман,

Ки дар чашмам ҷаҳон чун чистон аст.

****

Баромад офтоб аз шонаи субҳ,

Дили ман шуд кабӯтархонаи субҳ.

Анори турши дилро кард пайванд

Фалак бо нори шириндонаи субҳ.

****

Азизо, сӯзи ҷони мо гузашта,

Хушии достони мо гузашта.

Замони дигарон омад, хуш омад,

Замони мо, замони мо гузашта.

****

Макун аъмолпурсии дили ман,

Биё бар ҳолпурсии дили ман.

Дилам сад қарн, балки бештар зист,

Биё бар солпурсии дили ман.

****

Куҷо аз асл пинҳон метавон шуд,

Чӣ сон бе нур тобон метавон шуд.

Чу инсонии ту илми ладунист,

Ба омӯзиш кай Инсон метавон шуд.

****

# ТАРҶУМАҲО

# Иоҳанн Гӯте

## Аз «Девони ғарбиву шарқӣ»

### АНДЕШАИ ОЗОДӢ

Рӯи зинам, ки қимате дорам,
Коҳилонро чӣ ҷои сабқати мост.
Фотеҳи авҷи бекарон, ки манам,
Гули анҷум амомаам орост.

Медурахшанд бо ҳидояти Ҳақ
Кавкабон, кавкабони роҳбалад.
Бингарам бар фарози нуровез,
То чашам лаҳзае нишоти абад.

ОДАМСОЗИВУ ДАМАНДОЗӢ

Мӯъҷиза кард Кирдигор,

То зи гил одам офарид.

Хок вуҷуди зинда шуд,

Баъд дар он дам офарид.

Чун зи раҳи машоми ӯ

Рӯҳи Илоҳ шуд равон.

Атса зад аз таҳи адам

Кундаи хуфта ногаҳон.

Лек чу нимкунда монд

Кундаи ҷонгирифта боз.

Нӯҳи набӣ ба дасти ӯ

Дод пиёлаи маҷоз.

Бурд варо ба осмон

Ҷуръаяке, ки кард нӯш.

Мисли ҳамин хамир ҳам

Медамад аз хамири турш.

Шеъри ту низ, Ҳофизо,

Сар — сари рӯҳи мо парад.

Қул — қули бодаат маро

Бар ҳарами Худо барад.

## СУХАНПАРДОЗӢ ВА ПАЙКАРАСОЗӢ

Юнониe, ки аз гил
Тимсоли бемасал сохт,
Сад ҷону дил тапишро
Дар сунъи хеш андохт.

Рафтам, ки сар гузорам
Пеши Фуроти зебо.
Бо панҷаам навозам
Амвоҷи пасту боло.

Аз васли мову дарё
Рӯяд ҳуруфи нодир.
Ҳар қатра ҳам шавад шеър
Дар дасти поки шоир.

ҶАСОРАТ

Оқибат фасли ғусса мегузарад,

Мерасад рӯзи нав чу пайки шифо.

Дар кушо, дар кушо ба шодиву ғам,

Ки туро медиҳад паёми бақо.

Пеш рав, ҳақнаварди ҷодаи нур,

Садди раҳро шикан, ту, эй собир.

То биёиву хониву гузарӣ,

Зиндагӣ боядат, бизӣ, шоир.

Ҳар хушу нохуше, ки меояд,

Гарчи раҳ мебарад ба ҷавҳари ту,

Шоиро, нӯшдоруи худ бош,

Зинда бодо дили музаффари ту.

НАЙШАКАР

Найшакар ҳам, ки шарофатбахш аст,

З-ӯ ҷахонро ту шакарогин кун.

Қалами ман, ту, ки аз найшакарӣ,

Бо сухан коми ҳама ширин кун!

## Аз «Ҳофизнома»

### ФАТВО

Чеҳраи шоиронаи Ҳофиз
Рӯшан аз партави ҳақиқат шуд.
Гаҳ-гаҳ аммо ҳамин вуҷуди шариф
Хориҷ аз ҷадвали шариат шуд.

Эй дили рострав, муҳаққиқ бош,
Фарқ кун заҳри морро зи асал,
Нашъаи кофаронаро бигзор,
Лаззати пок ҷӯ зи ишқи азал.

Гар биёбӣ саодати улвӣ,
Роҳи ту то абад шафақзор аст.
Менависад Абӯсууди ҳаким:
«Гунаҳ аз мову авф аз ёр аст».

Боз барои Ҳофиз

Ҳофиз, баробари ту касе нест, нест, нест,

То ту басе раҳ аст, ки рафтан наметавон.

Рӯ-рӯи мавҷ бол занад чун парандае

Як бодбони пар-пара дар баҳри бекарон.

Чусту сабук шитоб кунад бодбони мо,

Ҳамвору тезпар.

Тӯфон агар ниҳеб кунад, ҳар сафинаро

Марг ояду хатар.

Оре, уқоби шеъри ту ҳам оташинпар аст,

Шеъри шаразамир.

Як баҳрро ба гулхани сӯзон бадал кунад,

Сӯзам мани ҳақир.

Аммо бимон, ки боз сар афрозаму тапам

Гарчи, гудозиям.

Дар пойтахти хеш, таҳи офтоби ринд

Ҳамвора ишқ варзаму хонам, чу ту зиям.

Аз «ИШҚНОМА»

Дар ҳамин ҷилди танг ғунҷида
Даста – даста таронаи озод.
Баҳри парвози ҳар чакомаи сабз
Танг шуд, танг осмони кушод.

Вақт – тобутсози аҳли башар
Лол монд аз хурӯши тундари шеър.
Ҳамчунон ишқ зинда хоҳад буд
Раҳ ба раҳ то ҳамеша дафтари шеър.

ТАСКИНИ БЕБАРОР

Шабошаб гиря кардам, нола кардам,
Ки бе ту зиндагонӣ тангам омад.
Шабаҳҳои шаб аз раҳ чун расиданд,
Аз ин бечоранолӣ нангам омад.

Нидо кардам, ки, узр, оҳ, эй шабаҳҳо,
Ки натвонам сиришкамро нуҳуфта.
Ҳамонам ман, ки дар рахти рафоҳат
Ҳамеша дидаед ором хуфта.

Наям аз ҳадяҳои эзидӣ шод,
Ки омад бохт ҳам аз пешу аз пас.
Мапиндоред аблаҳ фозилеро,
Ҳаминро аз шумо мехоҳаму бас.

… Гузаштанд он шабаҳҳо аз бари ман
Шигифтолуда аз ин ҳарфи ботил.
Басе бефарқ буд аз баҳри эшон,
Ки ман сахт аблаҳам ё сахт оқил.

ДУРУД

Хушбахтам аз ин сулуку сайри зебо

Дар кишвари Ҳудҳуд, андар ин мазҳари пок.

Ҷӯям зи хутути сангҳо нақши садаф

Аз баҳри қадимае, ки гум шуд таҳи хок.

Дар ин раҳу рӯ Ҳудҳуди мо дошт гузар,

Бо тоҷи ҷаҳонфурӯзу бо шавкату фар.

Аз бобати рафтагон ҳикоят мекард

Бас нозуку бас зариф он тозаҳунар.

Гуфтам, ки дуруд, Ҳудҳуди фаррухпайк,

Эй рафта ба авҷи рифъату зебоӣ.

Парвоз бикун ба хидмати дилбари ман,

Баргӯй ба ӯ, ки як ту ёри моӣ.

Баргӯй ба ӯ, ки то қиёмат дили ман

Вопас наравад зи ҷодаи меҳру вафо.

Эй Ҳудҳуди ҷон, сафирам имрӯз ту бош,

Эй пайки муҳаббати Сулаймон ба Сабо.

НОГУЗИР

Мурғи озоди чаманпайморо
Кӣ тавонад, ки зи чаҳ-чаҳ дорад.
Таҳи миқрози ту, эй пашмтарош,
Бараҳоро кӣ тапиш нагзорад.

Ҷои шукр аст, на ҷои ранҷиш,
Гар бурад зулфи маро мӯпиро.
Ранҷам он гоҳ, ки машшотаи ҳусн
Мекунад тарҳи маро нозебо .

Кӣ диҳад амр, ки, бас, нағма нахон,
Эй дили парзада то авҷи кабуд.
Ёр, эй ёр, чӣ кардӣ бо ман,
Ёр, эй ёр, чӣ кардӣ бо худ.

НУҲУФТА

Халқе забон кушода
Бар шарҳи ҳар нигоҳат.
Танҳо марост хоно
Чашми суханпаноҳат.

Чашми ту гӯяд: Эй халқ,
Ин аст ёри якто.
Бигзор баҳсу ғайбат,
Ишқи маро маёло.

Дар чашми туст бедор
Ин хоҳиши шарарбор:
Кай мешавад муяссар
Моро нишоти дидор.

Аз «КИТОБИ АНДЕШАҲО»

Он чӣ аз «Пандномa» меёбӣ,

Сабт кун, сабт дар ҷаридаи ҷон.

Ҳар насиҳатниюши содикро

Бар саропардаи муҳаббат хон.

Зар наандӯз то дами мурдан,

Ҳар касе хайр кард, пирӯз аст.

Аз ҳама рӯзҳои бохтаат

Алҳақ, имрӯз беҳтарин рӯз аст.

Пок будам, лек мӯҳточ,

Давлатам кай дастрас буд.

Ранҷ бурдам, ганҷ н-омад,

Интизориям абас буд.

Зистам беқадру қиммат.

Бесаодат, ногуворо.

Гуфтам, инак, дузд бошам,

Лек бошам сахт доро.

Бо раҳи дуздӣ фурӯ рехт

Бар сарам сад наҳсборон.

Сахт ҳам бошад, аз ин пас

Беҳ, ки бошам тозаимон.

Аз куҷо омадаам, ҳеҷ надонам зи куҷо,

Лаҳзаи омаданам монда паси беёдӣ.

Ҳолиё ҳастаму ин рӯзи ҳумоюни баҳор

Мисли ду дӯст ба ҳам омада ишқу шодӣ.

Шодбахт он, ки дар ӯ ин ду нафар пайвандад,

Дар як ӯ гиря кунад ин яку он як хандад.

* * *

Ин мегузарад, яки дигар меояд,

Он меравад-у ҳамерасад они дигар.

Камдил нашаву далер бигзор қадам

Аз байни ҳаёҳӯгаҳи бозори башар.

* * *

Зан аз паҳлӯ- чап шуд офарида,

Аз ин рӯ бомурувват бош бо ӯ.

Ҳамонеро, ки Эзид кач сиришта,

Ту чунаш рост созӣ, бо чӣ нерӯ?!

Шавад качтар, чу бар ҳолаш гузорӣ,

Хам орӣ, бишканад он сарви гулшан.

Ало Одам, чунин «Ҳур» — ат, ки доданд,

Мурувват кун, на хам овар, на бишкан.

Биштоб ба сӯҳбати ҳакиме,

К-ӯ маҳмили илму фазл ронад.

Чун захми дилат ба ӯ намоӣ,

ӯ дарди туро беҳ аз ту донад.

Бар мағзи ту бингарад, на бар пӯст,

Бишнав суханаш, ки нӯшдоруст.

ЗУЛАЙХО

Руҷӯъ:

Агарчи ман дар оина париям,

Ту гӯӣ: Нест пирият паси Қоф,

Худо берун зи пириву ҷавонист,

Худоро ёб дар ҳар тарҳи шаффоф.

* * *

Дареғам нест, гар бахшам дубора

Нигорамро Самарқанду Бухоро.

Бад – ин сон тӯҳфаи касношунида

Кунам сад шӯру сад ҳангома барпо.

Куҷо диди, ки султоневу шоҳе

Замин мебахшад аз ҷӯши саховат.

Зи ман доротару донотар аст ӯ,

Вале сифр аст дар илми муҳаббат.

Сахое инчунин кори шаҳон нест,

Набошад саҳл шаҳре ҳадя кардан.

Ҳамин сон – қаҳрамониро тавонад

Гадои ошиқе, яъне фақат ман.

Нав ба нав вазн, ки ёбӣ, чӣ накӯст,

Пас бифармо, ба навиштан пардоз.

Лек фардо ба дили халқ занад

Ин ҳама суратаки беэъҷоз.

Пас ҳамин беҳ, ки ту, эй тозанигор,

Раҳ ба раҳ нав бикунӣ шеваи пор.

## АЗ «ШИКОЯТНОМА»

Чун ба маънии воҷа андешем,
Буд Маҷнун ҷавони девона.
Гар ниҳам номи хешро Маҷнун,
Мепазиред узри ман ё на.

Ростӣ, ман чу пуштибони шумо
Омадам бо силоҳи хасмшикан.
Пас нагӯед, ин ҷунунманд аст,
Банду занҷир боядаш кардан.

Ҳар куҷоест суди беинсоф,
Фазлу покӣ шавад таҳи зиндон.
Хомушии шумо шуморо ҳам
Кушад охир чу газнаи сӯзон.

Маҷӯ, он чӣ ба ҷустан менаёбӣ,

Дареғ аз он, ки бе нусрат абас ҷуст.

Агарчи чарх каҷроҳ асту каҷрав,

Вале имрӯзи моро ҳамқадам ӯст.

На бо кӯшиш, на бо хоҳиш магар ланг

Тавонад буд бо тақвим ҳамгом.

Ҳар он чӣ хостӣ вақти ҷавонӣ,

Туро бахшад Худо дар фасли фарҷом.

Чашми раҳбурда зи маҷро наканӣ,

Ки накӯӣ ба куҷо хоҳад рафт.

Резаи нон, ки ба дарё фиканӣ,

Гӯ, ки бар коми киҳо хоҳад рафт?

*****

Бечароғ аст шабу ҳаст фақат нури Худо,

Кош, як пайса аз он нур расад бар дили мо.

* * *

Ин фавҷ – фавҷи мардум садранга асту садбӯст,

Дар гирди хони Эзид ҳам душман аст, ҳам дӯст.

* * *

То чанд аз хасисии ман мезанед ҷор,

Чун дастмоя нест, чиро мекунам нисор?

* * *

То назду дур дар назарат ояд,

Аввал ба бом бар шуданат бояд.

* * *

Ҳар кас, ки хамӯш аст, амон монд, амон,

Худро ба таҳи забони худ кард ниҳон.

Ҷуз аблаҳӣ набвад агар ҳар фард дар ҳар бобате

Дар мағзи коҳил парварад андешаҳои хурд, хурд.

Маънии ислом аз азал хидмат ба Аллоҳ асту бас,

Бояст дар ислом зист, бояст дар ислом мурд.

* * *

Бар олами Миёназамин омад

Дунёи Шарқ бо қадами масъуд.

Он к-ӯ наёфт маънии Ҳофизро,

Бо Калдерон ҳам унс нахоҳад буд.

* * *

Гарчи то Макка ҳам кушояд пар,

Хари Исо хар аст, ҳеҷ дигар.

* * *

Гар ту дурӣ аз нигори меҳрубон

Ҳамчу Ғарб аз Шарқи хуршедошён.

Ошиқонро дурии раҳ хеҷ нест,

Баски дар як лаҳза ё камтар аз он

Ишқ то Бағдод ояд парзанон.

* * *

Эй ки дурӣ, дар ҳарими ҷон бимон,

Нав ба нав деҳ ранҷи бепоён, бимон.

Рафтиву шаш сӯ пур аз овози туст,

Ишқ, бо ман бошу ҷовидон бимон!

Аз «СОҚИНОМА»

Менишинам яккаву танҳо,

Хоҷаи хешам.

Бода менӯшам

дар ин хомӯшии ширину зебо.

Не халал орам ба кас,

не кас халал орад ба ман,

Менишинам

дар талотумхонаи андешаҳои хештан.

Аз «МАСАЛНОМА»

Қатрае афтод бар қаър аз фароз,
Бод омад, зеру рӯ шуд мавҷи об.
Чун Худо ҷӯши ниҳони қатра дид,
Дод он пояндаҷонро обутоб.

Моҳи найсон қатраи бедордил
Зиндагонӣ кард дар ҷилди садаф.
Чун гуҳар шуд, ханда зад дар тоҷи шоҳ,
Рӯнамои иззату шаъну шараф.

* * *

Гулбонги булбул аз сари баргистон

Бар гӯши Ҳақ расид басе ширин.

Бар шодбоди чаҳ-чаҳи улвияш

Бахшид Холиқаш қафаси заррин.

* * *

Ҷисм аст, ҷисм он қафаси зебо,

Аз ин қафас чӣ гуна кунам парвоз.

Аммо ҳанӯз ҷони сароянда

Он сон, ки дӯш хонд, бихонад боз.

УМЕДВОРИ МӮЪҶИЗА

Шикастам соғари зеботаринро,
Дареғ аз соғари хуршедвора.
Чӣ лоқайду лаванду сактакорам,
Дилам ҳам чун қадаҳ шуд пора-пора.

Сари ҳар пора бигристам, ки бо ашк
Шавад восил ба ҳам ҷоми ҳуҷаста.
Худо ҷоме дигар баҳрам фиристод,
Чу ҷоми аввал, аммо ношикаста.

Аз «ФОРСИНОМА»

Одамон гӯянд шукри офтоб,

Шукри хоку токзори пурсурур.

Шаддаи ангурро ошиқ шаванд,

Чун бурандаш, мечакад ашки булӯр.

Ҳар гаҳ ангури расида дар тамуз

Май шавад, оташ занад дар баҳру бар.

Ҳам диҳад ангезаи эҳсоси нав,

Ҳам кунад маҳви ҳама чизи дигар.

Гарчи аз арш офтоби арғувон

Бар ҳама бошад баробар худнисор.

Лек он як офтобинағма аст

В- он дигарро ҳарф бошад бешарор.

ПАДРУД

Таронаҳои ман, таронаҳои ман,
Ба фатҳи рӯҳи мардумон сафар кунед.
Таяммумам диҳед мисли Ҷабраил
Ба анбари биҳишту тозатар кунед.

Дубора рӯҳи хастаам ҷавон шавад,
Ки тешаи гарон наафтадам зи даст.
Баҳодурона санг барканам зи кӯҳ,
Фурӯғ ёбаму футӯҳи бешикаст.

Раҳи ба раҳ зи ҳар канору ҳар диёр
Зи аҳли кибриё бисозам анҷуман.
Диҳам ҳаётро идома дар биҳишт,
Барам таронаро ба вусъати чаман.

Дар он ҷаҳон, ки зинда шуд ба бӯи шеър,
Ба халқ оварам нишоти беадад.
Бимон, ки сагча ҳам давад зи пушти сайд,
Ба ав-аваш диҳад давом то абад.

# Александр Пушкин

# ИҚТИДО БА ҚУРЪОН

Эҳдо ба П.А. Осипова

1

Қасам ба ҷуфту тоқ,
Қасам ба ханҷару ғазо қасам.
Қасам ба кавкаби саҳар
Ва бар намози шому партави дуъо қасам.

Бидон, ки ҳеч тарки ту накардаам,
Киро, бигӯ, киро нишондаам ба сояи рафоҳ.
Киро, киро ҳабиби хеш хондаам,
Киро зи теғи хасм додаам паноҳ.

Кӣ буд обро расонда бар наҷоти ту
Гаҳе, ки сӯхтӣ зи тасфи дашти ташнаҷон.
Кӣ буд он ки дод бар забони офтобият
Тавони фатҳи рӯҳҳои бекарон.

Ту ҳам муаззамона решаи риё бикан,
Ба роҳи ҳақ, ки меравӣ, давом деҳ.

Ятимпарвару башарнавози ман,

Ба халқ аз китоби ман паём деҳ.

П

Эй занон, эй занони поки набӣ,

Аз ҳама бонувон чӣ мумтозед.

Дур аз камтарин ғубори гуноҳ

Хоксорона зиндагисозед.

Сидқ афканда дар вуҷуди шумо

Чодари поки духтари мастур.

Ки фақат бар навозиши шаръӣ

Додаед аз барои худ дастур.

Ин мабодо, ки чашми бетоат

Бибарад аз рухи шумо лаззат.

Дил зи хони Муҳаммад афрӯзед,

Эй, Шумо, қосидону меҳмонон.

Нагузоред дар паямбари ман

Ҳеч гарде зи гирудори ҷаҳон.

Бо газофу ҳуруфи тӯлонӣ

Нафароредаш аз сууди хаёл.

Саҷда ореду умматӣ бикунед

Бо адаб, бо фурӯғи неки хисол.

Шукр гӯед аз барои қабул

Ба канизони навҷавони расул.

III

Афтод дар абрӯи набӣ банди гираҳ,

Чун дид, ки мерасад зи раҳ бебасаре.

Он кӯр давон гузашт дар пардаи ҷурм

Раҳгумзада дар иҳотаи бехабарӣ.

Дастур расидат аз китоби аршӣ,

Эй пайкрасон, на баҳри печидасарон.

Маҷбур масоз кӯрботинҳоро,

Бар ҳар кӣ пазирост, бубахшо Қуръон.

Аз баҳри чӣ одам ин қадар менозад,

Бо он ки бараҳна бар ҷаҳон омадааст.

Бо он ки ҳақиру нотавон хоҳад рафт

Он гуна, ки сахт нотавон омадааст.

Бо он ки набуда дар салоҳияти ӯ

Паҷмурдану бори дигар эҳё шуданаш.

Бо он ки ииродаи Худо бошаду бас

Андӯҳу нишоташ, гуму пайдо шуданаш.

Бо он ки зи сӯи Розиқ ӯро омад

Ҳам меваю нон, ҳам рутабу ҳам зайтун.

Подоши талошу заҳматаш ӯро дод

Саҳрои самарнисору боғу ҳомун.

Аммо чу малак ду бор бинвозад сур,

Бо ваҳшати беифода таркад тундар.

Он лаҳза бародар аз бародар бирамад,

Он лаҳза писар раҳо шавад аз модар.

Он ҷумлаи худбохта аз даҳшату бим

Ҷорӣ бишаванд як ба як сӯи Худо.

Афканда шаванд сифлаву нопокон

Печида ба гарду оташи Рӯзи ҷазо.

IV

Паҳлавоне хост дар аҳди қадим

Бо саре пурбоду бо кибре азим

Бо ту ҳамсабқат шавад, эй Кирдигор,

Ту вале кардӣ нидо: Эй ҳечкор!

Ман ба дунё зиндагӣ кардам ато,

Маргро ҳам додаам мисли ҷазо.

Ҳарду олам ҳаст дар фармони ман,

Гурд гуфто: Пас туӣ ҳамсони ман.

Чун ту ман ҳам зиндагӣ эҳдо кунам

Ё чу ту теғи аҷал боло кунам.

Лек ногаҳ он ғурури ман-манӣ

Пора шуд аз бонги анҷумафкане:

«Офтоб аз шарқи ман шуд раҳгузор,

Гар тавонӣ, ту зи ғарб онро барор!»

V

Намеҷунбад замин. Сақфи фалакро

Ба рӯи каф нигаҳдорандаӣ ту.

Дар обу хушкиву дар рӯи мо ҳам

Намеафтад зи боло сақфи нуҳту.

Туӣ, ту офтобафрӯзи якто

Бад-он нури фалаксайру заминбӯс.

Зағири равғаномез аст хуршед,

Ки рахшад дар булӯри поки фонус.

Худоро, як Худоро саҷда оред,

Ки боду хокро як ӯст сарвар.

Фиристад абрро дар рӯзи гармо,

Барорад нахлҳои соягустар.

Зи лутфи эзидӣ баҳри Муҳаммад

Чу Қуръон омаду анвори раҳмат,

Туву ман ҳам парем охир сӯи нур,

Фитад аз чашми мо сад парда ғафлат.

VI

Ман шуморо дидаам дар хобҳоям
Мӯтарошида миёни корзоре.
Ханҷари хунин ба каф рӯи маноре,
Сар-сари девор ё дар ҷӯйборе.

Гӯш андозед бар гулбонги даъват,
Эй писарҳои биёбонҳои сӯзон.
Ҳар ғаниматро ба ҳам тақсим созед
З-он канизони ҷавону дурру марҷон.

Аҳсан, аҳсан, бар Шумо, эй аҳли нусрат,
Камдилонро лек сад ҳайфу тамасхур.
Баски бар роҳи ғазо худро набурданд
Фатҳро нокарда боре ҳам тасаввур.

Инак, огаҳ аз ғаниматҳои пайкор
Бо пушаймонӣ диҳанд овои ҳоҷот:
– Баъд аз ин моро ба сафҳотон пазиред,
Лек дар посух шумо гӯед: – ҳайҳот.

В-он шаҳидон низ ғарқи нури раҳмат
Ошён карданд дар айвони минӯ.
Ғутавар дар лаззати беинтиҳоӣ,
Шодком аз неъмати алвони минӯ.

VII

Бархез, эй рамида,

Дар ғор, ғори мастур.

Фонуси лоъязолӣ

То субҳ метанад нур.

Аз тирагии кобус,

Аз ҳузну безиёӣ.

Бо партави ниёиш,

Пайғамбаро, раҳоӣ.

Маҳви фурӯғи таслим

Шаб то саҳар дуъо хон.

Бикшо китоби аршӣ:

То субҳ сураҳо хон!

VIII

Бар гадоён гар каримӣ мекунӣ,

Бо ғаразмандӣ макун хайру сахо.

Чун ато аслан зи гардун мерасад,

Мисли дашти борвар, рӯзи ҷазо

Бар ту, эй деҳқон, Худо бахшад самар

Он замон сад бору аз он бештар.

Чун гадоеро дирам бахшиву баъд

Оядат ҳайфу дареғ аз он нисор,

Дасти камбахшандаро гар бифшурӣ,

Пас бидон, хайри туро Парвардагор

Дар замон ботил кунад, эй чашмтанг,

Мисли бороне, ки шӯяд гарди санг.

IX

Раҳнаварде хаста менолид рӯ сӯи Худо

Дар суроғи қатраи обеву нахли барҳаво.

Се шабу се рӯз раҳгум зад биёбонгарди зор

Бенафас аз сӯзи гармо, сарфурӯ зери ғубор.

Бо камоли ноумедӣ буд ҷӯё роҳро,

Дид ногаҳ нахлро в-андар таҳи он чоҳро.

Шодмон ӯ гом зад бар самти он танҳошаҷар,

То фурӯ биншонд бо оби бақо сӯзи ҷигар.

Об зад бар чашму рухсору забони оташин,

Хуфт в-он гаҳ дар канори маркаби худ. Бо ҳамин

Солҳо рафтанд аз фарқи сари ӯ паркашон

Бо тақозойи шаҳаншоҳи замину осмон.

Даррасид охир гаҳи бедории он раҳнавард,

Хест аз ҷову ҳамон дам ҳотифаш овоз кард:

«Дар биёбон ин қадар ҳам хуфтаӣ дурудароз»,

Гуфт он раҳрав, ки – Оре, офтоб омад фароз.

Лаҳзаи хобидани ман буд вақти бомдод,

Хуфтаам аз субҳ то субҳе. Бале, хеле зиёд.

Лек ҳотиф гуфт: Хеле бештар рафтӣ ба хоб,

Солхӯрда хестӣ, эй хуфта дар айни шабоб.

Нахл кайҳо мурду дар фирдавс бигзид ошён,

Чоҳ ҳам дар ин биёбон хушк шуд то ин замон.

Устухони маркабатро реги ҳомун пош дод,

Дар баҳои хоб гардунат чунин подош дод.

Сар фиканд он пирамард аз ғояти дарду алам,

Дастҳо ларзандаву дил аз азият сад қалам.

Мӯъҷиза ногаҳ падид омад дар он дашти тиҳӣ,

Рӯзгори рафта эҳё шуд ба хубиву беҳӣ.

Бори дигар сар кашид он нахли сабзи соявар,

Бори дигар об гуфт аз зери чаҳ пайғоми тар.

Устухони кӯҳнаи маркаб дубора васл шуд,

Бар қабои тан даромад, боз ранги асл шуд.

Шодиву нерӯ зи нав омад ба ҷони раҳгузор,

Навҷавонӣ хуни ӯро кард гарму беқарор.

Тӯшааш буд орзуву ишқу сӯзи нотамом,

Ёфт бо фармони Раббил-оламин роҳаш давом.

# Анна Ахмадова

Гӯр кун, гӯр кун маро,эй бод,

Мурдаму н-омаданд хешонам.

Шоми гумроҳ хайма густурда

Бар сари хоки сарди беҷонам.

Зиндагидӯст будаму ошиқ,

Чун ту вораставу чу ту сармаст.

Мурдаам сард гашту пилкамро

Кӣ бипӯшад кунун, кадомин даст.

Инак,ин захми тирафоми маро

Бо ҳарири сиёҳи шом бипӯш.

Тумани нилгун,бигӯ,хонад

Дар сарам ояҳо хамӯш –хамӯш.

То ки осон равам мани танҳо

Ҷониби хоб, хоби ҷовидон.

Баъд бо лаҳни сабзи найшакаре

Аз баҳор,аз баҳори дӯшин хон.

1909

Хира мешавад дар дил ёди рӯшани хуршед,

Сабза зарду камҷон аст.

Бод мекунад барчош бӯи барфи аввалро,

Бод гирдгардон аст.

Об дар каналҳо шуд бесадову бемаҷро,

Оби коҳилу сокит.

На,дар ин маҳал ҳаргиз мӯъҷиза нахоҳад шуд,

Собит аст ин, собит.

Пар –пари ҳарирашро дар самои сардоғӯш

Мушкбед бикшояд.

Ин ки ман нагардидам ҳамсари Шумо, хайр аст,

Ин салоҳ буд шояд.

Хира мешавад дар дил ёди рӯшани хуршед,

Тирагӣ кай омад,кай.

Балки тунд меояд бо раҳи маҷозу асл

Дар давоми як шаб дай.

1911

Нағмаи содаву нуронии ишқ

Фатҳи дилҳо бикунад бо афсун.

Аҷаб ин ки ту набудӣ дирӯз

Инчунин мӯйсафеду маҳзун.

Ишқ дар вусъати боғу саҳро,

Ишқ дар хонаи ту механдид.

Ту раҳо будию озоднафас,

Фарруху покраву тозанавид.

Баски афюни муҳаббат хӯрдӣ,

Рӯшанӣ ёфтиву рӯҳу равон.

Дӯш дар чашми муҳаббатасарат

Буд ҳар наҷм бузургу тобон.

Сабзаҳо атри дигар мекарданд,

Сабзаҳои обон.

1911

Васли ду дил ҷовидонӣ нест, нест,

Гар ту мехоҳӣ,бирав, аз ман бирав.

Баҳри ҳар вораставу озодгард

Роҳи нав пеш оварад тавфиқи нав.

Ман намегирям, наменолам дигар,

Бахтро дигар намегӯям, биё.

Хастаам, бо бӯса таскинам мадеҳ,

Инак, инак,марг мебӯсад маро.

Рӯзгори сӯзу сози ман гузашт,

Як зимистон аз ғамат ларзидаам.

Фош баргӯ, ту, чаро ту, маҳз ту

Бартарӣ аз он ки ман бигзидаам.

1911

Бехобӣ

Зи дур нолаи шабгири гурбаҳо ояд
Ва ҳам садои қадамҳои тезу тундгузар.
Маро чӣ нағз каломи ту алла мегӯяд:
Се маҳ гузашт,ки хобам намебарад яксар.

Ту боз омадаӣ чун ҳамеша, бехобӣ,
Дубора омадаӣ бо лиқои беҳаракот.
Парирухо, қадамат гарчи сахт мамнӯъ аст,
Шунав, ки баҳри ту мехонам ин суруди ҳаёт.

Бубин таровиши нилии нимторикӣ,
Гирифта дидаи тирезаро паранди сафед.
Дилам зи муҷдаи дуре магар тасалло ёфт,
Ки бо ту ёфтам оромиш, эй фурӯғи умед.

1912

Ба Н.Р.

Дар кифам дафтару китобу қалам
Аз дабистон ба хона мерафтам.
Зинда дар хотироти зирфунҳост,
Ёри шӯх, он чӣ бо ту мегуфтам.

Қуяки нимранги пешин ҳам
Ҳолиё ёфтаст фарру шукӯҳ.
Лек дар зиндагиву шеваи ман
Соя афтод, сояи андӯҳ.

1912

Аз куҷо тори нуқрагун пайваст

Ба сафи мӯи тирафоми ман.

Як тӯӣ, андалеби беовоз,

Огаҳ аз сӯзи нотамоми ман.

Нағамоти каронаҳои дур

Аз кӣ меорадат навид, навид.

Мерасад як суруди бегона

Аз паси навдаҳои нозуки бед.

Дар бари мову ту ҳамин дирӯз

Метапиданд ин сафедорон.

Ишқ зангӯла мезаду мехонд

Дар дили ту нишоти бепоён.

1912

Аз хонаи сафеду шакарбоғи сабзи ту
Рафтам,ки зиндагӣ бишавад поку навдуруд.
Дигар фақат ба шеъру сухан менавозамат
Он сон ки ҳеҷ зан натавонад туро сутуд.

Андар биҳишти козиби хешофаридаат
Ёде кун аз азизтарин ёри ошно.
Ман лек моли нодира хоҳам фурӯхтан,
Ишқи турову меҳри туро мекунам баҳо.
1913

Бо ту, эй шӯхписар, май нахурам,

Сабабаш чист, агар мепурсӣ,

Баски маҳтобшабон расми шумост

Бо ҳама, бо ҳама бӯсобӯсӣ.

Лек маъвои ман, ин саъдмакон

Поку полуда зи анвори Ҳудост.

Амр омад, ки ду чашми тобон

Хами миҷгон накунад сӯи ту рост.

1913

8 ноябри соли 1913

Хонаро оинабандон кард-
Офтоб имрӯз хандонрӯст.
Чун кушодам чашм, ёд омад,
Ҷони ман, имрӯз ҷашни туст.

З-ин сабаб дар барф ҳам тасфид
Пушти шиша дурдасти субҳ.
З-ин сабаб бедорхобона
Хуфта будам беғашу беқубҳ.

1913

Ман таваллуд шудам на зуд,на дер,

Балки дар рӯзи беҳтарини Худо.

Лек Парвардагор хостааст,

Ки чашам ҷовидона таъми риё.

З-ин сабаб субҳ ҳам сияҳфом аст,

З-ин сабаб дӯстон ғамолуда

Мисли мурғони шом мехонанд

Нағмаҳое зи ишқи нобуда.

1913

Овах̣, андар шаҳри бемонанди Петр

Рӯзи сарде буд,ёдаш шод бод.

Бол мезад гулхани сурхи ғуруб,

Тирагӣ оҳиста мафраш мекушод.

Оҳ, бигзор ӯ нахоҳад бингарад

Сӯи чашми содиқу ғайбошно.

Пас тамоми умр ҷӯяд нақши шеър,

Ояи лабҳои мағрури маро.

1913

Инак, салом, мешунавӣ ҷунбиши сабук

Дар як канори миз.

Ин ҳарфро намешавад ирсол карданам,

Пеши ту омадам,

Пеши ту, эй азиз.

Охир мабод боз азият диҳӣ маро

Чун дафъаҳои пеш.

Гӯӣ, ки дастҳои ту манзури дида нест,

Чашми туро нахондаам уммеди чашми хеш.

Дар хонаи ту рӯшанӣ ором мезияд,

Дигар маро нарон

Бар он макони наҳс, ки зери пули касиф

Ларзад зи сардӣ оби ғашолуди мурдаҷон.

1913

Ба Александр Блок

Нимарӯзи мунири якшанбе
Омадам ман ба хонаи шоир.
Хонае буд дилкашу тоҳир,
Дар паси шиша дай фиғон мекард.

Менамуд офтоби сурхлиқо
Дуди ҷӯлидамӯйро оғӯш.
Соҳиби хона сокиту хомӯш
Сӯи ман беғубор менигарист.

Чашмҳояш чӣ чашмҳо буданд,
Чашми ӯро чӣ сон сифот кунам.
Беҳ, ки худро ман эҳтиёт кунам –
Ҳеҷ гаҳ нангарам ба дидаи ӯ.

Лек аз он нимарӯзи якшанбе
Монд дар ёд сӯҳбати масъуд.
Андар он хонаи баланди кабуд
Пеши дарҳои баҳрии Нева.

Январи 1914

Нидо мадеҳ, ки хушам н-ояд,

Наем мову ту дар ҷангал.

Ба алла гуфтани имонам

Биё, масоз маро маътал.

Ту ҳалқабанди ғами хешӣ,

Ту бо зани дигарӣ ҳамдӯш.

Баҳори навдами Петербург

Ба чашми ман нигарад хомӯш.

Таби шабам диҳаду сурфа,

Маро кушад ба ҳамин шева.

Равон шавад таҳи ҳаври нарм

Кунун дубора яхи Нева.

1914

Хона холӣ шуд аз амвоҷи садо,

Охирин лолаарӯсак паҷмурд.

Дар дили хастаи афзунхобам

Зулмат омад, нафасашро густурд.

Шоми торику шамоле ором,

Сахт қулф аст дари беово.

На нишоте,на ғаму ташвише,

Кадхудоё, ту куҷой, ту куҷо.

Ҳар қадар сабр,ки кардам, н-омад

Бар ман аз ғайб нигини пинҳон.

Шеъри ман мисли парирӯи асир

Мурд дар кунҷи қафас боармон.

1914

Ҷудоӣ

Пеши ман боз мешавад раҳи нав,

Роҳи хамхурда бар нишебии шом.

Ёр дирӯзакак нидо мекард:

Ёд кун,ёд кун, мудом, мудом

Ҳолиё бод монда, боди ғариб

Ва ҳаёҳӯи дури чӯпонон.

Дар бари чашмасори оиначашм

Чанд ҷалғӯзаест пурҳаяҷон.

1914

Кӣ рухсат дод,рӯи Нева бинӣ,

Кӣ ҷуръат дод, дар пул по гузорӣ.

Аз он ман шӯҳраам дар илми андӯҳ,

Ки дидам чеҳраи поки ту боре.

Малакҳои сияҳ миқрозболанд,

Чӣ чора, анқариб аст охирин суд.

Ва чун садбарг гулханҳои қирмиз

Биханданд аз дили барфи таболуд.

1914

Аз Худо шӯҳрат намехоҳам,

Хастаам аз шӯҳрати бодӣ.

Ман барои ошиқони худ

Бахт меовардаму шодӣ.

Ҳолиё як тан зи ёрон гашт

Бо зани худ ошиқи печон.

Ҳайкали сарди биринҷӣ шуд

Дигаре дар гӯшаи майдон.

1914

Оҳ,он малак, ки субҳи зимистонӣ

Мову туро никоҳи ниҳон карда.

Бар зиндагии беғами мо аз арш

Амвоҷи поки нур равон карда.

З-ин рӯ ману ту ошиқи афлокем,

Мафтуни боди тозаи атрогин.

Масти фурӯғи шохаи шомоғӯш

Дар он канори панҷараи рӯин.

З-ин рӯ ҳамеша мову ту дил бастем

Бар шаҳр,шаҳри тираваши сероб.

Сад шукр, шукри ҳаҷри чунин бисёр,

Сад шукр, шукри васли чунин камёб.

1914

Ҳоло,ки шом лағҷад дар боғ, боғи соҳил,

Фонусҳо раҳораҳ резанд партави зард.

Ҳоло, ки гаштам ором,бо ман сухан нагӯед,

Ангезае набахшед аз нав ба решаи дард.

Эй меҳрубону содиқ,мову ту низ бигзор,

Бо бӯсу шодмонӣ гардем оқибат пир.

В-ин моҳҳои гардон чун кавкабони барфӣ

Парранд дар сари мо чун номаҳои тақдир.

1914

Чун наварӯс гирам

Ҳар рӯз нома аз ёр.

Ҳар нимашаб нависам

Посух ба номи дилдор.

Ман меҳмони маргам

Дар роҳи зулматоғӯш.

Бар ҳеҷ кас макун бад,

Эй ёри субҳбардӯш.

Рахшад миёни ду тан

Як наҷми бошаҳомат.

Кош, ин ситора созад

Хоби маро ҳақиқат.

1915

Хювинккя

На асрорҳову на озорҳо,

На фармуди пурҳикмати сарнавишт.

Ниҳодаст осори пайкорҳо

Мулоқоти ту дар дилу дар сиришт.

Нафас бар нафас мезадам ҳар саҳар,

Ки ту медарои̣ ҳамин дам зи дар.

Зи ангезаи шавқ мешуд маро

Табу ларзиши дастҳо бештар.

Ва ман суфраи рангаи мизро

Таҳи панҷа афшурда будам ҳазин.

Ҳамон лаҳза эҳсос бинмудаам,

Ки хурд аст, бисёр хурд ин замин.

1915

Густурда бисоти зардро партави шом,

Сардии ҳарир метанад фарвардин.

Ҳарчанд,ки дер кардаӣ чандин сол,

Эй омада,марҳабо ,бифармо, биншин.

Биншин ба равоқи манзари дидаи ман,

Биншину ба шавқу шодии бепоён

Маҷмӯи сурудаҳои тифлии маро

З-ин дафтараки кабуди маъсум бихон.

Бахшой, ки бе ту ҷуфти ғамҳо будам,

Бе ту зи шафақ шарар набардоштаам.

То мақдами дери ту дигарҳоеро

Бахшо, бахшо, ки ман ту ангоштаам.

1915

9 декабри соли 1913

Рӯзони сиёҳи сол бояд
З-ин пас бишаванд саъду рӯшан.
Дар васфи лабони меҳрубонат
Ташбеҳи накӯ наёфтам ман.

Бар ман ту нигаҳ макун бад-он чашм,
Яъне набарор ҳукми эъдом.
Гарчи гули баҳман аст чашмат,
Бар ман бидиҳад навиди фарҷом.

Барф аз сари шохсор лағҷид,
Кофист,чӣ ҷои ҳарфу ово.
Дар соҳили рӯд дом густурд
Сайёди парандагир кайҳо.

1915

Ҷоизаӣ, ки омадӣ

Дар бадали азоби ман.

Баски тараб наҷустаам,

Ғофилам аз нишоти тан.

Баски нагуфтаам ба ёр,

Ошиқи тустам, бидон.

Баски сабук гузаштаам

Аз гунаҳи ҳама касон.

1916

Аввалин бор,ки дасти Эзид

Рехт дар чеҳраи ёрам партав.

Лаҳзае ранги рухаш канду сипас

Рафт бар хоби амиқ аз сари нав.

Бӯса пиндошт азизи хуфта

Гармии партави раббониро.

Оҳ, дерест, набӯсидам ман

Он лабу шонаву пешониро.

Дар сафарҳои ғамолудаи хеш

Ҳолиё мурдатар аз ҳар мафқуд

Бӯсамаш ҳамчу фурӯғи саҳарӣ,

Нозамаш бо нафаси дури суруд.

1916

Ман биянгорам, ин гӯше нашнавад

Лаҳни одамро дар ин маъвои танг.

Балки танҳо бод, боди асри санг

Мезанад дарвозаҳои тирарангг.

Пас биянгорам,ки зери осмон

Як мани миранда зинда мондаам.

Чунки беш аз дигарон бо ташнагӣ

Ман аҷалро ҷониби худ хондаам.

1917

Он замоне,ки ба гӯшаш бирасад

Хабари бемаҳали реҳлати ман,

На ҳазинтар шавад ӯву на матин,

Нимханде бикунад норӯшан.

Ёдаш ояд зи самои даймоҳ,

Соҳили Неваю бӯрони даванд.

Хӯрда буд ӯ ба нигори шарқӣ

Ба вафову ба ҳимоят савганд.

1917

Инак душанбе. Бисту якум.Фурсати шаб аст,

Дар ҳалқаи ғубор тапад тарҳи пойтахт.

Бекорае фасонаи садранга бофта,

Гӯё,ки ишқ ҳаст дар офоқи тирабахт.

Шояд зи коҳиливу зи дилгириву сукут

Бовар намудаанд ҳама бар вуҷуди ишқ.

Дар иштиёқи васлу зи сӯзу гудози ҳаҷр

Меофаранд тоза ба тоза суруди ишқ.

Аммо барои чанд нафар роз рӯшан аст,

З-ин рӯ ҳамеша маҳву хамӯшанду мустаманд.

Ногаҳ маро ҳам ин сири бинҳуфта фош шуд,

Ҳаққо,ки гаштаам ман аз он рӯз дардманд.

1917

Фохтакро гуфтам, эй куку, бигӯ,

Чанд соле мезиям дар ин саро .

Ларза дар фарқи санавбарҳо фитод,

Нури зарде рехт рӯи сабзаҳо.

Лек аз ҷангал садое барнахост,

Меравам бар хона-бар байтулҳазан.

Бод ,боди сард мемонад ба меҳр

Даст бар пешонии тафсони ман.

1919

Инак, ин баҳри нуқрафоми шимол,

Инак,ин сарҳади ғаму шӯҳрат.

Сар ба зонуйи ман ту мегирйӣ,

Ман надонам, зи бахт ё ҳасрат.

Хастаам аз чунин гирифторон,

Аз ғуломони пойбӯси начанд.

Хонаву хони худ кунам тақсим

Бо азизе муҳибу бемонанд.

1920

Зани Лут

*Зани Лут ба қафо нигарист ва ҳайкали намак шуд*

*Аз китоби «Инҷил»*

Қадам зад порсо аз пушти ҳотиф
Бузургу рӯшан аз фарқи сияҳкӯҳ.
Нигаҳ кун бар қафоят охирин бор,
Зани ӯро нидо мекард андӯҳ.

Нигаҳ кун бар маноронӣ Садумшаҳр,
Ба он майдон,ки мехондӣ тарона.
Нигаҳ кун,тифлакони нозанинат
Кушода чашм дар он ошёна.

Нигаҳ карду ҳамоно марг пӯшид
Ду чашми покбини равшанашро.
Қазои бетараҳҳум дарзамон кард
Намаксанги булӯрине танашро.

Кӣ мегиряд варо,кай сӯгворе
Зи қурбонии кӯчак мекунад ёд.
Зи ҳаҷраш як дили ман мехурад ғам,
Ки ҷонро дар баҳои як нигаҳ дод.

1922-1924

Ӯ набифристод қуеро дар об

Ё қайиқу кемаеро баҳри ман ?

Навбаҳори сабзи соли шонздаҳ

Дод ваъда, ваъдаи зуд омадан.

Навбаҳори сабзи соли шонздаҳ

Гуфта буд ӯ: Сӯи ту пар мекашам.

Бо убури маргу зулмат ман кунун

Шонаашро боз дар бар мекашам.

Шонздаҳ сол аз сарам бигузашту боз

Сӯи ман чашмаш табассум мекунад.

Ман чӣ ҳам созам,ки бо нурии шаб

То саҳар чашмам такаллум мекунад.

1936

Маскав

## Эпиграмма

Ҳеҷ Биче насароид чу Дант,

Ҳеҷ Лаура ҷаҳоне афрӯхт?

Ман ба занҳо сухан омӯхтаам,

Дам шуданро натавонам омӯхт.

1936

Чун даргузарад касе аз ин дунё,
Дигар бишавад намуди ӯ дар қоб.
Чашмаш нигарад ба гунаи дигар,
Хандад лаби ӯ ба рамзи касноёб.

Чун омадам аз азои як шоир,
Ин рози нуҳуфта ногаҳам во шуд.
З-он баъд ба ростии он асрор
Пайваста далели тоза пайдо шуд.

1940

Шуморо диҳам ҳушдоре чунин
Ки ман мезиям дафъаи охирин.
На мисли парасту, на ҳамчун заранг,
На чун найшакар,не чу начме қашанг.
На чун оби чашма бирешимнавоз,
На чун бонги зангӯла бедорсоз.
Бад-ин нолаву сӯзи дурудароз
Насозам дигар халқро берафоҳ,
Наоям ба хоби касе ҳеҷ гоҳ.

1940

Пешаи қудсии мо, ин пешаи пир

Мекунад сад қарнро зебову тоҳир.

Бе чароғе ҳам ҷаҳонро мефурӯзад,

То ҳанӯз аммо нагуфта ҳеҷ шоир,

Ин ки не пирист дар дунё, на ҳикмат,

Нест ҳатто маргу реҳлат.

1944

Ба ёди дӯст

Ва дар рӯзи Зафар, рӯзи туманпеч

Шафақ хандад дар анвори вашифом.

Баҳори дермонда мисли бева

Расад баҳри тавофи гӯри беном.

Ба зону афтад ӯву барнахезад,

Дамад анфос дар ҳар сабзаи тар.

Зи китфаш шаҳпарак резад ба марқад,

Шукуфад аввалин қоқуи пар-пар.

8 ноябри соли 1945

Хайр набвад, ки шеъри саркаши ман

Мекунад бӯи ғуссаву армон.

Сеяки мухлисонам он ҷоянд,

Андар он сӯи рӯди Флегетон.

Ба ҳамин дӯстони каммонда

Бештар шуд маро хулусу ниёз.

Чӣ қадар тезу тунд хотима ёфт

Ин раҳи дар назар дароз, дароз.

3 марти 1958

Болшево

*Флегетон –дарёе дар он дунё

Соядаст

Ҳар чӣ додам,они туст

Шота Руставели

Аз зери харобаҳо сухан мегӯям,

Аз байни шикастапораҳо менолам.

Бар халқ ҳар он чӣ доштам, мебахшам,

Ин аст дубора хоҳишу омолам.

Ҳарчанд, ки беҳаёт чун даймоҳам,

Ҳарчанд, ки бастаам ба рӯи ҳама дар.

Сад шукр, ки боз мешиносанд маро,

Сад шукр, ки боз мекунандам бовар.

январи 1959

Ленинград

Таронаи падруд

Не маро шакархандест,

Не суруду не сӯҳбат.

Аз азал дилам мехост

Ҳамраҳат кунам қисмат

Аввалин ситезеро

Пур зи беғамиву ноз.

Охирин наҳориро

Сарду хушку беовоз.

1959

Ман ба тилфон намекунам бовар,

Ҳам на бар радиову телеграф.

Кард қонуни хешро роиҷ

Хулқи ваҳшии ман ба шӯру шааф.

Медароям ба хобҳои ҳама,

Гарчи бо ту намекунам парвоз.

Мепарам ҳар куҷо,ки мехоҳам,

Мекунам фатҳи ҳар ситеғу фароз.

24-октябри 1959

Красная Конница

Ленинград

Маро бо қисмати мудҳиш натарсон

Ва ҳам бо яъси дилгири шимолӣ.

Намедонӣ,ҷудоӣ ном дорад

Нахустин иди мо, иди хаёлӣ.

Агарчанде, ки маҳ ҳамсайри мо нест,

Намегирем истиқболи хуршед.

Вале ин тӯҳфаҳои каснадида

Зи ман тақдим мебодат шаби ид.

Чӣ тӯҳфа? Акси ман дар оби рӯдак,

Ки чашмаш шаб ба шаб бикшода бошад.

Нигоҳам кай тавонад бозгардонд

Ба арш он наҷмро, к- афтода бошад.

Ва ин акси садои бемадорам,

Ки вақте буд шодобу баҳорӣ.

Кунун бар қар – қари зоғони Маскав

Ту бе дилларза гӯшатро супорӣ.

Бимон, то сардии ин рӯзи пойиз

Шавад бар шаҳди фасли гул мубаддал.

Малакзодо, бикун ёдам, бикун ёд,

Азизам, лоақал то барфи аввал.1959

«Мусаввадаҳои камаровӣ»

Эй олиҳаи ашк !

Марина ӣветаева

Инак,дар инзивояму бибрида

Аз шавқу шодиву ҳама гирудор.

Ин гӯшаро чу рӯҳи нигаҳдор аст

Анбӯҳи ғафси решаи ҷангалзор.

Моем, мо дурӯза ҳама меҳмон

В- ин зиндагист одати побарҷо.

Бар гӯшам ояд аз раҳи гардунҳо

Ҳар дам танини даъвати ду ово.

Ҷуз ду садо дар он тарафи девор

Дар буттазори кайҳаи атрафкан

Як бутта байласон тару шодоб аст

Чун номаи Марина ба номи ман.

1961

Себаргаи маскавӣ

1. Қариб дар албом

Тундар,ки наъра зад, ту ба ёд оварӣ маро,
Гӯӣ, ки ӯст ошиқи раъди ғиревзан.
Як пора осмон чу шавад арғувоннамуд,
Дилро дубора сӯз диҳад оташи куҳан.

Як рӯзи маскавӣ ҳама ин рӯй медиҳад,
Рӯзе, ки ман зи шаҳри шумо мекунам фирор.
Чун меравам ба манзили дилҳоҳ,бо шумо
Монад ҳамеша сояи ман мисли ёдгор.

2. Бе унвон

Зи байни Маскави идонаи сард
Ҷудоиҳои мо ҷорист, ҷорӣ.
Дар он ҷое,ки мехонед шояд
Нахустин чопи назми сӯгворӣ.

Зи ҳайрат мешавад чашмонатон боз,
Чӣ? Ин сон зуд? На, на, балки, оре.
Ва ин фирӯзаафлоки шаби ид
Ва олам мечамад дар беғуборӣ.

Чунин зебо ҷудо ҳаргиз нагашта
Касе аз ҳам дар ин дунёи фонӣ.
Шуморову маро ин бахти ноёб
Муяссар шуд барои қаҳрамонӣ.

3. Нӯшбоди дигар

Барои бовари сабзи ту,
барои меҳру вафои ман,
Барои он ки дили моро
ҷуз ин дигар набувад меҳан.
Агарчи мову туро карданд
асиру бастаи сад ҷоду,
Куҷост боз зимистоне
чунин бадеву чунин некӯ.
Куҷо самои тилонақше
пур аз салиби фурӯзонфар,
Дарозтар зи ҳамин пулҳо
куҷост боз пуле дигар.
Барои он ки ҳама бигзашт,
ҳама умеду нишоти пор,
Намедиҳанд дигар моро
дубора рухсати як дидор.
Барои он ки ҳар он чӣ буд,
зи хоби ман бидиҳад овоз,
Гузаштаҳо паси дар монда,
даре, ки ҳеҷ нагардад боз.

1961-1963

Инак, ин тирамоҳи нексамар,

Ки чунин дер хаймааш орост.

Понздаҳ навбаҳори гулгардон

Натавонистам аз замин бархост.

Ман заминро ба чашми дил дидам,

Уфтодам, ки гирамаш ба канор.

Ва замин бар вуҷуди ранҷурам

Дод аз ғайби худ тавону мадор.

Комарово

1962

# Сергей Есенин

Шомест лоҷвард, шомест, маҳҷабин,

Ман низ будаам барнову нозанин.

Рафт он дами мунир, он фасли беназир,

Бар ғусса хӯрданам дер аст, дер, дер.

Ҷонам фусурдаоҳ, чашмам тиҳинигоҳ,

Эй бахти нилгун, шабҳои ширмоҳ.

***

Тозагулҳо видои ман гӯянд
Сар хамонда ба нозу раънои̣.
Гӯиё баъд аз ин намебинам
Рӯи ёру диёри бобои̣.

Чӣ кунам, меҳрубони ман, чӣ кунам,
Боз ҳам чашми ташна бикшоям.
Ларзаи ҷонкании худро ҳам
Чун навозиш кунун пазироям.

Дар лабонам табассуми ҳайрат
Зиндагиро гузаштаам зи канор.
Оқибат даррасидаам, оре,
Ҳама дар даҳр мешавад такрор.

Баъди ман дигаре биёяд, лек
Настурад ғуссаҳои дӯшинро.
Бисарояд ба гӯши фардоҳо
Нағмаҳои равонтар аз инро.

Меҳрубоневу меҳрубони дигар
Баъдҳо дар баҳори мӯъҷизабанд

З – ин тарона маро ба ёд оранд

Чун гули бешабеҳи бемонанд.

Соли 1998

# Марина Светаева

## ДАР ПОНЗДАҲСОЛАГӢ

Алорағми фаромӯшӣ сарояд
Зи ҷони ман каломи «понздаҳ сол».
Чаро зуд омад айёми балоғат,
Халосӣ набвадам дигар аз ин ҳол.

Ҳамин дирӯз аз субҳи шакарханд
Миёни тӯсҳо мегаштам озод.
Ҳамин дирӯз мӯи бегулола
Раҳорах хуррамӣ мекард эҷод.

Баҳор аз гунбади ноқусхона
Маро мекард даъват бар шукуфтан.
Ба ин шӯхак иҷозат буд вақте
Барои роҳ рафтан, дод гуфтан.

Чӣ пеш ояд? Чӣ нокомӣ? Чӣ сон бохт,
Фиреби сар ба сар, манъи ҳама кор.
Чу пур шуд понздаҳ солам, ба гиря
Ҷудо гаштам зи тифлиям ба як бор.

1911

* * *

Рӯзакон, рӯзакони тиллоӣ,

Ку дигар гӯшаҳои хилвати мо.

Марғзорон пуроб мехуфтанд,

Нилгунтар зи Окаи зебо.

Ба куҳандайр ханда мекарданд,

Зирфунҳои пири гулбардӯш.

Мезад андар миёни боғи қадим

Деги пурнакҳати мураббо ҷӯш.

Пуштаро тасмапеч мекарданд,

Абрҳои раванда сӯи Худо.

Мезад орому навҷилову кабуд

Мавҷ бар мавҷ Окаи танҳо.

Бачагӣ, бачагӣ, дубора бибахш,

Ранг бар ранг шаддаи марҷон.

Ба Таруса – ба шаҳраки дилбанд

Боздеҳ рӯзҳои тобистон.

1911

БА УНВОНИ БАЙРОН

Аз субҳи эътибори Шумо фикр мекунам
В-аз субҳи рӯзҳои дурахшандаи Шумо.
Аз он замони дур, ки ногаҳ зи қайди хоб
Бедор гаштаед ҳам иблису ҳам Худо.

Мекард дар тасаввури ман абрувонатон
Андар фарози машъали чашми Шумо тулӯъ.
В-аз хуни бостонии поке, ки менамуд
Бо мавҷҳои тоза зи шарёнатон руҷӯъ.

Аз он ки панҷаҳои дарози Шумо чӣ нарм
Мерафт байни силсилаи мӯи мавҷ-мавҷ.
Дар кӯву барзану ҳама ҷо ташнаи Шумо
Во монда буд дидаи муштоқи фавҷ-фавҷ.

Аз қалби он касон, ки Шумои басе ҷавон
Фурсат наёфтед барои шинохтан.
Дар он замон, ки рӯшану хомӯш мешуданд
Бар ҳурмати Шумо ҳама моҳҳои анҷуман.

Толори нимтираи махмалкашидае
Дар пардаи тасаввури ман мешавад мунир.
В-амвоҷи шеърҳо, ки раҳорах сурудаем

Ман бар Шумо, Шумо ба ман аз ҷӯшиши замир.

Андеша мекунам зи ҳамон як кафи ғубор,

К-аз чашму аз лабони Шумо монда ёдгор.

В-аз ҷумла чашмҳо, ки ҳама хок гаштаанд,

Танҳо манам паёми Шуморо умедвор.

Ялта, 24 сентябри 1913

БАРОИ БЛОК

Меравӣ ту, меравӣ бар ғарби хуршед,

Дида медӯзӣ ба нури шоми тобон.

Меравӣ ту, меравӣ бар ғарби хуршед,

Нақши поят мешавад гум байни бӯрон.

Аз бари тирезаам беҳис гузашта

Бар хамӯшистони барфӣ мениҳӣ по.

Порсои ман, бадеуссурати ман,

Эй диламро дода анвори таоло.

Фатҳи қалби ту намехоҳад дили ман,

Эй ки бо як раҳ равонӣ содиқона.

Бар кафат, к-он хаста шуд аз дастбӯсон,

Ман намонам бӯсаи худро нишона.

Ман туро бо ном сӯи худ нахонам,

Дастҳоямро наёрам сӯи дастат.

Балки аз дурӣ бар он тарҳи муқаддас

Саҷда орам, саҷда бар нури аластат.

Лаҳзае созам таваққуф в-аз сари сидқ

Боз бар зону фитам дар домани барф.

Дар лабам исми шарифи ту бибӯсам

Шомгоҳон гӯшаи пироҳани барф.

Аз ҳамон маъво, ки бо фарру бузургӣ,

Меравӣ ту бар хамӯшистони мафқуд.

Қудсии ман, ҳокими ҷону дили ман,

Рӯшанӣ деҳ, рӯшании поку масъуд.

2 майи 1916

Ба Анна Аҳмадова

Аннаи хуршедлаҳни Руси ман,

Бишнав овози маро аз бодҳо.

Ман ба ҷуброни гунаҳ роҳӣ кунам

Ҷониби ту оҳ, оҳи бесадо.

Бозгӯ, эй осмони сӯхта,

З-ин ду чашмони сияҳ аз сӯзи ҷон.

Мекунам таъзимҳои хокбӯс,

Рӯ ба сӯи ӯ зи дашти зарфишон.

Ҷӯйбори сабзи ҷангал, нақл кун,

Ин ки имшаб чун ба ту кардам назар,

Сурати дилбанди кӣ пайғом дод,

Аз рухи оинаат, эй сабзу тар.

Эй ки пайдоиву нопайдо ҳанӯз

Дар фарози раъдҳои аршбӯс.

Эй ту беунвону беному нишон,

Боз гӯ ишқи маро, то бишнавад

Аннаи хуршедлаҳни мулки Рус.

27 июни 1916

* * *

Аз миёни барфҳо мебишнавӣ

Он садоеро, ки дӣ меомад аз

оғӯши минӯ.

Вақт, эй Мавлои ман,

Бо ту мегӯяд сухан ин чокари ту.

Мерасад бар гӯши ман

Шарфаҳои наъли аспони сиёҳат.

Нестат содиқтар аз ман ҳеҷ чокар,

Нест шогирде туро рамзошнотар.

Ман, ки гулро аз пайи гул чидаам,

Бо даҳони нағмахон бӯсидаам

аз орази гулҳои фархунда.

Оваҳ, эй ҳастӣ! Маро як қатра

аз нӯшобаат деҳ

Аз барои хоби оянда!

25 ноябри 1916

* * *

Он лаҳза, ки пилки гармро мепӯшам,

Садбарги биҳишт мекунад фатҳи машом

В-аз рӯди биҳишт обҳо менӯшам.

Дар вусъати дур, дуртар аз ҳама чашм

Гӯё, ки зи анбӯҳи фаромӯшиҳо,

Овози маҳини мор, мори ҷаннат

Бедор кунад маро зи хомӯшиҳо.

Он лаҳзаи кашфи роз дармеёбам

Бо даъвати мор ҳамчу Ҳаввои ҳазин

Асрори дарахти хусравониеро

Дар боғи ҳамешасабзи фирдавси барин.

20 январи 1917

* * *

Зи баҳсҳо бишавад хаста в-аз сӯруданҳо

Ҳамин даҳон охир.

Фиреби вақт хурад оқибат, ки хоб ояд

Ба дидаи шоир.

Дароз мекашам орому мекунам пайванд

Ду растаи миҷгон.

Дароз мекашаму мучда медиҳанд

ба хобам

Парандагону дарахтон.

12 апрели 1917

Бӯса бар пешонӣ – бирабояд

асари ҷумлаи ташвишу гаронӣ,

Бӯса бар пешонӣ хоҳам зад.

Бӯса бар чашм зудояд ҳама

бехобиву андӯҳи равонӣ,

Бӯса бар чашм занам.

Бӯса бар лаб шиканад ташнагии тӯлонӣ,

Бӯсам аз лаб, бӯсам.

Бӯса бар пешонӣ – пок созад

ҳамаи хотираҳоро ногаҳонӣ.

Бӯса бар пешонӣ хоҳам зад,

бӯса бар пешонӣ.

5 июни 1917

«Бигзор рӯз бошад!» Аз он лаҳза чун кафан
Дар оби мурда хиратарин рӯз дарфитод.
«Бигзор шаб шавад!» Бинмуд амру бингарист
Бо чашми пуршигифт ба дунёи бесавод.

Тағйир дода гардиши чашми хаёлманд
Мекард ӯ ба роҳи пасиабрияш давом.
Менозамат ҳамеша, азизи шабофарин,
Эй гуфта «Зӣ!» марову шабони маро мудом.

3 ё 4 июли 1917

Партави бемаҳал туро озурд,

Хоҷа, осуда бош, осуда.

Сахт бехобам, ин тани танҳо

Аз азал хобро адӯ буда.

Мо, ки дар деги вақт меҷӯшем,

Натавонем саргарон хуфтан.

Ҷои ғам нест, чунки меояд

Вақти дар хок ҷовидон хуфтан.

Нест хамёза, нест паҳлӯдард,

Писарам хуфту дӯст меояд.

Писарамро Худо нигаҳдор аст,

Дӯстро меҳри модараш шояд.

Зиндагии занонаи худро

Кардам аз рӯи қудратам тақсим.

Шаби худро ба дӯст мебахшам,

Рӯзро бар писар кунам тақдим.

4 сентябри 1917

Дасте, ки ба дасти ёр лозим нест,

Банд аст ба хидмати Банӣ Одам.

Додаст Худои шеър аз оғоз

Бар мову ту рутбаи Зани олам.

Бар базми шаҳ он ки рафт бедаъват,

Бояд бисарояд андар он маҳфил.

Маҳбуб равад, вале ҷаҳон монад,

Пас нест рисолати дилам ботил.

6 июли 1918

Бо мӯҳри ғайришаръӣ
Ҳар шеър тифли ишқ аст.
Ҳаст ин нахустфарзанд
Бо бод даст бар даст.

Меҳробу дӯзахи дил,
Нанг асту боғи ризвон.
Ӯро падар кӣ бошад,
Ё дузд ё ки султон.

14 августи 1918

Шеър мерӯяд чу кавкабҳову чун гулбаргҳо

Мисли зебоии нодаркор баҳри хонавор.

Худ ба худ мегӯям: охир аз куҷо омад маро

Ин ҳама ҳамду санову тоҷҳои ифтихор.

Мо чу мехобем, аз байни сафолаксангҳо

Мерасад меҳмони аршӣ чор барги гул ба дӯш.

Эй ҷаҳон, дар хобҳои шоирон во мешавад

Ояи гулҳову қонуни ситора чун сурӯш.

14 августи 1918

Пари парвоз агар дорад дилу ҷон,

Барояш кулбаву қаср аст ҳамсон.

Як аст ӯро чӣ Ӯрдуву чӣ Чингиз,

Ду душман аз азал бошад маро низ:

Адӯи гушнагии гушнагонам,

Зи сериҳои серон саргаронам.

18 августи 1918

Бар қасди буданат,

Эй мантиқи расо.

Бар рағми офтоб

В-ин барфи босафо

Ман дил бубастаам

Бар хирагии шаб.

Бар нойи пурриё,

Бар фикри пуртараб.

Эй Спартаи ҷамил,

Дилро чу меҳанӣ.

Дилҳои спартанӣ

Набвад шикастанӣ.

Рӯпӯши рашку ноз

Охир чӣ сон кунам.

Саҳл аст зери каш

Рӯбаҳ ниҳон кунам.

1 декабри 1918

Шуморо дӯст медорам ҳама умру ҳама рӯзон,

Шумо дуди қадими рустоҳои шимолиед.

Бад-ин сон сояи паҳновари афшон.

Шуморо дӯст медорам ҳама умру ҳама соат,

Ҳар он чӣ буд, барҳақ, бе Шумо оғозу поён шуд,

Ба лабҳову ба чашмони Шумо набвад маро ҳоҷат.

Нарафта дӯғаи зангӯладор аз ёди атромез,

На он дарвозаи болобаланду барфи покиза.

На он ду шохи дар анбӯҳи кавкабҳо шароровез.

Бишуд аз сояи он шох ними осмон рӯшан

Ва аз дуди қадими рустоҳаи зимистонӣ,

Шуморо, эй гавазни барқҷавлони шимолӣ, мешиносам ман.

7 декабри 1918

Ту маро ҳеҷ гаҳ намеронӣ,

Кӣ биронад баҳорро аз дар.

Бо сари панҷа ҳам намезаниям,

Ки манам шабсарои нозгуҳар.

Гар ту хоҳӣ, ки созиям бадном,

Номи ман ҳамчу об лабполост.

Ту раҳоям намекунӣ ҳаргиз,

Хона холист, гар дари ту вост.

июли 1919

БА ТУ – БАЪДИ САД СОЛ

Ба ту, эй навтарин, ки меоӣ
Баъди сад соли даргузаштани ман.
Ҳамчу миранда дар дами эъдом
Менависам бад-ин ду дасти хашан.

Мӯд нав шуд, маро маҷӯ, эй дӯст,
Рафтаам ман зи ёди пирон ҳам.
Дастро мекунам дароз ба ту
Аз паси оби Лета дам бар дам.

Чашми ту чун ду гулхани сӯзон
Сар зада аз мазори ман – зи сақар.
Нигаҳатро амиқ мебинам
Мани сад сол пеш карда сафар.

Ин ғуборе, ки монд рӯи кафам
В-он чӣ барбод рафт, шеъри ман аст.
Ҷустаӣ хонае, ки зода шудам
В-ошёне, ки ҷонам аз тан раст.

Сӯи занҳои зиндаву хушбахт
Фахр дорам, ки мекунӣ ту нидо:
Мурдаед, эй шумо, дурӯғинон,

Ӯ, фақат ӯст зиндаву пайдо.

Ман, ки будам чу чокари содиқ
Огаҳ аз ганҷҳои он бону,
Эй Шумо, мурдадузду наббошон,
Ин нигинҳо рабудаед аз ӯ.

Оҳ, аз он сад нигину сад ҳалқа
Ҳайф омад маро нахустин бор.
Ки чапу рост кардаам тӯҳфа,
Нашудам интизори ту, эй ёр.

Ҳайфам омад, ки дергоҳ ин шом
Рафтам аз пушти офтоби ғуруб.
Ва ба шобошу пешвози ту
Баъди сад сол, эй ҳама матлуб.

Шак надорам, ки мекунӣ ба ситез
Дӯстони маро зи хок ово:
– Гарчи будед ҷумла маддоҳаш,
Пираҳан ҳам накардаед эҳдо.

Беғараз кист дар миёни Шумо?
– На! Ғаразманд як манам, як ман.
Аз ҳама нома кардам дархост

Баҳри онро шабона бӯсидан.

Амри шартист ин набуданҳо,
Эй маро меҳмони хушдидор.
Баҳри як тӯда устухон кардӣ
Ишқи сад моҳрӯйро инкор.

августи 1919

Як замон, эй нозанини гулбадан,

Хотироти хира мемонад зи ман.

Гум шавам дар ҷарфнои ёди ту,

Ҳеҷ н-ояд бар фазои ёди ту.

Як бари рӯву ҷабине нурбор,

Бинии барҷаставу тарҳи сигор.

Хандаҳои рӯшани пайвастаам,

Дасти аз ханҷори заҳмат хастаам.

В-андар он сад нуқрагӣ ангуштаре,

Ҳуҷрае бо дафтари исёнгаре.

Оҳ, дар он соли манҳуси бало

Ман ҷавон будам, ту тифле дилрабо.

Ноябри 1919

Ҳамон навҷавонӣ, ҳамон қубҳҳо,
Ҳамон гулхану шомҳои мунир.
Ба ин шеъру илҳоми раббониям
Гитори ту хоҳар бувад ногузир.

Чу тӯфон дили халқ чархондаем,
Рисолат чунин будамон аз қазо.
«Рабояндаи қалбҳои ҳама!»
– Зи гаҳвора ин рутба омад маро.

Бидон андар ин тирарӯзони наҳс
На як ту зи ғам панҷа бифшурдаӣ.
На як ту чунин лӯлиёна зи ҳаҷр
Дили хусравони ҷавон бурдаӣ.

Бидон, ташнаи хун ба шамшери тез
На як ту назар кардаӣ бо алам.
Бидон ин хақиқат, ки ишқи бузург
Бувад хоҳари пастии мӯҳташам.

Марти 1920

Ояд оҳиставу бешӯру мағал

Ҳамчунон нимашабе бар ҷангал.

Дар таҳи пироҳани барҷаста

Кафтар орам ба Шумо пар баста.

Мекунад шарм чу санги мизон

Дами дарвоза маро ноҷунбон.

Лек охир зи таҳи пироҳан

То Шумо бол кашад кафтари ман.

19 марти 1920

* * *

Ба як баҳр лозим

тамоми само,

Ба як қалб лозим

тамоми Худо.

27 апрели 1920

БА С.Э.

Кулбаи хоксору дуди ҳақир,

Ту азизӣ марову нотасвир.

Бо хамон панҷара, ки мо бо ҳам

Солҳо хӯрдаем шарбати ғам.

Бо ҳамон шомҳои ғарқи шуъо

Аз таби бӯсаҳои одии мо.

Гашти рӯзон ба дар задем таноб,

Ҳар шаби бемуҳаббату бехоб.

Шаб, шаби досҳои хаста зи кор,

Ки саҳаргоҳ боз шукргузор

Ранҷҳое кашем аз дилу ҷон

Баҳри рӯзӣ – барои фарзандон.

Кош, донам, ки дар даю баҳман

Нест бе гул фарози пуштаи ман.

14 майи 1920

Ба С.Э.

Менишинам бе чароғу обу бе нон.

Балки мехоҳад маро

дасти Худованди Карим

Дар ҷавоби ин ҳама ранҷи азим

Зинда бар зинда барад

бар осмон.

Менишинам аз саҳар

бе пораи хушкидаи нон.

Бо ҳамин уммеду армон,

То бад-ин таслим,

эй ҷанговари ман,

бешикаст

Ман туро бори дигар орам ба даст.

16 майи 1920

Ба ин нодориву нопойдорӣ

Ту бе ҳарфе нигоҳи сард дорӣ.

Ту сангинӣ, вале ман месароям,

Ту ҳайкалгунаӣ, ман паркушоям.

Ҳамин урдибиҳишти ноздона

Чӣ ночиз аст пеши ҷовидона.

Чу ман мурғам, мазан таъна бад-ин сон,

Ки мебошад сабук қонуни мурғон.

16 майи 1920

Дидаам дар рӯзи равшан хобҳо,

Ман, ки шайдоёна раҳ паймудаам.

Ҷумла мебинанд агар хобидаам,

Кас набинад ҳеҷ хоболудаам.

Баски аз пеши назар рӯзи дароз

Бигзарад тасвирҳои хоби ноз.

Шаб хуши хуфтан намеояд маро.

Мондаам чун сояи андӯҳбор

Дар сари ин хуфтагон шабзиндадор.

Дар миёни 21 ва 30 майи 1920

Чу дасте медиҳам, маънои он чист,

На баҳри бӯса, баҳри фолбинист.

Бигӯ, эй раҳгузори розпаймо,

Ки аз роҳи кадомин рӯду дарё

Биёям то кадомин баҳри беном

Ва ё обам барад дар дохили ҷом.

Бияфтам ногаҳон бар тахт аз авҷ,

Занад баҳри хурӯшон мавҷ бар мавҷ.

Тиҳӣ шуд як ба як паймона кайҳо,

Худ уқёнусӣ андар чашми дунё.

Бияфкан ҷомҳоро як-як аз даст,

Ту моро ғарқ кун, эй баҳри сармаст.

Чу гирам дасти кас ба даст, бе қол,

Барои бӯса гирам, не пайи фол.

Мисоли тортан гаштам гирифтор

Дар он чӣ офаридам тор бар тор.

Ҷабинам сад гираҳ дорад зи тақсир,

Чӣ сон бошам туро ҳамқисмат охир.

Июли 1920

На ситоиш, на ишқ мехоҳам,

Хуш надорам ба инчунин мастӣ.

Себ ҳам баҳри ман фиребо нест,

Ки ба сӯяш намебарам дасте.

Баъди як дам чу раъд метаркад

Он чӣ бо хеш хоҳадам бурдан.

Оҳ, мехоҳам, оҳ, мехоҳам,

Инак, орому бесадо мурдан.

Июли 1920

* * *

Ман огаҳам, ки дами хандаи шафақ мирам,

Кадом аз ду шафақ? Нест пеши ман рӯшан.

Гаҳи ғуруби шафақ ё гаҳи тулӯи шафақ,

Чӣ хуб, агарки бимирад ду бор машъали ман.

Ба рақс гирди замин по задам чу духти само,

Бағал пур аз гули садбаргҳои бешикане.

Ман огаҳам, ки дами хандаи шафақ ояд

Ба ҷони нозуки қувонаам шаби зағанӣ.

Зи каф фиканда салиби даме набӯсида

Барам ба арши мукаррам башорати охир.

Шафақ бихандаду ман ҳам ба посухаш хандам,

Ба вақти ҷонканиям низ шоирам, шоир.

Декабри 1920

ОФТОБИ АВВАЛИН

Эй нахустин офтоб

андар ҷабини аввалин.

В-эй ду чашми

чун туфанги фотеҳи думила дудафшон

ҷониби хуршеди олам –

чашми Одам.

Эй нахустин шаҳди шодӣ,

эй нахустин заҳри мор

Андаруни синаи чап.

Эй нигоҳи осмонпаймо, ки ногаҳ

Ёфт Ҳавворо дар анбӯҳи гули

кавкаб.

Оҳ, оҳ, аз захми модарзоди

ҷонҳои наҷиби кибриёӣ,

Оҳ аз ин рашку ҳасадҳои дили ман.

Оваҳ, эй марде, ки пеши рӯшании

пуршукӯҳат

ҷумла Одамҳо залиланду ҳақир,

Як туӣ хуршеди шоҳиншаҳпари

шаҳри Асотир.

10 майи 1921

Сояи нимрӯзии мӯят

Хам зада бар сафедии мӯям.

Писарам мешавӣ ту сол ба сол,

Оҳ, ҳамсоли тозанерӯям.

Сиву шаш буд ҷамъи соли мо,

Ҳарду будем ҷуфти нотасвир.

Ҳолиё ҳам умедҳо дорам,

Ки чунин бемаҳал нагардам пир.

Июни 1921

Ғуруру тавозӯъ, ки ду хоҳаранд,

Зи як гоҳвора, зи як гавҳаранд.

Ғурур амр созад, ки афроз сар,

Тавозӯъ бигӯяд: Ба поён нигар.

Чунин меравам: чашм сӯи замин,

Барафрохта то ба гардун ҷабин.

20 сентябри 1921

ҲАНГОМИ ШАФАҚХЕЗ…

Шафақ тобид – хунҳо сустгарданд,

Шафақ хандид – хомӯшӣ бизад мавҷ.

Талоқи ҷисми ноқис медиҳад рӯҳ –

Паранда мепарад бар вусъати авҷ.

Пазирад қалб пайванди ниҳонӣ,

Бубинад чашм дуриҳои марғуб.

Бинӯшад гӯш ҳарфи ношунида,

Бигиряд дев бар Игори мағлуб.

18 феврали 1922

Раҳ мебарад ба сӯи сафедиҳо
Оҳиста гесувони тилоиям.
Ҳасрат намекунам: ҳамаро дидам,
Хуш нағма хонд қалби ҳавоиям.

Он сон, ки дурдасти уфуқ ғунчад
Дар лӯлаи канории дудафкан.
Барҳақ, ҳама умеди ниҳоният
Иҷро шудаст, эй дили бешеван.

Фикрам намак бувад, ки намесӯзад

Балки самандари шуда хокистар.

Хокистари варо натавонам дод

Андар баҳои шавкату карру фар.

Ҳамроҳи ман! Зи ҳамлаи раъду дуд

Мӯи ту ҳам ба нуқра шуд андуда.

Бар мо сапеда бемаҳал омад, оҳ,

Бо айби қалби ҳеҷ наосуда.

Бо гесӯи тило ту машав ғарра,

К-ин ганҷро замон бикунад тороҷ.

Дасти бало зи шохи булут монад

Дар мӯи навсафед якояк тоҷ.  Байни 17 ва 23 сентябри 1922

ТИРЕЗА

Чӣ ҳаловатдеҳу нерӯбахш аст

Нафаси тозабаҳори рӯшан.

Ҳамчунон шаҳпараки боазамат

Мавҷ зад пардаи тирезаи ман.

Беваи ҳиндии пушти парда

Чу туфангест тилоандуда.

Пушти ин панҷара баҳрест бузург

Бо паримоҳии хоболуда.

5 майи 1923

БАҲРНАВАРД

Бидеҳ алвонҷ маро, завраќи зарринии ситора,

Сари ман хаста шуд аз мавҷи дупора.

Дергоҳест, ки ман зӯр занам,

роҳ кашам ҷониби соҳил,

Сари ман хаста шуд аз дарди чигил.

Қаҳрамонон – ҳама аҷдар, гимнҳо –

тантанаи холии беовозӣ,

Сари ман хаста шуд аз ҳар бозӣ.

Бигузоред маро рӯи алаф, дар

бағали сӯзанбарг,

Сари ман хаста шуд охир аз ҷанг,

ҷони ман хаста шуд охир аз марг.

12 июни соли 1923

ДУГОНА

Ман ҷудо нахоҳам шуд

аз ту то дами фарҷом,

Мавҷҳои бетобе

медаманд дар сина

хашмгину хуношом.

Лек, ҳолиё бар акс

Ногузир шуд ин амр,

Ин ки чун кушоди сир

Мо ҷудо шавем охир.

5 октябри 1923

Дӯст медоштӣ маро вақте

Бо дурӯғи ҳақу ҳақи ботил.

Хориҷ аз нокуҷо, бурун зи ҳудуд,

Дӯст медоштӣ чӣ беҳоил.

Дуртар аз замону вақту фазо

Дӯст медоштӣ бидуни баҳс.

Ту дигар дӯстам нахоҳӣ дошт,

Панҷ воҷаст ин ҳақиқати наҳс.

12 декабри 1923

Дар ин дунё, ки бошанд одамонаш
Яке хамқомату дигар арақшор.
Яке, танҳо яке дар ин ҷаҳон ҳаст
Маро ҳамвазну ҳамнерӯву миқдор.

Дар ин дунё, ки бахту давлаташро
Талабгорем бо сад ташнаҷонӣ.
Яке, танҳо якеро ҳаст бо ман
Шабоҳатҳои зебои равонӣ.

Дар ин дунё, ки мамлу аз мағор аст
Ва ҳам аз буттаи печак саросар.
Фақат Ту бо дили ман ҳамсириштӣ,
Фақат Ту бо манӣ, бо ман баробар.

3 июли 1924

БА ЗИНДАГӢ

Чу дарё дар рухам сурхӣ дамида,

Набистонӣ ту сурхии рухи ман.

Ту сайёдиву ман бисёр саркаш,

Туӣ таъқибу ман гарми давидан.

Маро ҳаргиз наорӣ зинда бар даст,

Ки дар майдони сабқат барқчавлон

Мисоли тавсани мағрури тозӣ

Рагамро меканам бо теғи дандон.

25 декабри 1924

Барнахӯрдаст чархи раъд ба ҳам,

Ду нигаҳ, ду нигаҳ бишуд тавъам.

На Вавилон ба хок шуд яксон,

Балки якто шудаст ҷон бо ҷон.

Нашуд Ором аз обхез ҷазир –

Скифҳо мезананд бар ҳам тир.

16 январи 1925

МАМЛАКАТ

Офоқро ба фонус
Ҷӯед ҳам, нишон нест.
Дар ҳеҷ як харита
Он мулку он макон нест.

Обаш, ки нӯш гардад,
Зери табақ намояд.
Чун хона воҷгун шуд,
Баргаштанам нашояд.

Дар ин қаламрави нав
Ҳастии тоза бигзин.
Афтодаё, дубора
Дар аспи хеш биншин.

Аз зин фитоду ҷисмам
Нашкастаустухон монд.
Ин мулк порае нон
Дар пеши меҳмон монд.

Тобути пораеро
Нафрӯхт ҳеҷ наҷҷор.
Бефарсах асту беҳад

Он мулк, мулки асрор.

Бо мӯҳра-мӯҳра зевар
Гум шуд шабоби ман ҳам.
Он Рус ҳам дигар нест,
Он ман, мани куҳан ҳам.

1931

– Беҳудааст шеърат

Монанди хоби момо.

Аз хос пурс, ҷорист

Дар хоби мо замонҳо.

– Шеъри ту дилбазан шуд

Монанди оҳи бобо.

– Мо баҳри хос ҳастем

Субҳовари замонҳо.

– Дар панҷ соли хобам

Рафтам ба безаволӣ.

Ман баҳри панҷ асрам,

Ту баҳри панҷ солӣ.

– Рӯзон куҷо шитобанд?

– Аз пеши мо шитобанд.

Монад ва ё намонад

Мафҳуми шеър дар Рус.

Аз бод пурсу аз сел,

З-ояндагон бирав, пурс.

14 сентябри 1931

Роҳи рагҳоро кушодам: Метаровад

Зиндагӣ бебозгашту тунду беист.

Зарфҳоро пеши ин маҷро гузоред

Ҳеҷ зарферо чунин ғунҷоиши бисёр нест.

Ҳар табақ хурд аст, ин густурдамаҷро

Меравад бар хок, то бехи амиқи найшакар.

Бетанаффус, бебадал, бебозгашт

Шеър меҷӯшад ҳамора, шеъри тар.

6 январи 1934

Андешаи шоир набувад дар сари аср,
Ман низ дар андешаи ин аср наям.
Кардам ба Худо ҳавола ғавғои варо,
Нохеши ман аст ӯву нохеши ваям.

Не фикри чабера дораду не аҷдод,
Ҳайҳот зи қарн, қарни ғулғулафкан.
Эй асри ман, эй зиёну эй заҳру зақум,
Эй асри ман, эй адӯву эй дӯзахи ман.

Сентябри 1934

Дар сангфарши роҳ нигаҳ мекунам ба завқ

Бар рез-рези барг, ки афтода рӯи ҳам.

Рӯбандаш ончунон ки дами интиҳои кор

Наққош нақшро бинавозад ба мӯқалам.

Ман фикр мекунам, ки (касеро писанд нест

Тарҳи хаёлии ману ин қадду ин вуҷуд).

Андар фароз мондаву аз ёд рафтааст

Як барги зангбастаи берангу бенамуд.

Санаи 20 октябри 1936

Бо чашмҳои боз бар нилгун само

Ту мекунӣ хитоб: Эй раъд, марҳабо!

Бар макрпешае бо абрувони во

Ту мекунӣ хитоб: Эй ишқ, марҳабо!

Паҳлӯи беғамӣ рӯида ушнаҳо,

Ман мекунам хитоб: Эй шеър, марҳабо!

1936

Замон бигзашт. Хеле дар ҳам шуд

Барои инчунин сӯзу чунин оҳ.

Муҳаббат ғофил аст аз илми таъхир,

Бимонда пушти кӯҳ панҷоҳ даймоҳ,

Вале пир аст ишқ, аз вақт ҳам пир.

Басе пир аст ӯ чун сабза, чун мор

Ва ё чун каҳрабоҳои ливонӣ.

Чу киштиҳои нопайдову пайдо,

Басе пир аст ишқ аз сангҳо ҳам

Ва ҳам аз баҳрҳои бостонӣ.

Вале дар синаам як дарди ҷонгир

Басе пир аст, пир, аз ишқ ҳам пир.

23 январи 1940

Чун кӯҳи қатор соли ту саф баста,

Андар сари ту вақт шаҳи тоҷвар аст.

Нодон! Ту барои дӯстдорӣ пирӣ,

Ёрон, ёрон, ишқ басе пиртар аст.

Пир аст зи реша, пир аз аъҷуба

В-аз санги азимпайкари ҳар меҳроб.

Пир аст муҳаббат аз бузургони Крит

В-аз қофилаи ялони хуршедрикоб.

29 январи 1940

Фурсат омад, фурсати дур

кардани зевар,

Фурсати ҷустани луғоти дигар.

Фурсати куштани фонус

дар шақиқаи дар…

Феврали 1941

Ҳарчанд, ки нест меҳани ман,

Ин хоки хуҷаста бостонист.

Дар баҳр ҳам оби сарду ширин

Нозук чу ҳарири осмонист.

Аз бӯр сафедтар бувад рег,

Маст ҳаст ҳавои атргардон.

Ҳангоми ғуруб бо тани сурх

Анбӯҳи санавбар аст турён.

Дар мавҷи сабо ғуруб ғарқад,

Он сон ки дубора ҷамъ н-ояд.

Ин чист магар, ки охири рӯз

Ё охири олам аст шояд.

1964

# Абай

Зарбаҳои набзи соат
Нест як овози холӣ.
Зарбаҳои набзи соат
Рафтани умр аст, эй дӯст,
Рафтани умри бақимат.

Охир аз ин дузд пинҳон
Нақди худро чун паноҳам.
Ташнаям, оби бақоро
Ҷовидон хоҳам, ки хоҳам,
Ҷоми ман холӣ шуд, афсӯс.

Зарбаҳои набзи соат
Саҳлу орому фиребост.
Тиқ-тиқ овози қадамҳош
Умри моро шарфаи пост,
Умри осон паркашида.

Хуфта андар кӯлборам
Солиёни пошхӯрда.
Рӯзҳои бодбурда,
Лаҳзаҳои сарди мурда.
Ё Худо, раҳмат бифармо…

Мо тоирему бар абадият равонаем,

Яъне ба шакли нав бибароем аз замин.

Ингуна бо низом ҷаҳон мутаҳаррик аст,

Алҳамд бод бар ҳунари Оламофарин.

Домест олами гузарон, доми нонамост,

Эй бас каси даванда, ки дармондаи вай аст.

Он мурда нест он, ки пас аз интиҳои умр

Бар ҳар диле ҳиҷош чу ноҷии хушпай аст.

Мо борҳо ба роҳи ҳавас по ниҳодаем,

Бар мо навиштаанд чӣ ҷурме, ки рафтааст.

Ҳар чӣ ба мо гузашту набигзашт, як ба як

Дар дафтари дабири азал ҷо гирифтааст.

Дунёву охират чу ду соҳил буридаанд

Дунё, ки ҷустаӣ, набиандешӣ аз абад.

Он ки раҳи бақо бигирифту уруҷ кард,

Дар синааш дилест, на дил, ғунчаи хирад.

Эй қазоқ, эй халқи заҳматдидаам,
Бар лаби гӯё сабилат қуфл зад.
Ними руят рӯған асту нима хун,
Некро баски набишносӣ зи бад.

Дар назар бикшодарӯю меҳрубон,
Лек ҳар раҳ ҷомаро дигар кунӣ.
Мезанӣ бар ташти холӣ чӯбҳо,
Бонг бар лаб шӯриши маҳшар кунӣ.

Не ба шаб хобиву не хандӣ ба рӯз,
Баски дар хулқат накуӣ чира нест.
Мехурад бухлу ҳасад ҷони туро,
Дар сарат ғайр аз хаёли тира нест.

Ҷовидон ранҷӣ барои ҳар сухан,
Раҳнамоят нест як ройи савоб.
Баски якдил нестӣ, ҳарҷодавӣ,
Асбҳоят барфсон гарданд об.

Қуввататро ҳар куҷо резӣ абас,
Оқибат афтодаи нолон шавӣ.
Таҳ равӣ дар қаъри мурдоби гунаҳ,
Ҳар чӣ бадтар бошад аз бад, он шавӣ…

Навҷавон будаму чашмони саводам баста,

Ғофил аз нашъаи омӯзиши фанҳо будам.

Фасли рушд омаду бардоштам аз домани илм,

Лек, афсӯс, ки дар соҳили дарё будам.

Дер шуд бар ману бар маърифати пирии ман,

Кош, аз рӯзи азал фитрати бино будам.

Як тасаллои ман он буд, ки фарзандонро

Дарзамон панддеҳу маърифатоиро будам.

Даргаҳи мадраса бурдам писарамро ба умед,

Хоҳиши парвариши кӯдаки доно будам.

Худ бисабзидаму дар доираи ҳамқавмон

Худфурӯзеву суханпарвари якто будам.

Ҳеҷ кас қадр надонист ҷадалҳоямро,

Вой бар ман, ки фурӯмондаи танҳо будам.

Акнун,ки бар дуроҳаи пирӣ расидаем,

Санги алам кашему сиёҳии ғуссаро.

Пеши кӣ шарҳи ғам бидиҳам, кист аҳли фаҳм

В-ар ҳаст ҳам, чӣ гуна тасаллӣ диҳад маро.

Дӯшинагон раванду навон ҷонишин шаванд,

Ин корвон инон ба қафо барнамекашад.

Танҳо Худост он ки бадалношавандааст,

Даври қамар ҷуз ӯ ҳамаро дарҳамекашад.

Худро ба чоҳ мефиканад кӯри беназар,

Мард он ки фотеҳ аст ба нафси хирадкушаш.

Ҳайф аз лаванду хира, ки бар ранҷ тан надод,

Дар сояи касон, ки хазидан бувад хушаш.

Дуздон кулоҳи кибр ба сар ҷор мезананд,

Бемоягон ба заҳмати мо зар намедиҳанд.

Онон зи ҳукми мо бигурезанду оқибат

Ҳукми азал, ки дарҷ бигардад, куҷо раҳанд.

Шод он ки дидаро ба раҳи хайр боз кард,

Ҳар лаҳзаро ба шукр пазируфта аз Худо.

В-он дигарӣ ба ҳарза авул бар авул бигашт

Баҳри шикори шодии беранҷу бебақо.

Ҷоҳил куҷо ба панди накӯ сар дароварад,
Аз ҳақ назар бипӯшаду афсона офарад.
Аз ҳушдори мо рамаду рӯ сӯи шароб
Худро ба кӯрароҳи фурӯмондагӣ барад.

Оқил, ки чашми ҳақназараш дода Кирдигор,
Бар ҷавҳари ҳақиқати ҳастӣ назар кунад.
ӯ довари худ асту тарозуи адли худ,
Яъне яқини ӯ ба гумонҳо зафар кунад.

В-он бебасар, ки гӯш ба овоза медиҳад,
Дар лаб табассумаш бувaду дар дилаш ҳасад.
Онро, ки гоҳи зиндагияш ранҷ дода буд,
Гирён шавад зи маргашу нолад зи бахти бад.

Вақте замона маҳшари бероҳаҳо шавад,
Иблис тӯри макр танад бар чапу ба рост.
Борон, ки қатра-қатра зи афлок мечакад,
Бар хоки гардхӯрда сиришки фариштаҳост.

Ҳар сар куҷост лоиқи тоҷи гуҳарфурӯз,
Ҳар беситорамард сазовори тахт нест.
Шоҳон ба фикри шавкату шони худанду бас,
Он ки зи дарди халқ дилаш хун гирифта, кист?!

Бургут, ки хуш парварида шуд, саҳл оядаш сайде ба чанг,

Чанде ба уммеди шикор зоғу заған мепарваранд.

Чун хоҷааш созад раҳо, бургут парад бар авҷҳо,

Зоғу заған доманкашон аз пушт — пушташ мепаранд.

Қар-қарзанон пар мезананд ин сӯву он сӯ бар абас,

Худ сайдафкан нестанд, ҳам роҳи бургут бастаанд.

Ин гуна як рӯзи дароз беҳуда бар шаб мерасад

В-он хоҷагон хандону шод аз худ ризо биншастаанд.

Маддоҳи мурғони худанд он хоҷагони пургазоф,

Зоғон куҷо сайд оваранд, эй хираҳои ҳарзабоф.

Бечора халқе, ки чунин дилхуш бад-ин ҳангомаҳост,

Бегона аст аз асли зист, ин гуна беҷавҳар чарост?

Раҳгумзада пиндорад дар ҷодаи ҳақ худро,
Бовар кунад он сода бар гуфтаи рӯбинон.
Як тоифа меболанд аз сарвату аз ҳашмат,
Андеша намедоранд аз сӯхтани имон.
Раҳгумзада менозад бо ҷомаи кӯтоҳаш,
По мениҳад ӯ мағрур, барбаста миёнашро.
Аз чирк ҷило резад сарпӯши сафеди ӯ,
Бо ҳамҳама каҷ хандад во карда даҳонашро.
Бигзорад асояшро дар панҷараи хайма,
Мӯинакулоҳашро дар нӯги асо монад.
Шалвораки танги ӯ боло ҷаҳад аз зону,
Поён бикашад онро, дар ошиқи мо монад.
Вомонда чу зиндонӣ дар дохили як шалвор,
Танҳо гаҳи хоб онро аз худ бикашад берун.
То як сухане гӯяд, сад тарҳ диҳад рӯро,
Абрӯ ба хиром орад он тираниҳоди дун.
Оре, зи ҳад афзунанд ин гуна тиҳимағзон,
Инон ҳама худ нозанд в-аз ранҷ гурезонанд.
Вомондаву савдоӣ сармасти худоройӣ
Ҷуз ҷилвафурӯшиҳо як кор намедонанд.
Инон чӣ басо дуранд аз подачарониҳо,
Худпарвару ғаммозанд, бо кор намесозанд.
Бар ҷои саломи хуш ҷунбонда сари мағрур,
Аз деҳ ба деҳе бо асб беҳуда ҳаметозанд.

Ҷуз ғами сарват набошад аҳли сарватро ба сар,

Макр бозанду ба мардум як диҳанду даҳ баранд.

Он тамаъкорон, ки маҳкуманд бар хашми Худой,

Ҳар чиро дар чорсу бо чашмони гушна мехуранд.

Он яке то арза дорад номаи бӯҳтони худ,

Оби Иртиш нӯш карду раҳ ба сӯи шаҳр бурд.

Сар ба арши кибр суду аз бузургӣ ноз кард.

Волгаву Иртиш ту гӯӣ, пеши ӯ хурданд, хурд.

Асби ӯ аз лоғарӣ афтоду аз рафтор монд,

То гулӯяш худ ба баҳри қарзҳо ғарқидааст.

Пеши чашмони Худо ҳам чеҳраи ӯ баднамост,

З-он, ки ҷуз макру ҳиял шуғли дигар нагзидааст.

Гар ғаниро мустамандон пастфитрат бишмаранд,

Қосиди худро ба сӯи шаҳр бифристонад ӯ.

Зӯрдастон мезананду зердастон мефитанд,

Ҳар кӣ бечораст, дар банди дигар монад фурӯ.

Ҷоҳилон сагҳои хашминро аз он мепарваранд,

То замоне ҷуссаи равшанравононро даранд.

Бар тани зиндаам чӣ мебинӣ,

Дили ман сард шуд, зи дунё сард.

Ёри имрӯз душмани фардост,

Овах, овах, чӣ метавонам кард?

Охир, эй хонашеру кӯчағариб,

Эй, ки дар хона раъди ғурронӣ.

Пеши бегонагон зи ҳавлу ҳарос

Сарфурӯ дар таҳи гиребонӣ.

Зину афзор аз ту барканданд,

Лаззати растагорият доданд.

Хостандат зи нав лаҷом зананд,

Ту вале сар наёварӣ ба каманд.

Пеши кас ҳоҷате гарат бошад,

Ҳарфи нарми бирешимӣ гӯӣ.

Чун муроди дили ту ҳосил шуд,

Ту ҳамон туршрӯю бадхӯӣ.

Каҷмакаҷ меравию бокат нест,

Ки ба дуздиву раҳзанӣ рафтӣ.

Чашмҳо баставу ба халқи Худо

Андаке дода беш бигрифтӣ.

Имтиҳоне агар, ки пеш омад

Ва агар кор бар мубоҳиса рафт.

Ту гиребон дариву хун резӣ,

Ки надорӣ забони гуфтушунуфт.

Пои миннат ба дар макӯбу нарав,

Ба даре, ки дубора боз оӣ.

Боз ҳам фотеҳӣ ва ё мағлуб,

Роҳи ин остона паймоӣ.

Эй даруни синаат амвоҷи нур,

Гӯш деҳ, к-ин ҳарфи ман дархурди туст.

Зиндаи гумгаштатар аз мурдаҳост

Он, ки қалбаш бе фурӯғи орзуст.

Ҳар касе, чун пеши чашмаш шира баст,

ӯст беғамтар зи кулли халқ, ӯст.

Гар чӣ беимом ҳам бошад намоз,

Форсҳоро ин қабул асту дуруст.

Бе раҳу роҳбар куҷо хоҳад шудан

Тӯдаи гумраҳ, ки кораш ҳоюҳӯст.

Халқ агар серу пур асту босалоҳ,

Ҳамчунон дарёст, дарёи гуҳар.

Гар дар ин кӯ баргҳои хуфтаро

Мекунад барчош боди раҳгузар.

Ҷӯйборон бо навозиш мебаранд

Бар ҷабини майсаҳо ангушти тар.

Андар ин паҳнои сабзу бофароғ

Чорво афзун шавад, афзудатар.

Мардуме, ки суфраву хонаш тиҳист,

Чун лаҷанзорест бо гандидаоб.

Мурғаконаш сози нағма бохта,

Навниҳолонаш фасурда аз азоб.

Чорво дар нимараҳ зору мариз,

Чун равад бар ағба ин моли хароб.

Камтар аз сифр аст халқи тӯдарав,

Раҳбаре бояд, ки манзилбар шавад.

Нест гар дасти ҳидоят раҳнамо,

Оламе маҳшар шавад, маҳшар шавад.

Ин ҳақиқатро шунав аз ҳарфи ман,

То ки дар оинаат ҷавҳар шавад.

Шеър гуфтам на аз барои ном,

На барои фасонаҳо хондан.

Шеър гуфтам, ки навҷавонҳоро

Раҳ намоям ба ҷодаи равшан.

Ин сухан дархури касест, ки ӯ

Фитрате дораду дили бедор.

Каҷмакаҷ раҳ нагарду рост биё,

Гӯши ҷонро ба ҳарфи ман бисупор.

Шояд ин нукта ҳайратангез аст,

Ки басе ғайриинтизор туруст.

Вои он ки зи гуфта суд мабурд,

Боз ҳарфи наве шунидан хост.

Эй ҷавонон, каломи ман шунавед,

Ки калом аст нодир аз ҳама мол.

Гоҳе аз марди паҳлавон рӯяд

Писаре ганҷдузду тирахаёл.

Гоҳе аз марди ҳақназар рӯяд

Писаре ҳарзагарду сифлаву паст.

Ҷоҳилон гар маро мазоҳ кунанд,

Лаб бибандам ману фишонам даст.

Гар туро қудрати сухансанҷист,

Бар хамӯшӣ бикӯшу ҳарф маёр.

Баски ҳар нуктаи гаронқимат

Меравад бар ҳаво чу мушти ғубор.

Таронаи духтар

Лаб макушоед ба васфи рухам,
Варна дилам лағзаду аз ҷо фитад.
Дар сари беғуссаву бедарди ман
Ин ҳама ғам в-ин ҳама савдо фитад.

Гарчи фузунанд маро толибон,
Кай назари лутф бар эшон кунам.
Лек чӣ гӯям, зи нигоҳи шумо
Рози фурӯхуфта чӣ пинҳон кунам.

Ваҳ, чӣ гудозандаву сӯзандаанд,
Ҳарфи шумо лахчасифат равшан аст.
Об шавад пеши қадамҳоятон,
Он ки дилаш сахттар аз оҳан аст.

Лутф намоеду ба ман бингаред,
Рӯй битобед зи рӯи дигар.
Ҳеҷ мабодо, ки равад васлхоҳ
Пои шумо ҷониби кӯи дигар.

В-ар нашиносед ману ишқи ман,
Хок маро бистару болин шавад.

Беҳ, ки аз оғоз зи ман бигзаред,

Оқибати кор агар ин шавад.

Оҳ, ало гурди тилисмоткан,

Ҷумла ҷаҳон зери қудуми шумост.

Балки чу ман бесамар аст он ки ӯ,

Дарди шумо ҷусту дили хеш кост.

Лек агар дил сӯи ман оваред,

Вар на, дурӯғин бувад ин ҳарфу роз.

Шоҳини ман, сайди шумоям дигар,

Пеши ман оред умеду ниёз.

Ин суханонро ба шумо гуфтаам,

Тозаҷавонони навомӯхта.

Ишқ ба даргоҳи шумо ҳам расад,

Имшабу фардо шарар афрӯхта.

Дар лабатон, эй писарони латиф,

Кош, чакомак шавад ин нуктаҳо.

Оҳ, чӣ бечора каси Қоқбой 1

Эй ки лабонат бисуруд ин ҳиҷо.

1. номи шоири қазоқ

Аз кокули ӯ мақомҳо мерезанд,

Зангӯла занад шилшилаи пӯпаки ӯ.

Махмалкулаҳу мӯсияҳу симзақан,

Кай оядат инчунин буте рӯи ба рӯ.

Чашми сияҳаш сафо диҳад оинаро,

Барқи нигаҳаш ба мағзи ҷонам биравад.

Он шаддаи дандону тани субҳфурӯз

Зебост бад он сон, ки назираш набувад.

Шамшодқаду мурчамиёну хушрав,

Ҳаққо, ки чунин ҳусни накӯ ноёб аст.

Гӯё, ки на духтараст, себи суманист,

Себи сумании навраси шодоб аст.

Зиндагонӣ зи даст шуд охир,

Сафари охират қариб омад.

Барфи пирӣ нишаст бар сари ман,

Инам аз осмон насиб омад,

Шеърам аммо ҳанӯз гулрез аст,

Дар лабонам таронаҳои сафед

Омадам то ба остони видоъ.

Омадам ин ҳама раҳ, аммо ку

Он ки ҳарфи маро кунад маъно,

Ку адофаҳми ман, кучост, кучо.

Ин мабодо, ки ғам маро бибарад

Сӯи бероҳаҳои навмедӣ.

Эй дил, эй мурғи хаста, исён кун,

Ин ду рӯз, ин ду рӯзи хуршедӣ.

Пар, ки дорӣ, дар ошёна машин.

Мағз — мағзам паноҳгоҳи ғам аст,

Чун кунам, пеши кӣ бурун орам.

Пеши ин хирамағзҳои дурӯ

Гуфтани дарди дил намеёрам,

Гӯши инон ба панд бегонаст.

Устоди азал чаро нанавишт

Хати бахтам ба лавҳи пешонӣ.

Умри ман кост дар набарди абас

Бо сипоҳи риёву нодонӣ.

Ғайри танҳоӣ ошноям нест.

Беш аз ин худро гудозидан чаро,

Эй дили ман, эй дили худсӯзи ман.

Маҳрамона бо мани пазмони ту

Як нафас танҳо ба танҳо ҳарф зан.

Ин авоми ғофил аз асли нубуғ

Ҳар киро бардораду боз афканад.

Оре, ин анбӯҳи маҷрорав басе

Бемаҳал ташти тиҳиро мезанад.

Мадҳгуфторист холӣ чун ҳубоб,

Балки эҷоди риёкорон бувад.

Ҳамд мардеро, ки бо якҷавҳарӣ

Ҳарфҳо дар пушту рӯ яксон бувад.

Ҳар кӣ нопок асту нопарҳезкор,

Дам занад бар мадҳи нопоки дигар.

Пеши ман чизе намеарзад дигар

Таънаю мадҳи авоми бебасар.

Дар бисоташ ғайри гап чизе, ки нест,

Гапфурӯшиҳост шуғли чанд кас.

Мағзҳои ҷумларо созад хароб

Тирамағзе бо ду — се ҳарфи абас.

Гап махар аз гапфурӯшони ҳабис,

Ҳарфи нодир хар, ки бошад коргар.

Варна пулро хоҷаи худ бишмарад

Ҳар зани аз қадри шавҳар бехабар.

Ман гурезон аз ниқоби васфҳо,

Бар ҷамоли ҳақ назар хоҳам намуд.

Бо калиди фитрати ороста

Як даре бар ростӣ хоҳам кушуд.

Ҳазорпора дилам, садҳазорпора дилам ,

Зи шарри хирасарон ғам хурад ҳамора дилам,

Чӣ гуна дил ба саломат барам, намедонам.

Аз он ду-се нафароне, ки ёри ҷон хондам,

Яке ба ҳақ бирасиду дигар зи худ рондам,

Дигар сӯи кӣ муҳаббат барам, намедонам.

Расид фурсати хатми ҳаёти раҳгузарам,

Дигар кӣ ҷуз Малакулмавт мерасад ба сарам,

Ба ҷуз Худо ба кӣ ҳасрат барам, намедонам.

Ало касе, ки дилат хун гирифтааст аз ғам,

Биё, ки ҷони туро ҷони ман шавад марҳам,

Ба ғайри ин зи чӣ лаззат барам, намедонам,

Вазъ гӯяд беҳаё аз боби шарм,

Аз риё ҷавшан бипӯшад бар танаш.

Он киро, к — аз асли аслаш ғофил аст,

Ҳеҷ машмар дӯсташ ё душманаш.

Ҷумлае имони худро мекунад

Чокари беминнати нафсу тамаъ.

Зиндагии ин ҳақирон хеҷ нест.

Ғайри хӯрду хобу базму ҳамҳама.

Ошноён ҳам гаҳе дурӯянд,

З-ин сабаб душман зафар ёбад ба мо.

Ишқ ҳам зоҳирфиребӣ ҳасту бас,

Оҳ, аз ин аср, аз асри фано.

Дӯстдори фитнаю ҳангомаӣ,

Баркамоливу ҳамоно тифлвор.

Гар падар ҷурми писар гӯяд, равост

В-ар писар таъни падар зад, хуш мадор.

Дилмондаам, дилмондаам аз ёру аз ағёр ҳам,

Зеро аз эшон дидаам ғадру риё, озор ҳам,

Бо ҳар кӣ пайвастан маро оғози бибридан бишуд.

Чанде кунун ёрат шуда, ёри ҷалолу ҷоҳи ту,

Фардо, ки дармонӣ ба гил, по мекашанд аз роҳи ту.

Он кист? Он яктотарин, он ошнои ростин.

Ҷуз ғорату яғмо дигар ҳарфе намеояд бар гӯш,

Панди маро кай бишнавад гӯши насиҳатнониюш,

Дил бо чӣ хуш дорам дигар дар ин тиҳигоҳи сияҳ.

Бодавлатон роҳӣ кунанд асбони худро бар чаро,

Душвор ояд бар каманд асбе, ки боре шуд раҳо.

Аз дузди молу ҷон куҷо вомераҳанд аҳли ғано.

Тоҷир ба савдо андар аст, аммо дилаш осуда нест,

Молаш бишуд аз даст боз, ҳамёни ҳайронаш тиҳист,

Аз ҳар кӣ қарзаш боз хост, муште задаш андар ҷавоб.

Аз шоми ғам бар хӯрдаанд огаҳдилону бихрадон,

Бар рӯи покӣ хат зада ҳастии девону дадон.

Ё раб, аҷаб дунёст ин, шабпарвару хуршедкуш.

Аз биму ваҳшат ҳокимон дар тахтҳо ларзандаанд,

Гӯё на инон ҳокиманд, шайтони худро бандаанд.

Не ҳукмашон коре кунад, не адлашон ёрӣ кунад.

Хешону пайвандон ба ҳам ноаҳлу носозу адӯ,

Бар фарқи худ хоке кашанд он мӯъминони бевузӯ.

Он кист, он ки бо адаб роҳи мадоро биспарад.

Рангеву раҳмат нест нест дар осмону дар замин,

Оре, бад — ин ҷо омада бо амри шайтон одамин.

Ё раб, дар ин печидагӣ роҳи наҷоти мо куҷост?

Шеър аст, ки тоҷи сухану маънихост,

Фарзона касе, ки кони алфоз кушод.

Ҳар нукта ба ҷомаи муносиб орост,

Хуш-хуш бисуруду партаве бар ҷон дод.

Шеъре ки дар он каломи номатбӯъест,

Берун шавад аз лаби суханбофи ҳақир.

В-он кас, ки пазирад инчунин ҳазёнро,

Ғофил бувад аз ҳақиқату ҷавҳари шеър.

Оёту аҳодис, ки binoи шеъранд,

Аввалсухананду мубтадои шеъранд.

Нерӯи сухан агар набудӣ воло,

Аллоҳу набӣ сухан нагуфтӣ бо мо.

Масҷид шуду аз барои мардони Худо

Гуфтори паямбарон биёмӯхт фақеҳ.

Ҳар нуктаи он фазои дигар-дигараст,

Андар назар аст гарчи он ҷумла шабеҳ.

Эй бас хасаке, ки шавқро парчам сохт,

Дар сар ҳаваси сухансароӣ парвард.

Он кист зи ҷумлаи қазоқон, ки варо

Яздони карим шоири дилҳо кард?

Чун рӯ ба қафо менигарам, мебинам
Он нозимакони содаи ҷоҳилро.
Он тоҷиракони ҳарфро, ки пасу пеш,
Ҳарҷо бикашанд ҳарзаи ботилро.

Бигрифта ба даст тору танбӯреро,
Хонанд суруди мадҳу пул кор кунанд.
Ҳар ҷо бишаванду дар диёри ғурбат
Ҳарфу сухани хуҷастаро хор кунанд.

Ман дурри суханро накашам бар савдо,
Маддоҳсифат гулӯдаронӣ накунам.
Нав шуд сухану ту низ нав шав, сомеъ,
Бигзор, ба даргоҳи дилат гом занам.

Пеши ту ҳадиси паҳлавонон набарам,
Афсона наоварам зи дунёи қадим.
Сар пеши ғаниён накашам бар поин,
Андар ивази сухан нахоҳам зару сим.

Он Холиқи якто ба ҳама кас надиҳад
Номусу шикебу ҳунару имонро.
Ҷоиз набувад, ки баҳри пул по кӯбем,
Пур карда зи ҳарза кӯчаву майдонро.

Бӯи вафо нест дар ин мардумон,
Бо кӣ сухан гӯяму ёрӣ кунам.
Дӯст бурид аз ману дурӣ гузид,
Домани кӣ гираму зорӣ кунам.

Оҳ, ки бо як сухани нобаҷо
Некии садсола фаромӯш шуд.
Ёр маро боз ба ман монду рафт,
Оташи афрӯхта хомӯш шуд.

Ин ҳама андар талаби ному ҷоҳ
Раҳ сипаранду ҷуз аз ин фориғанд.
Айби маро ҷор задан кӯ ба кӯ
Чанд бувад чанд бувад чанд, чанд.

Бар ҳама аз ман нарасад ҷуз савоб.
Ранҷ гарон оядам андар ҷавоб.
Ком зи дилбар набаромад маро,
То ба кай, эй чарх, диҳиям азоб.

Шаш тарафам пур зи адӯвони наҳс,
Тоқаву дармондаву танҳо манам.
Чун бираҳонам дили хунгаштаро,
Даршуда дар маҳшари ғавғо манам.

Бо кӣ, бигӯ, дам зи рафоқат занам,

Кист вафодортарин ёр, кист?

Бори хиёнат дилам аз ҷо фиканд,

Кист, каси дӯстнигаҳдор кист?

Зи илм ғусса ба бор ояд,

Зи маърифат ғазабу нафрин.

Чун ин ду сина ба танг оранд,

Фиғон кашад дили хилватшин.

Чи гуна дил ба фараҳ бахшам,

Ки толеям раҳи ғам паймуд.

Зи хоки ҷурм сириштандам,

Куҷо равем зи айби худ.

Манам, ки пираму афсурда,

Дар интиҳои раҳам музтар.

Агар на сифлаву берӯӣ,

Ҷаҳон намешавадат чокар.

Зи мол ақл наафзояд,

Зи ҳусн ганҷ куҷо рӯяд.

Ҳанӯз тифлаки гаҳвора

Ба роҳи макр қадам пӯяд.

Ман интизори сабо будам,

Ки раҳ барад сӯи паҳноҳо.

Қашангу тунд пар афшонад

Ба тангно набарад худро.

Чи хуб буд, агар будӣ
Ризо зи ҳар касу аз ҳар чиз.
Дареғи шодиву осоиш,
Ки дерпо набувад ҳаргиз.

Касе суруд чу бархонад,
Ба гирди ӯ ҳама ҷамъ оянд.
В-агар ба калтакашон кӯбӣ,
Раҳи гурез напаймоянд.

Ба ростӣ,ки на осон аст
Зи фитрати ҳама пай бурдан.
Касе зи хеш Худо созад,
Сухан кунад ба фиребу фан.

Дигар,ки соҳиби қонун аст,
Кунад ба ҷони касон таҳдид.
Каси дигар чӣ табаҳкор аст,
Ба чеҳра гарчи бувад зоҳид.

Чӣ зоҳидон, ки ба ҳаҷ рафтанд,
Барои ному ҷаҳонронӣ.
На баҳри он ки бувад воҷиб
Адои фарзи мусалмонӣ.

Ту пирамарди тиҳидастӣ,

Бирав ба хона зи майдонҳо,

Агар ба хотири обу нон,

Равӣ ту бар мағалистонҳо.

Ба садри хон бинишонандат,

Зи ту дуо талабанд эшон.

Вале ту ҳарфе намеёбӣ,

Ки баҳсро бидиҳӣ поён.

Беҳ он ки, пиракии ғаммоз,

Ба хонаат бинишинӣ боз.

Ва гар ки дил равадат аз ҷо,

Ба хони кас набарӣ худро.

Ба ростӣ, ки аз ин сон пир

На чора рӯяду на тадбир.

Ҳар кас ғанист, ҷуз ғами сарват набошадаш,
Молаш фузудатар шаваду чашми ӯ ҳарис.
Роҳи ҳариф пӯяду ҷуз худ нагӯяд ӯ,
Ҷуз қути лоямут чӣ мерӯяд аз хасис.

Хоҳад зи молу ҷоҳ ба худ обрӯ харад,
То аз шигифт чашми адӯ кӯртар шавад.
Хукона зиндагӣ кунаду устухон диҳад
Онро, ки чун саге сӯи ӯ кафнигар шавад.

Мизони обрӯ, ки кунун молу давлат аст,
Мардум зи пушти зар ба наҷосат фитодаанд.
Бе қадру қиматанду ба хоке нишастаанд,
Онон, ки тоҷи илм ба сар бар ниҳодаанд.

Ин ҳарфро бихону биандеш, эй азиз,
Имони хешро чӣ ба савдо кашондаӣ.
Мардист дар иродаву ақлу дили бузург,
Бишнав, агар, ки ғофил аз нукта мондаӣ.

Дил ба ҳарфи ҳар касу нокас мадеҳ,
Дар паси ин меҳрубониҳо риёст.
Бар худ имон овару дар худ бимон,
Ақли ту худ даркушои қуфлҳост.

Пеши ҳар кас розро берун макун,
Ҷодаи шӯҳрат мапаймо бо шитоб.
Номҷӯӣ худфиребӣ беш нест,
Эй ки метозӣ ба дунболи сароб.

Гар ғам ояд, ғам махур, подор бош,
Шодӣ ояд, боз ҳам андоза дон.
Бар ниҳонгоҳи дили худ дар кушо,
Дар кушо бар кони ганҷи шойгон.

Дар ин бархурд бо гармову сармо
Бимирад охир эҳсоси ҷавонат.
Агарчи буд вақте оламошӯб,
Замоне таҳ нишинад шӯри ҷонат.

Ҳанӯз андар сароғози ҷавонӣ,
Ки чун рӯи ту рӯҳат низ пок аст.
Бифаҳмӣ, к-ин насиби мо дурӯзист,
Саранҷоми ҳама хок аст, хок аст.

Ва чандин рӯз, чандин рӯзи дигар
Бигӯӣ фош бо худ розҳоро.
Валекин шарм нагзорад, ки бинӣ
Чу дар ойина худро ошкоро.

Дигар кашфе, ки пеши хеш кардӣ,
Ҳубобе тобаду ночизу холӣ.
Чунон кашфи абас , ки менаёрӣ
Ба пеши кас намудан ҳарзанолӣ.

Агар аз худ фишонӣ коҳилиро,
Ҳамоно дар дилат зулмот бошад.
На панди носеҳе, не ройи хайре
Сиёҳии туро аз ҳам напошад.

Саҳл аст ин ки номи Худоро ба лаб барӣ,

Зеро на аз тариқи забон аст раҳ бар ӯ.

Он гаҳ расӣ ба фаҳми ҳақиқат, ки бар ниҳӣ

Ҷонро шабеҳи сафҳаи ойина рӯ ба рӯ.

Нерӯи тан дареғ мадору ба харҷ деҳ,
Дар дил бинои маърифати Кирдигор кун.
Ақлу дилу заковату буду набудро
Дар роҳи ишқ- ишқи Илоҳӣ нисор кун.

Ҳаргиз намешавад ба хирад дарки ҳақ намуд,
Ман оҷизам зи шарҳи муаммои инчунин.
Дар будану набудани ӯ фолҳо мазан,
Ҳаст ӯ, ки ҳаст ин ҳама мавҷудаи яқин.

Ҳастии он вуҷуди фаротар зи даркро
Бе он ки донад, ин дилам идрок мекунад.
ӯро шинохтам ману бечора зоҳиде
Бо мо сухан зи дурии афлок мекунад.

Одамӣ халтаест пур зи фасод

В- ар бимирад аз он батар гардад.

Эй , ки худро зи ман фузун гирӣ,

Кай ҳаво аз сари ту баргардад.

Дӯш кӯдак будӣ, кунун пирӣ,

Огаҳӣ аз давидани айём.

Пас Худо гӯю бандаро бинавоз,

Ки равӣ, аз паси ту монад ном.

Ман аз сагбаччае саг парваридам,

Ки дандон зад маро рӯзе ба ангушт.

Яке тирафканӣ омӯхт аз ман,

Чу тирандоз шуд, аввал маро кушт.

Гузашт умри пур аз ғуссаву пушаймонӣ,

Гузашт вақту набишнохтам ҳақиқати ӯ.

Мане, ки фозили даврон шумурдаам худро,

Ба мадҳи хеш кушодам лаби ситоишгӯ.

Дари савод кушодам ба мардуми нодон,

Ки рушд кардаву худро радифи ман бишнохт.

Дареғи он ҳамаи базму ишрату шодӣ,

Ки баргу бори ҳаёти маро фурӯ андохт.

Варо, ки теғ кашад бар хилофи маккорон,

Варо, ки дида ба ҳақ во кунад, урус хонем,

Шавем оқибати кор пеши худ иқрор,

Ки одамӣ ба абас бохтему шайтонем.

Маро на дӯст бувад, на нигори марҳами дил,

Ҳар он чӣ ҳаст, ҳамин шеъри дардбори ман аст.

Ҷаҳон ба дидаи ман дӯш кӯли софе буд,

Ҳар он чӣ ҳаст кунун, қалби доғдори ман аст.

Рафоқате, ки Худо дода, чашмаест савоб,

Чунон ки сӯҳбати ҷонон таҳорати ҷон аст.

Сияҳдиле, ки рафиқаш шинохтам, чун кард,

Ғазаб гирифту харошид як шабеям даст.

Дилам ҳанӯз ҳам уммедвори дилдорест,

Ки аз паёми хушаш сина мешавад равшан.

Вале куҷост, куҷо он ҳабиби нопайдо,

Ки дар ҳисори дилам боз мекунад равзан.

Хок мехоҳад ҳамоғӯшии ман,

Дар лабонам мезанам қуфли сукут.

Санг мебандад дили сӯзон маро,

Фориғ аз ҳангомаи буду набуд.

Зуд ё дер, оре, оре мениҳанд

Дар раҳи ман низ мӯҳри интиҳо.

Тарҳи ман чун рӯнамо хоҳад шудан

Баъд, дар оинаиояндаҳо.

Эй пас аз ман ҳаққи ҳастӣ ёфта,

Бар дилат бингар, ки бишносӣ маро.

Ғӯта зан дар шеъри ман, то бишнавӣ

Растухези тунди эҳсоси маро.

Яккаву танҳо дар ин шебу фароз

Бо ҳазороне занозан доштам.

Навҷавоне будаму бероҳае,

Ҳодиёнеро зи доман доштам.

Баъд аз он ки хешро дарёфтам,

Боз раҳ гум менамудам безамон.

Халқ аз дунболи ман пайрав нашуд,

Санги таҳқири варо будам нишон.

Меравам бар ломакони нестӣ,

Кӯлбори дил пур аз заҳру шарор.

Эй чакомакҳо, чакомакҳои ман,

Беш аз ин розам насозед ошкор.

Зеҳни ман пур шуд зи ҳикматҳои умр,

Панд гуфтам бо касони тундрав.

Ҳар чи қадре шӯяму соиш диҳам,

Кай шаванд ин мағзҳои кӯҳна нав.

Халқи ман бисёр халқи тундгӯст,

Ҷавҳари маънои ҳарфаш тирааст.

Сангро монад, ки бо ашку ба хун

Пиряхҳои дилаш натвон шикаст.

Гӯш деҳ бар шеъри дардолудаам,

Халқи ман як лаҳза маъниёб шав.

Аз ғурури худ гузар, бар ман нигар

Об шав аз ин суханҳо, об шав.

Бар абас бар кӯрароҳ афтодаӣ,

По бинеҳ бар шоҳроҳи ростин.

Илм ҷӯву синаи зулмат бидар,

Раҳ кушо бар субҳгоҳи ростин.

Боз ҳам думбура ба даст магир,

Мазан абрешимак бар тори хамӯш.

Кам кун, эй дил, ҷунуну валваларо

В-ар на чашмам бигардад ашкоғӯш.

В-арна гардад асири хотираҳо

Ин дили ман, дили гирифтаи ман.

Дар таҳи бори ғусса ҷон супурад

Сабри охир зи даст рафтаи ман.

Ин салоҳ аст, ки ба ман, эй ёр,

Нигаҳи гарми худ нисор кунӣ.

Равшанӣ густарӣ ба олами ман,

Ғуссаамро зи дил бухор кунӣ.

Эй ҳама меҳру дилбариву ноз,

Эй ҳама оташи гудозанда.

Дили бишкастаро дубора навоз

Бо каломи хуши навозанда.

Рӯҳи афсурдаро ба ҳар чӣ, ки ҳаст,

Мон, ки дастонат оштӣ бидиҳад.

Раҳ намо, то дубора фитрати ман

Ҷарф бишкофаду зи хеш раҳад.

Ҷони ман оқибат ба лаб омад

Аз шитоб, аз шитоби беҳосил.

Беш аз инам дигар азоб мадеҳ,

Охир, эй марҳами ҷароҳати дил.

Оҳ, ин таронаи кист, ин ки маро зи ман бурд,

Ёди паропарамро бо савти роҳзан бурд,

Мизроб зад ба парда, ҷони маро зи тан бурд.

Ман ташна метапидам дар домани биёбон,

Шукри Худо, расидам, инак, ба чашмасорон,

Оре, таронаи туст ин чашмаи зарафшон.

Аз он тарона ёдам тӯфон шуду сабо шуд,

Аз чеҳраи гузашта бардошт пардаҳоро,

Бо сеҳри исавияш ҷон дод мурдаҳоро.

Овозҳои рафта дар гӯши ман садо зад,

Во шуд ба дидагонам он рӯзгори мозӣ.

Қутам ҳамеша ғам буд он фасли худгудозӣ.

Дар худ фурӯ бирафтам, то даркашам фурӯтар

Заҳри гузаштаҳоро, онро, ки аз сари нав

Мерехт бар сари ман он издиҳоми качрав.

Дидам, ки бори дигар аз макри хасм мурдам,

Аз байни он ҳабисон сарро сиҳат набурдам,

Дигар куҷост заҳре, заҳре, ки ман нахӯрдам.

Агарат зангбаста бошад рӯҳ,
Субҳи фикрат куҷо шавад бедор.
В-ар чароғи хирад туро мурда,
Зиндагият шавад сиёҳизор.

Чӣ касанду чӣ сон диле доранд
Мардумони ҳубобиву бодӣ.
Ақлашон занг баставу хуфтаст
Аз табоҳиву ҷаҳлу бедодӣ.

Рӯҳҳо хуфтаву равон мурда,
На ниёзе, на ишқу дармоне.
Тану дил обу дона мехоҳад
Ғофил аз марги ҷони зиндонӣ.

Ман, ки бар олам одам омадаам,
Боядам сохт офтоби хирад.
Оҳ, аз ин халқи ҷоҳили ман, оҳ,
Ман вузӯ мекунам ба оби хирад.

Эй паркушода сӯи фарози булӯргун
Мағруру ворахидаву зебову сарбаланд.
Чун гандуми расида, ки сар мекашад бар ноз
Хуршедхоҳу сабзруху осмонписанд.

Фурсат расиду киштаи мо низ бор дод,
Доси замон ба даст гирифтему омадем.
Аз байни барфрезу самуму аҷузабод
Як рӯҳи бешикаст гирифтему омадем.

Бори зи ҳад фузуда, ки бар дӯши мо нишаст,
Нақше ниҳод, нақши азобе ба рӯи мо.
Чун хӯшаи гарони фурӯмонда хуфтаем
Хам хӯрда пеши хоку сар афканда пеши по.

Дар пушти сар ҳаёти пур аз заҳмату фироқ,
Дар интизори ҳукми азал истодаем.
Эй марг, ҷони мо ба куҷо мебарӣ, мабар,
Мо аз куҷо будем, ки инҷо фитодаем.

Фардо аз ин башар чӣ бимонад ба ғайри рӯҳ,
З- ин рӯ бибояд ин ду нафас ошиқона зист.
Чун наҳсхоки гӯру лаҳад интизори мост,
Имрӯз ҳаст шав, ки пагоҳи ту нест, нест.

Эй равшании ҷонам в-эй гавҳари чашмонам,

Эй захми ту хун баста дар синаи сӯзонам.

Он кист шабеҳи ту, эй ҳастии беҳамто,

Эй ҷони ба ҷонам ҷӯр, эй чашми ба чашмам во.

Раҳме макунам бар чашм, гирям ҳама шаб, гирям,

Бо ашк сухан шӯям, то тоза сухан гӯям.

Чашмат биниҳам бар чашм, чашмам ба забон хонад,

Шояд дили ту бе ҳарф ғамҳои маро донад.

Сӯзӣ ҳамарову худ бесӯзу шарар монӣ,

Аз он лаби хандонат гулханда маяфшонӣ.

Он гардани симину он мӯи баландатро

В- он лолаи рӯятро боре бинамо бар мо.

Эй тозаниҳоли субҳ, ларзон ба дами бодӣ

В-эй сабзбаҳори ҳусн, яктои худододӣ.

Пеш о, ки ҳамин як дам чашм об диҳам аз ту,

Нури нигаҳе афшон аз чашми хуши ҷоду.

Пеш ову табассум кун, ҳамнури баҳорон шав,

Пар-пар зану хуш –хуш хон ҳамҷӯри ҳазорон шав.

Эй нағмаат атрогин, як ламъаи хуршедӣ,

Шукре, ки ба ҷони ман рӯ кардаву тобидӣ.

Ин шӯҳрату шони ман аз ҳусни ту мағлуб аст,

Аз ҳусни ту ҳарфам нест, к- он хубтар аз хуб аст.

Ҳаққо, ки Худо мехост, то ман ту дил бандам,

Бо гиряи ту гирям, бо хандаи ту хандам.

Оре, ҳама дунёро дар банди ту мехоҳам,

Эй оби бақои ман, пайванди ту мехоҳам.

Он кист, ки бигзидӣ аз шефтагони худ,

Он кист ки мардона роҳи дили ту паймуд.

Мардон ҳама афсурданд аз ишқи ту ҷону тан,

Ё Раб, ту фароҳам кун, то дил равадаш бар ман.

Ба рағми тирагиҳои ҷаҳолат

Каломи оташинро теғ кардам.

Ҷаҳонро хостам тарҳи нав андохт,

Ки ман фарзонаам, озодмардам.

Вале танҳотарин будам дар ин роҳ,

На ҳамроҳеву на пушту панохе.

Ба ҳар ҷониб, ки мебурдам нигаҳро,

Намедидам ҷуз анбӯҳи сиёҳӣ.

Ба ин тасвирҳои сарди зулмат

Чӣ ҳам гӯям, ки ҳарфам коргар нест.

Дили инон на дил, санги сиёҳ аст,

Дили инон зи ишқе борвар нест.

Худоё, аз ҳама бегонаям ман,

Ки меҳмонам даруни хонаи худ.

Маро ин халқ, халқи нохудогоҳ

Чунон бегона монд, он гуна, ки буд.

Аҷаб ориши беранг хоҳанд,

Аҷаб осоиши бесӯзу созе.

Гаҳе раҳ меравaнд ин сӯву он сӯ

Агар раҳбар шавад ҳирсеву озе.

Аз ин мардум гурезонам, гурезон,

Чунон ҳам хастаам, бе тобу хаста.

Касе нашнид дар ин кӯ, ки вақте

Сухан мегуфт пире дилшикаста.

Зимистон

Рӯяш сафеду ҷомаву ришаш низ,
Бечашму безабону қавиҷон аст.
Печида дар қирови саҳаргоҳӣ
Сармо бар ин диёр шитобон аст.

Андар сараш кулоҳи сафеди барф,
Барфиву сарду тира нафасҳояш.
Омад чу хостгор бар ин даргоҳ
Маҳшар фиканда бо сару савдояш.

Чун сар фишонд, барф бишуд барчош,
Бӯрон шуду зи хашм бар ҳар сӯ тохт.
Ҷунбид юрти нилии шашгӯша,
Атфолро зи хеш бурун андохт.

Чӯпон, ки пӯстин ба тани худ дошт,
Ларзиду ҷома низ ба бар бинмуд.
Аспон заданд пой ба пой аз дард,
Бетобу яхкашидаву барфолуд.

Бархост пашмҳои тани гургон,
Бар дузди ҷону мол мадеҳ фурсат.

Асбони хешро бичарон боҳуш,

Аз ҳад фузун ба хоб мадеҳ навбат.

Маспор аспро ба даҳони гург,

Онро ба Кандибою Канай[1] бахшо.

Бигзор хушку холӣ аз ин маъво

Афтад ба роҳ пиракии сармо.

1. Канай – номи подабонҳо

Пойиз

Само аз абрҳои тира пур шуд,
Қирав мегустарад домони намнок.
Намедонам, зи сармо ё зи серӣ
Шуданд асбон ҳама бедору чолок.

Фасурда сабзаву гулҳои дӯшин,
Ҳаёҳӯҳои тифлон таҳ нишаста.
Дарахтон ҳам зи бебаргу навоӣ
Ту гӯӣ, чун гадои раҳ нишаста.

Фақире пӯстҳоро медиҳад ош,
Зи қаддаш ҷандаҳои пора резанд.
Ҷавонзанҳо ба хайма васла банданд,
Гурӯҳи пиразанҳо ришта ресанд.

Паропар турнаҳое боз гарданд,
Бигирад корвоне роҳи манзил.
Авулҳо хуфтаю берангу раҳмат,
Намебинӣ лабе бар ханда моил.

Зи сардӣ ҷисми пирон ларза гирад,
Вуҷуди кӯдакон сармо кашида.

Сагон бар сайди мушон пайт поянд

Раҳораҳ устухонеро надида.

Чарогоҳон дигар помол гашта,

Замин ин сӯву он сӯ пурғубор аст.

Даруни хонаҳо сард асту дилгир,

Дареғо, зиндагонӣ, даргузор аст.

Баҳор

Хандид офтобу нафасҳои гарм рехт
Бар обу хоку оташу боду ба ҳар чӣ ҳаст.
Офоқ хуфта буд чу танбӯри бенаво,
Равшанбаҳор омаду оҳанги сабз баст.

Пирон ҷавон шуданду ҷавонони навҷунун
Дар сар ҳавои ишқ паропарзанон шуданд.
Дар шохсори гулбасари дӯш бесадо
Мурғони шашмақомзан овозхон шуданд.

Шукри баҳор гуфтаву рафтанд кӯ ба кӯ
Хешону дӯстон ҳама аз деҳҳо ба деҳ.
Оғӯшҳо пуропури оғӯшҳо шуданд,
Дилҳо сало заданд зи шодии бешабеҳ.

Зангӯлаҳо навохт зи ҳавливу ҳотаҳо
Овози барраҳову шутурҳои ширмаст.
Дастони меҳрубони табиат ба шохаҳо
Хуни баҳорро бидамониду муғча баст.

Қувон кушода боли ҳарири булӯргун,
Дар соҳилони сабзхати мавҷошно.

Гар шаҳсавори асп паропар равӣ ба сайд,

Худ мешавӣ шикори бутони назаррабо.

Модар- замин зи синаи шодоб шир дод

Бар ҷумлаи гиёҳу дарахту гулу набот.

Парвардагор лутф намуду ҷаҳони сард

Пар шуд зи гармиву тарабоҳангии ҳаёт.

Ҷуз санг ҳар чӣ ҳаст, ҳамоно садо бизад,

Ғайр аз хасис ҷумла касон бокарам шуданд.

Пирони покҷону саҳархези бонамоз

Чун офтоб машъалаи субҳдам шуданд.

Баъди ғуруб салтанати кавкабон бубин,

Мағруру тобноку шабафрӯзу гармхун.

Дар пеши шаб баланду қашангу шукӯҳманд,

Дар пеши офтоб фурӯмондаву забун.

Хуршед кадхудост, замин наварӯси ӯст,

Оваҳ, чӣ лаззат аст висол аз пайи фироқ.

Эй кош, ки бар ҳарими Худованд мерасид,

Ҳар созу нолае, ки навозад найи фироқ.

Ин субҳ чун самандари хуршед пар кушод,

Чашмам рамад зи чашмбарии нигоҳи ту.

Фаслест фасли ишқу қиёму ҷунуну ноз,

Бо нури офтоб замин мекунад вузӯ.

Тобистон

Вақти тамуз сабзаву гулҳои наврасид
Қад мекашанд сар -сари паҳнову ёнаҳо.
Анбӯҳи кӯчиён ҳама ҷо хайма мезананд,
Дар соҳилони рӯди хурӯшони пурнаво.

Аспони ранг-рангу барозандаву ҷавон
Мастона ёлу бол зананду чаро раванд.
Дар ҷӯи об дам бифишонанд беқарор,
Аз неши орувони газанда куҷо раванд.

Хуш- хуш даванд кураи аспон ба марғзор,
Пар- пар зананд селаи зоғону ӯрдакон.
Хандону нағмахон ҳама сӯ хаймаҳо кашанд
Дӯшизагони шӯху ҷавонони гармҷон.

Бойи авул ба дидани молаш, ки рафта буд,
Ояд ба хона шоду ризоманду комгор.
В-он аспи юрғааш биниҳад гом бесадо
Сармасту ширмаст аз он боғу марғзор.

Пирон даруни хайма нишинанд даврагир,
Дар дастҳо сабӯи пур аз накҳати қимиз.

Тифлон гирифта домани модар, ки қанд деҳ
Бо қалбҳои беғаму чашмони ашкрез.

Боён ба рӯи қолини нармак нишастаанд
Дар пеши рӯ ниҳода самовори обҷӯш.
Мардони фазл ҳалқа бигиранд гарми баҳс,
Дарёсифат шаванду гуҳарбору пурхурӯш.

Ногаҳ зи хайма пири наҳифе бурун шавад,
Шалвори ӯ сафеду ба дасташ бувад асо.
Фарёдҳо занад ба шубон, то ки подаро
ӯ дуртар чаро диҳад аз пеши хаймаҳо.

Ин сӯву он сӯ роҳ равад пеши чашми бой,
Шояд зи лутфи бой қимиз мерасад варо.
Якчанд галлабони бари ҷома барзада
Шодона медаванд дар аспони бодпо.

Рӯзони нуқрагун ҳама аз ёд рафтаанд
Он гуна рафтаанд, ки н-оянд бозпас.
Бечора пирамард нигаҳ мекунад ҳазин
Дар сина таҳ нишонда дили сарди беҳавас.

Шаҳсаворе медавид аз пушти сайд,
Ҳар кӣ рӯбаҳ ҷуст, меёбад варо.
Асби нағзу ёри хуш доди Худост,
Ҷомаи лоиқ сазад сайёдро.

Аз панаҳгоҳаш чу некӯ бингарист,
Нақши пои сайдро бишнохт ӯ.
Самти раҳ дарёфт ӯ, тунду сабук,
Аз паи он нақшҳо биштофт ӯ.

Чашмбанд аз чашми бургут баргирифт,
Чашми ӯро бар фазоҳо боз кард.
Чашмҳояш хунгирифта мурғи хашм
Рӯ ба сӯи авҷҳо парвоз кард.

Дид бургутрову рӯбаҳ хира монд,
Дар дилаш бо зиндагӣ падруд хонд.
Ё ба дандон ё ба нохун, гуфт ӯ
Нақди ҷонро бояд аз душман раҳонд.

Рӯбаҳи доно рақиби хурд нест
Мурғи мағруру ҳавопаймойро.
Ҳаст найза дар бағал сайёд ҳам,
Медавонад ӯ саманди бодпо.

Ногаҳон чун санг бургут мефитад

Барқсон чашмобачашми душманаш.

Ду диловар размиы хунин мекунанд,

Мешавад сайёд маҳви диданаш.

Ду даранда ғофил аз суду зиён

Баҳри инсон хуни ҳамро мехуранд.

Бургуту рӯбоҳу барфи симгун,

Ин се чашмони тамошо мебаранд.

Нозанине гӯиё шӯяд танаш

Гесувонро дар бари рӯ хам зада.

Турраи ӯ обшори рез- рез,

Чеҳраи гулгуни ӯ шабнамзада.

Барф балки ҳамчу рахти оҳарист,

Рахти як шаҳбонуву як шоҳмард.

Бургут аз по афканад рӯбоҳро,

Он қадар зебост, зебо ин набард.

Рӯбаҳи бечора ҳам мағлуб шуд,

Хоҷаву бургут биболанд аз зафар.

Хоҷа дар хӯрҷин ниҳад рӯбоҳро,

Розӣ аз худ сар диҳад дуди сигар.

Сайди бисёре, ки ӯро даст дод,

Пур шавад аз ранги шодӣ синааш.

Бургуте дорад, чӣ ғам дорад дигар,

Хок бар сар шуд ғами деринааш.

Аз ҳама шуғле, ки дар дунё бувад,

Безабонтар аз ҳама бошад шикор.

Сайд онеро насиб ояд, ки ӯ

Ақли раҳбарро ба кор орад, ба кор.

Он ки сайёдист асли пешааш,

Мон, ки ин ҳарфи маро гирад ба ёд.

Баски ин лаззат бувад ноошно,

Бар касе, ки дил ба сайёдӣ надод.

## МУНДАРИЧА

### Дар чиллахонаи дил

Дуруд, эй қосиди фардо……………………………………………………

Себарга……………………………………………………………………

Ғафлат……………………………………………………………………

Ин кист, ин нишаста ………………………………………………………..

Ҳодии ҷовидона……………………………………………………………

Азизи дур…………………………………………………..……………

Остони ростон……………………………………………………………

Ман омадам………………………………………………………………

Беҳаёттар аз дай…………………………………………………………

Шартнома…………………………………………………………………

Дар ин баҳортарин лаҳзаҳо………………………………………………

Нӯшбоди бешароб…………………………………………………………

Бигзор зияд як дам…………………………………………………………

Ҳушдор……………………………………………………………………

Ҳамховару ҳамафранг………………………………………………………

Ҳарири ҷон…………………………………………………………………

Омадам хона…………………………………………………………………

Башорати нотамом…………………………………………………………

Аз ғайб сипар дорам…………………………………………………………

Мактуб………………………………………………………………………

Агар иҷоза диҳӣ……………………………………………………………

Рози лоҳут………………………………………………………………

Зиндагӣ…………………………………………………………………

Тавалло…………………………………………………………………

Оварам сурхкитобе………………………………………………………

Дили ман чоркитоби ишқ аст……………………………………..

Бехабарӣ…………………………………………………………………

Қанд зан…………………………………………………………………

Дӯст, аз будани бемаърифатам ҳеҷ напурс……………………………

Хумори ношикаста…………………………………………………………

Мекунад лай- лай…………………………………………………………

Фариштаи фарвардин………………………………………………………

Бирез, тифли барозида……………………………………………………

Ҳидоят бидеҳ………………………………………………………………

Шабоҳанг…………………………………………………………………

Таҳрир……………………………………………………………………

Дил, ба чӣ раҳ адо кунӣ…… ……………………………………………

Руҷӯи марди танҳо…………………………………………………

Мо залилему мӯҳташам ишқ аст……………………………………

Дастгир……………………………………………………………

Ишқ меояду дил ҳам……………………………………………

Тазод ……………………………………………………………

Рӯзи ғуруби ҳавсалаҳо…………………………………………

Гунаҳкор……………………………………………………………

Ғуруб омаду………………………………………………………

Аз паси парда…………………………………………………………………
Ту «Фиҳи мо фиҳи» ба ман бархон…………………………………………
Ман бо баҳор робитаи сабз ёфтам…………………………………………
Муколама……………………………………………………………………
Ман нотаи офтобро медонам………………………………………………..
Фурсати тавба…………………………………………………………………
Бори дигар гул ба гул кобин шавад…………………………………………
Он сӯи баҳор…………………………………………………………………..
Турна – турна бигзашта……………………………………………………….
Кӯдакӣ…………………………………………………………………………..
Дилам дар шаккаристон аст…………………………………………………
Оему равем……………………………………………………………………
Фасли сабзи ифтитоҳ……………………………………………………….
Баҳор мазҳари эъҷозҳои раббонист………………………………………..
Ҳаммилати хуршедӣ…………………………………………………………
Гул ба гул омадӣ……………………………………………………………..
Аксиома…………………………………………………………………………
Эй қулланаварди ман………………………………………………………….
Ҳам ишқи маҷозиӣ…………………………………………………………….
Наврӯз шуду……………………………………………………………………
Лавҳи эҳдоӣ…………………………………………………………………….
Чун ба анҷум ҷилваи пинҳон кунам……………………………………….
Макун ҳиқ – ҳиқ……………………………………………………………..
Аввалину охирин……………………………………………………………..
Пайғом…………………………………………………………………………

Вуруднома……

Дар инҳисори вақт……

Авҷ кабуд аст……

Насими субҳ……

Такрор……

Ҷон туӣ……

Як шакарханда бомдод……

Уммедвори мақдами Масеҳо……

Нури ту бар ҷаҳони ман……

Зангӯла зад офтоб……

Хаткашон……

Бо ту оиназор шуд дили ман……

Тариқи зистани бехато намедонам……

Чаман андар чаман……

Фатво……

Як ҷаҳон сухан дорам……

Номаи кӯтоҳ……

Муборак гӯ……

Нав мешавам……

Эй ишқи хокистаршуда……

Бесавод……

Эй ранги орзуят……

Сим мазан……

Нардбони таҷаммул……

То туро, эй хуҷастамашраб, ёфт……

Сурханбони чок – чок……………………………………………………

Эй дили гултабор……………………………………………………

Муҳаббат ҷӯ………..……………………………………………………

Дубора қудрати парвоз медиҳӣ ё не……………………………………

Сулуки сабз……………………………………………………………

Эй саҳар, рух кушо…………………………………………………..

Дили озод…………………………………………………………………

Дило, муносибатат бо баҳор қонунист…………………………………

Ду зебо…………………………………………………………………..

Тилисми боз…………………………………………………………….

Ҳар суханат сахо кунад…………………………………………………

Гавҳари сурх…………………………………………………………….

Навбаҳори атласпӯш…………………………………………………

Хайр, паноҳат ба Худо………………………………………………

Шабоҳат……………………………………………………………………

Дер кардем бар саломи баҳор…………………………………………

Раву баргард…………………………………………………………….

Лолаи лол……………………………………………………………….

Нашри зебоӣ…………………………………………………………….

Ғайб назан………………………………………………………………

Эй н- омадаи хуҷастамилод……………………………………………

Кӯрхат…………………………………………………………………..

Туро дорам……………………………………………………………..

Хазонак шуд…………………………………………………………….

Чун биёӣ……………………………………………………………………

Гул ба шабнам ҷомашӯӣ мекунад……………………………………..

То ифтитоҳи ҷавҳар………………………………………………

Матлаат хуршедмаънӣ…………………………………………

Хостӣ ҳафт осмонро дар занӣ………………………………

Имтиёз……………………………………………………………

Боре ба мо саодати дидор ҳадя кун…………………………

Тирамоҳи Лондон…………………………………………

Пайғом…………………………………………………………..

Таронаи шаҳри боронӣ………………………………………

Гули наргис……………………………………………………

Ватан…………………………………………………………

Сини салом……………………………………………………..

Эй вуҷудат вуҷуди наврӯзӣ…………………………………

Ҳанӯз равзанаи ман ба боғи гул боз аст……………………

Дӯст, туӣ…………………………………………………………..

Дар суроғи асл…………………………………………………….

Субҳи ваҳйовар…………………………………………………

Фалакро кардаӣ аз роҳ бероҳ…………………………………….

Шабҳои шубоб…………………………………………………….

Бар рӯҳи ман……………………………………………………

Умр……………………………………………………………………..

Бизӣ, эй ишқ……………………………………………………..

Кимиёи сабз……………………………………………………

Эй ғамат бо ғами ман ҳамфарёд……………………………………..

Аз саҳаристон биё…………………………………………………

Як арзан тавба…………………………………………………………………

Имрӯз рӯзи оинадорон аст…………………..……………………………

Гарчи ҳар рӯзи Худо………………………………………………………

Ту мемонӣ…………………………………………………………………

Гулҳои обон………………………………………………………………

Биёзмудӣ ба шӯру ширин…………………………………………….

Баҳори бохтаамро дубора баргардон…………………………..

Ҳоло ҳама қиёмати дил………………………………………………

Шодии оғоз……………………………………………………………….

Чаман гулҷӯш шуд……………………………………………………

Ягонатарин………………………………………………………………

Садбаргро мутолиа кун……………………………………………

Бояд канора ҷуст……………………………………………………….

Салавоти шукр……………………………………………………………

Дар лавҳи чаман……………………………………………………..

Табрики сабз………………………………………………………………

Дар ҷадвали дил……………………………………………………..

Дил номаи чаҳорқати нокушода монд…………………………….

Дили хамӯшам……………………………………………………….

Ҳамшеваи баҳорам……………………………………………………

Табрик бигӯ…………………………………………………………………

Бишунав, ай осмонӣ…………………………………………………………

Мисли худ биё…………………………………………………….

Дил аз қафас………………………………………………………………

Биё, баҳор кунем……………………………………………………

Наркоз…………………………………………………………………..

Кай шавад барге ба боғе…………………………………………………

Тифлӣ гузашту гум шуд…………………………………………………..

Чаҳ – чаҳи гули сурх………………………………………………………

Чорзарби дил…………………………………………………………

## ТАРҶУМАҲО

### Иоҳан Гӯте

### Аз «Девони ғарбиву шаркӣ»

Андешаи озодӣ……………………………………………………..

Одамсозиву дамандозӣ……………………………………………..

Суханпардозӣ ва пайкарасозӣ……………………………………..

Ҷасорат…………………………………………………………………

Найшакар…………………………………………………………………

Фатво…………………………………………………………………

Боз барои Ҳофиз………………………………………………………

Аз «Ишқнома»…………………………………………………………

Таскини бебарор…………………………………………………………

Дуруд…………………………………………………………………….

Ногузир……………………………………………………………………..

Нуҳуфта…………………………………………………………………….

Аз «Китоби андешаҳо»……………………………………………………

Пок будам…………………………………………………………………

Аз кучо омадаам…………………………………………………………..

Ин мегузарад……………………………………………………………

Зан аз паҳлӯи чап шуд…………………………………………………

Биштоб ба сӯҳбати ҳакиме……………………………………………..

Зулайхо………………………………………………………………….

Нав ба нав вазн, ки ёбӣ, чӣ накӯст…………………………………….

Дареғам нест……………………………………………………………

Аз «Шикоятнома»………………………………………………………

Маҷӯ, он чӣ ба ҷустан…………………………………………………….

Чашми раҳбурда………………………………………………………..

Бечароғ аст шабу………………………………………………………..

Ин фавҷ-фавҷи мардум…………………………………………………….

То чанд…………………………………………………………………..

То назду дурр…………………………………………………………….

Ҳар кас, ки хамӯш аст…………………………………………………

Ҷуз аблаҳӣ набвад…………………………………………………….

Бар олами Миёназамин…………………………………………………

Гарчи то Макка ҳам…………………………………………………….

Гар ту дурӣ………………………………………………………………

Эй ки дурӣ………………………………………………………………

Аз «Соқинома»…………………………………………………………

Аз «Масалнома»………………………………………………………

Гулбонги булбул…………………………………………………………

Умедвори мӯъҷиза……………………………………………………..

Аз «Форсинома»………………………………………………………

Падруд…………………………………………………………………..

Александр Пушкин

Иқтидо ба Қуръон

Қасам ба ҷуфту тоқ……………………………………………………….

Эй занон………………………………………………………………….

Афтод дар абрӯи набӣ……………………………………………………

Паҳлавоне хост……………………………………………………………

Намеҷунбад замин………………………………………………………..

Ман шуморо дидаам……………………………………………………..

Бархез, эй рамида………………………………………………………..

Бар гадоён гар каримӣ мекунӣ…………………………………………

Раҳнаварде хаста менолид………………………………………………

Анна Аҳмадова

Гӯр кун……………………………………………………………………

Хира мешавад дар дил…………………………………………………..

Нағмаи содаву нуронии ишқ……………………………………………

Васли ду дил………………………………………………………………

Бехобӣ……………………………………………………………………..

Ба Н. Р………………………………………………………………………

Аз куҷо тори нуқрагун пайваст…………………………………………

Аз хонаи сафед……………………………………………………………

Бо ту, эй шӯхписар………………………………………………………..

8 ноябри соли 1913………………………………………………………..

Ман таваллуд шудам………………………………………………………

Овах, андар шаҳри бемонанди Петр……………………………………..

Инак, салом…………………………………………………………………

Ба Александр Блок………………………………………………………

Нидо мадеҳ……………………………………………………………….

Хона холӣ шуд……………………………………………………………

Ҷудоӣ……………………………………………………………………

Кӣ рухсат дод……………………………………………………………

Аз Худо шӯҳрат намехоҳам……………………………………………….

Оҳ, он малак…………………………………………………………….

Ҳоло, ки шом лағҷад…………………………………………………….

Чун наварӯс гирам………………………………………………………

На асрорҳо………………………………………………………………

Густурда бисоти зардро…………………………………………………

9 декабри соли 1913……………………………………………………

Ҳоизаӣ…………………………………………………………………

Аввалин бор……………………………………………………………..

Ман биянгорам………………………………………………………….

Он замоне, ки ба гӯшаш бирасад………..………………………………

Инак, душанбе……………………………………………………………

Фохтакро гуфтам…………………………………………………………

Инак, ин баҳри нуқрафоми шимол……………………………………….

Зани Лут………………………………………………………………….

Ӯ набифристод……………………………………………………………

Эпиграмма………………………………………………………………..

Чун даргузарад……………………………………………………………

Шуморо диҳам ҳушдоре…………………………………………………

Пешаи қудсии мо…………………………………………………………

Ба ёди дӯст…………………………………………………………………..

Хайр набвад……………………………………………………………………

Соядаст……………………………………………………………………..

Таронаи падруд………………………………………………………………

Ман ба тилфон намекунам бовар……………………………………………

Маро бо қисмати мудҳиш натарсон…………………………………………

Мусаввадаҳои комаровӣ……………………………………………………

Себаргаи маскавӣ……………………………………………………………

Беунвон……………………………………………………………………

Нӯшбоди дигар………………………………………………………………

Инак, ин тирамоҳи некcамар…………………………………………………

Ҳарчанд, ки нест меҳани ман……………………………………………..

Сергей Есенин

Шомест лоҷвард………………………………………………………………

Тозагулҳо……………………………………………………………………

Марина Светаева

Дар понздаҳсолагӣ……………………………………………………………

Рӯзакон, рӯзакони тиллоӣ……………………………………………………

Ба унвони Байрон…………………………………………………………..

Барои Блок…………………………………………………………………

Ба Анна Аҳмадова……………………………………………………………

Аз миёни барфҳо………………………………………………………………

Он лаҳза………………………………………………………………………

Зи баҳсҳо бишавад……………………………………………………………

Бӯса бар пешонӣ………………………………………………………………

Бигзор рӯз бошад…………………………………………………………

Партави бемаҳал…………………………………………………………

Дасте, ки ба дасти ёр лозим нест…………………………………………

Бо мӯҳри ғайришаръӣ……………………………………………………

Шеър мерӯяд……………………………………………………………

Пари парвоз………………………………………………………………

Бар қасди буданат………………………………………………………..

Шуморо дӯст медорам……………………………………………………

Ту маро ҳеҷ гаҳ намеронӣ……………………………………………….

Ба Ту………………………………………………………………….

Як замон……………………………………………………………………

Ҳамон навҷавонӣ…………………………………………………………

Ояд оҳиставу бешӯру мағал………………………………………………

Ба як баҳр лозим…………………………………………………………

Ба С.Э………………………………………………………………………..

Ба С.Э………………………………………………………………………..

Ба ин нодориву нопойдорӣ………………………………………………

Дидаам дар рӯзи равшан…………………………………………………

Чу дасте медиҳам…………………………………………………………….

На ситоиш……………………………………………………………………

Ман огаҳам…………………………………………………………………..

Офтоби аввалин……………………………………………………………..

Сояи нимрӯзии мӯят………………………………………………………

Ғуруру тавозӯъ………………………………………………………………..

Ҳангоми шафақхез…………………………………………………………..

Раҳ мебарад……………………………………………………………..

Фикрам намак бувад………………………………………………………

Тиреза………………………………………………………………………..

Баҳрнаворд…………………………………………………………………

Дугона…………………………………………………………………

Дӯст медоштӣ………………………………………………………

Дар ин дунё…………………………………………………………

Ба зиндагӣ……………………………………………………………

Барнахурдаст чархи раъд………………………………………

Мамлакат………..……………………………………………………

Беҳудааст шеърат…………………………………………………..

Роҳи рагҳоро кушодам…………………………………………

Андешаи шоир……………………………………………………….

Дар сангфарши роҳ………………………………………………..

Бо чашмҳои боз…………………………………………………….

Замон бигзашт……………………………………………………….

Чун кӯҳи қатор………………………………………………………

Фурсат омад………………………………………………………….

Абай

Зарбаҳои набзи соат………………………………………………

Мо тоирем……………………………………………………………

Эй қазоқ…………………………………………………………………

Навҷавон будам…………………………………………………….

Акнун, ки бар дуроҳаи пирӣ……………………………………..

Бургут……………………………………………………………………

Раҳгумзада пиндорад………………………………………………………

Ҷуз ғами сарват…………………………………………………………

Бар тани зиндаам…………………………………………………………

Эй даруни синаат…………………………………………………………

Шеър гуфтам……………………………………………………………..

Таронаи духтар…………………………………………………………

Аз кокули ӯ………………………………………………………………

Зиндагонӣ зи даст шуд охир……………………………………………

Беш аз ин худро гудозидан чаро………………………………………..

Ҳазорпора дилам…………………………………………………………

Вазъ гӯяд…………………………………………………………………….

Дилмондаам………………………………………………………………

Шеър аст…………………………………………………………………

Бӯи вафо нест……………………………………………………………

Зи илм ғусса ба бор ояд…………………………………………………

Ҳар кас ғанист……………………………………………………………

Дил ба ҳарфи ҳар касу нокас мадеҳ…………………………………….

Дар ин бархурд……………………………………………………………

Саҳл аст……………………………………………………………………

Нерӯи тан…………………………………………………………………

Одамӣ халтааст……………………………………………………………

Ман аз сагбаччае саг парваридам……………………………………….

Гузашт умр…………………………………………………………………

Хок мехоҳад………………………………………………………………

Зеҳни ман…………………………………………………………………

Боз ҳам думбура ба даст магир……… ……………………………………..

Оҳ, ин таронаи кист…………………………………………………………

Агарат зангбаста бошад рӯҳ…………………………………………………..

Эй паркушода…………………………………………………………………..

Эй равшании ҷонам……………………………………………………………

Ба рағми тирагиҳои ҷаҳолат………………………………………………….

Зимистон..………………………………………………………………………

Пойиз……………………………………………………………………………

Баҳор……………………………………………………………………………

Тобистон………………………………………………………………………..

Шаҳсаворе медавид……………………………………

Файл: Себарга тахрири ман
Каталог:
I:\YandexDisk\Documents\Накопительная\Китобсози\Себарга
Шаблон: C:\Documents and Settings\1\Application Data\Microsoft\Шаблоны\Normal.dotm
Заголовок: Документ
Содержание:
Автор: Тагоев А.
Ключевые слова:
Заметки:
Дата создания: 05.02.2014 22:54:00
Число сохранений: 4
Дата сохранения: 06.02.2014 22:09:00
Сохранил: Тагоев А.
Полное время правки: 298 мин.
Дата печати: 06.02.2014 22:10:00
При последней печати
страниц: 503
слов: 35 996 (прибл.)
знаков: 205 178 (прибл.)